**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ 9 (575.3)**
**ТКБ 63.3 (2 тоҷик)**

*Боҳуқуқи дастнавис*

**ЗУБАЙДУЛЛОЗОДА САИДҶОН ХАЙРУЛЛО**

# ҚУБОДИЁН ДАР АСРИ XX - ИБТИДОИ АСРИ XXI

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 -Таърихи ватанӣ)

**Роҳбарӣ илмӣ:**
Узви вобастаи АМИТ
д.и.т., профессор Пирумшоев Ҳ.

**ДУШАНБЕ-2025**

## МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО.....................................................................3**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................4**

**БОБИ I. БЕКИГАРИИ ҚУБОДИЁН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX...........19**

1.1. Шарҳи мухтасари таърихӣ-ҷуғрофии бекигарии Қубодиён...............19

1.2. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX ..........................................................................................25

**БОБИ II. БАРПОШАВИИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ, ДИГАРГУНСОЗИҲОИ ИҚТИСОДӢ – ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ 20-40-УМИ АСРИ XX................50**

2. 1. Ташкилёбии сохтори идории Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Қубодиён ..........................................................................50

2.2. Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнав – барқароркунии баъдиҷангӣ .....................................................................67

**БОБИ III. НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX...74**

3.1. Рушди соҳаҳои агросаноатии ноҳияи Қубодиён ................................74

3.2. Ҳаёти иҷтимоӣ – фарҳангии ноҳия ......................................................98

**БОБИ IV. НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ...................................................................................................................116**

4.1. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия дар шароити душвори ҳарбӣ – сиёсии охири асри XX – ибтидои асри XXI ...............................116

4.2. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити нави иқтисоди бозорӣ .........................................................................................127

4.3. Муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар ибтидои асри XXI.................................................................................................147

**ХУЛОСА.................................................................................................166**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ ...........................................................................171**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқи Шуравии Бухоро

ҲК – Ҳизби Коммунистӣ

ҶМШСТ – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШСТ – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМҲКУ – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Умумитифоқи

КМ – Кумитаи маркази

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқи

ПМТ – Парки мошину Тракторӣ

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

ҲКИШ – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

СММ – Созмони Миллали Муттаҳид

ҶДММ – Ҷамъияти Дорои масъулияти Маҳдуд

ҶСП – Ҷамъияти Саҳомии Пӯшида

АБТ – Ассотсиатсияи Бойторони Тоҷикистон

ҲҶТ – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

ҶСК – Ҷамъияти Саҳомии Кушода

КИМ – Кумитаи Ичроияи Маркази

ИХО – Идораи Хоҷагии Об

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиш ва таҳқиқи таъриху фарҳанги халқи тоҷик дар ташаккулёбии худшиносии миллӣ яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол маҳсуб меёбад. Дар таърихнигории ватанӣ, кишваршиносӣ ва омӯзиши таърихи минтақаҳо, ноҳияҳо, ки дар даврони Шуравӣ қариб таҳқиқ нагардида буданд, аҳаммияти боризро доро мебошад. Бояд тазаккур дод, ки Қубодиён, таърихи бостониро доро буда, дар таърих, фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик нақши муҳимро касб намуда, таҳқиқи таърихи он дар таърихнигории ватанӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки “дар давоми солҳои истиқлолият мардуми заҳматкаши ноҳияи Қубодиён дар қатори дигар сокинони мамлакат барои пешрафти сатҳи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат садоқатмандона кору фаъолият намуда, бахусус дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ саҳми сазовори худро гузошта истоданд” [94, с. 11].

Баъди аз ҷониби Россия забт шудани Осиёи Миёна дар ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, Бухорои Шарқӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омад. Дар шароити ниҳоят душвор, набудани роҳи дурусти нақлиёт тадқиқотчиёни рус таъриху фарҳанг ва сохти иқтисодию иҷтимоии минтақа, аз ҷумла Қубодиёнро, дар охирҳои асри XIX – ибтидои асри XX мавриди омӯзиш қарор доданд. Аммо таҳлили тадқиқотҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ноҳияҳои ҷанубу шарқӣ ва марказии Тоҷикистон (Бухорои Шарқӣ) ва омӯзиши таъриху вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии ин минтақаҳо аз ҷониби муҳаққиқону таърихшиносон, дар қиёс ба қисмати шимолии Тоҷикистон ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Асарҳои илмие, ки паҳлуҳои мухталифи ин минтақаро мавриди омӯзиш қарор додаанд, як ранг набуда, давраҳои гуногуни таърихии онро мавриди таҳқиқот қарор додаанд.

Дар тадқиқоти мазкур дар асоси сарчашмаҳо, асарҳо ва мақолаҳои илмӣ таърихи Қубодиён дар асрҳои XX – ибтидои XXI, ки аз нигоҳи даврабандии таърихӣ се давраро – дар таркиби Бухорои Шарқӣ, Тоҷикистони Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар бар мегирад, баррасӣ карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда дар он зоҳир мегардад:

**Якум,** ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён то имрӯз дар таърихнигории ватанӣ ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, маҳз ҳамин нуқта асоси мубрамияти мавзуъро муайян менамояд.

**Дуюм,** бекигарии Қубодиён мавқеи муҳимми ҷуғрофӣ-иқтисодиро доро буда, дар ҳаёти сиёсӣ аморати Бухоро мақоми махсусро ишғол мекард. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши таърихи Қубодиён дар давраи бекигарӣ имконият медиҳад, ки аз диди нав мақоми ин гӯшаи диёрро дар сиёсати аморати Бухоро муайян намуд.

**Сеюм,** дар замони Шуравӣ шароити маишии аҳолии ноҳияи Қубодиён рӯ ба беҳбудӣ оварда, маорифу мактаб ва хизматрасонии тиббии ройгон таъмин, инчунин муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ сохта шуданд, ки дар хизмати мардум қарор доштаанд. Барои ҳамин, дар асоси таҷрибаи таърихии як ноҳия таҳқиқи пешравиҳои замони Шуравӣ мубрам буда, он саҳми меҳнаткашони ноҳияро дар ин самт муайян менамояд.

**Чорум,** дар солҳои Истиқлоли давлатӣ ноҳияи Қубодиён тавассути тадбиру хиради Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба нишондодҳои назаррас ноил гардид ва аз ин лиҳоз, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додани масоили мазкур дар доираи як таҳқиқоти илмӣ саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, муқоиса намудани ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолии Қубодиён дар се давраи таърихӣ: пешазинқилобӣ, Шуравӣ ва замони Истиқлол мубрамият, муҳиммияти илмӣ – таърихии ин мавзуъро исбот менамояд.

**Дарачаи омӯзиши мавзуи илмӣ.** Перомуни таърихи Қубодиён як қатор асарҳои илмӣ-оммавӣ ва мақолаҳо интишор гардидаанд, ки мо онҳоро ба 6 гурӯҳ ҷудо намудем.

**Ба гурӯҳи якум,** осори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро номбар кардан мумкин аст, ки дар онҳо маводҳо бахшида ба таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави ин диёри куҳан оварда шудааст [122, с. 240; 123, с. 256; 124, с. 576]. Муаллиф дар асарҳои хеш ба ёдгориҳои бостоншиносии Қубодиён, ба мисли Тахти Сангин, Тахти Қубод, Қалъаи мир, Теппаи Шоҳ, Уштурмулло ва дигар ҳафриётҳои қадими ин диёр диққати махсус зоҳир намуда, аҳаммияти таърихӣ-фарҳангии онҳоро қайд намудааст.

**Гурӯҳи дуюмро** асарҳои дастаҷамъона [82, с. 752; 83, с. 752; 115, с. 463; 139, с. 644] ва асарҳои илмии бунёдӣ [65, с. 563; 66, с. 700; 67, с. 412; 96, с. 125; 105, с. 304] ташкил мекунанд, ки дар онҳо аз таърихи Қубодиён, чун ҷузъи ҷудонашавандаи таърихи халқи тоҷик аз давраҳои қадимтарин то имрӯз маълумотҳо оварда шудааст. Ба ин гурӯҳ, шоҳасари академик Б. Ғафуровро [65, с. 563] махсус қайд кардан лозим аст, ки дар он дар мабнои сарчашмаҳои нодири таърихӣ роҷеъ ба таърихи қадим, асри миёна ва нави Қубодиён маълумотҳо ҷой доранд. Дар баробари монографияҳо азтаърихи ноҳияи Қубодиён барпо гардидани сохти Шуравӣ дар минтақа ва рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия дар асарҳои дастҷамъонаи муҳаққиқони замони Шуравӣ низ инъикос гардидаанд [114, с. 435; 77, с. 569].

**Гурӯҳи сеюмро** адабиёти махсус, ки бевосита ба таърихи Қубодиён бахшида шудааст, ташкил мекунад [103, с. 636; 116; 70; 88; 87, с. 302-306; 95, с. 238; 127, с. 197; 152, с. 133; 57, с. 66; 93, с. 220]. Дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Қубодиён асарҳои илмии М.М. Дяконов [70], ки ба ҳафриётҳои бостоншиносии Қубодиён бахшида шудааст, аҳаммияти назарраси илмиро доро мебошад. Бояд қайд намуд, ки ин нахустин натиҷаҳои илмии бостоншиносон дар ҷануби Тоҷикистон ба даст омад, ки ҳанӯз дар солҳои 50-уми асри XX ба илми бостоншиносии ҷаҳон маълум гардид. Дар ин самт асарҳои Б.А. Литвинский, А.И. Седов [95, с. 238; 127, с. 197] низ ҷолиби

диққат мебошанд, ки дар натиҷаи ин таҳқиқотҳо вобаста ба таърихи асримиёнагии Қубодиён маълумотҳои нодир ба гардиши илмӣ ворид гардиданд. Доир ба таърихи бекигарии Қубодиён аз тарафи муҳаққиқони ватанӣ оид ба таърихи бекигарии Қубодиён таҳқиқотҳои илмӣ ба анҷом расидаанд.

Маводҳои арзишманд аз ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар китоби Ш. Юсупов [152, с. 133] оварда шудааст. Дар он муаллиф сохтори маъмурии бекигариро дар умум, бо ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии Бухорои Шарқӣ баррасӣ намудааст. Нахустин китоб оид ба таърихи қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарини Қубодиён ба қалами таърихшинос Ф. Абдурашитов [57, с. 66] тааллуқ дорад. Гарчанде ки асар дар такя ба сарчашмаҳо ва китобҳои чопшуда таҳия шуда, характери илмӣ-оммавӣ дошта бошад ҳам, дар он муаллиф кӯшиш намудааст, ки таърихи бисёрҳазорсолаи ин диёри куҳанро мухтасар инъикос намояд.

**Гурӯҳи чорумро** асарҳо перомуни таърихи аморати Бухоро ташкил медиҳанд, ки дар онҳо таърихи Бухорои Шарқӣ ва аз ҷумла, бекигарии Қубодиён таҳқиқ гардидааст [101, с. 336; 68, с. 906; 73, с. 223; 74, с. 596; 121, с. 190; 132, с. 56; 64, с. 415; 36, с. 239; 42, с. 977-978; 41, с. 599; 39, с. 107]. Бояд қайд намуд, ки ибтидои асри XX дар бораи бекигарии Қубодиён таҳқиқотчиёни рус асару мақолаҳо таълиф ва нашр намуда, дар гузоришҳои худ маълумотҳои муфид додаанд, ки дар омӯзиши таърихи Қубодиён нақши муҳим доранд. Масъалаи мазкур дар таърихнигории Шуравӣ боз дақиқтар таҳлил шудааст. Муҳаққиқ Ҳ. Пирумшоев дар баробари дигар манотиқи Бухорои Шарқӣ оид ба таърихи охири асри XIX – ибтидои XX-и Қубодиён дар асоси гузоришҳои тадқиқотчиёни тоинқилобии рус пажуҳиши илмӣ ба анҷом расонидааст [119, с. 132]. Дар асари мазкур, мероси илмии тадқиқотчиёни рус аз нуқтаи назари илми таърихнигорӣ ҷиддан таҳлил шуда, муаллиф дар асоси маълумоти олимони рус оид ба шумора ва ҳайати аҳолии бекигариҳои мазкур, сатҳи зиндагии мардум, вазъи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии онҳо далелу мисолҳои мушаххас овардааст. Дар асари академик Б. Искандаров бошад, оид ба бекигариҳои Бухорои Шарқӣ

тибқи манбаъҳои хаттӣ ва маводи бойгонӣ маълумот дода шуда, дар хусуси бекигарии Қубодиён низ фикру ақидаҳои ҷолиб омадааст [80, с. 214; 76, с. 352; 78]. Дар асарҳои профессор О. Маҷлисов бошад, муносибатҳои аграрии ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ баррасӣ гардидааст, ки ноҳияи Қубодиён низ аз он истисно нест [98, с.330].

Дар китоби А.Ш. Розиқзода ва И. Азим, ки дар ҳаммуаллифӣ таҳия гардидааст [126, с.220], масъалаи ҳаёти ҳамарӯзаи сокинони Бухорои Шарқӣ ва аз он ҷумла, машғулиятҳои асосии онҳо аз қабили косибӣ, ҳунармандӣ, кишоварзии аҳолии бекигарии Қубодиён маълумот оварда шудааст. Аҳаммияти илмӣ-назариявии ин китоб дар бой будани сарчашмаҳо ва ворид намудани онҳо ба гардиши илмӣ мебошад.

Ба **гурӯҳи панҷум** асарҳое, ки бевосита [57, с. 66, 72] ва қисман ба таърихи навтарини Қубодиён тааллуқ доранд [60; 61; 150, с. 470; 55, с. 341-373; 107, с. 165; 144, с. 337], оварда шудаанд. Дар ин гурӯҳ китоби Ф. Абдурашидов ва Х. Давлат таҳти унвони «Шуҷоат баҳри Ватан», ки ба 65-солагии Ғалаба бар зидди фашизм бахшида шудааст, қаҳрамониҳои намояндагони ноҳияро дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва дар ақибгоҳ хеле васеъ инъикос менамояд.

**Гурӯҳи шашумро** китобҳои илмӣ-оммавӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқон Ғ. Ғоибов [68, с.906], Х. Абдуназаров [59, с.460], Д. Қувватӣ, Ф. Абдурашидов, Қ. Сатторӣ [93, с.220] таҳия шудаанд, ташкил медиҳанд. Агар китобҳои Ғ. Ғоибов ва Х. Абдуназаров ба таърихи Хатлон бахшида шуда, дар онҳо қисман масъалаҳои таърихи Қубодиён баррасӣ шуда бошад, дар китоби Д. Қувват, Ф. Абдуррашидов, Қ. Сатторӣ аз таърихи Қубодиёни бостонӣ аз замонҳои қадимтарин то имрӯз, ҷуғрофияи табиию иқтисодии ноҳия, ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ, доираи илмию адабӣ, самараи даврони истиқлолият ва ояндаи дурахшони ин сарзамини куҳанбунёд ба таври мухтасар маълумот дода мешавад. Дар он то андозае дар муайян намудани таърихи ноҳия, мақом ва ҷойгоҳи тоҷикон, рушди он дар замони Шуравӣ ва дастовардҳои Истиқлолият ба таври оммавӣ баррасӣ гардидааст.

Тавре аз таҳлили таърихнигории масъала бар меояд, дараҷаи омӯзиши таърихи Кубодиён дар таърихнигории ватанӣ қонеъкунанда нест. Албатта, хизмати муҳаққиқони зикршуда дар омӯзиши таърихи бекигарӣ ва ноҳияи Қубодиён хеле калон буда, аммо илми таърих ҳама вақт дар асоси сарчашмаҳои ҷадид назари навро талаб менамояд. Ҳамин тариқ, яке аз сабабҳои асосии таҳқиқот, аҳаммият ва мубрамияти он низ дар камтаҳқиқ будани ин масъала мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи нақшаи панҷсолаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот**. Мақсади рисола мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиёнро дар асри XX - ибтидои асри XXI мебошад. Дар таҳқиқот сохтори маъмурӣ, шароити маданӣ-маишии мардум, касбу кор, ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми илму фарҳанги Қубодиён ҳамчун масъалаҳои афзалиятнок муайян шудааст.

Вобаста ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

-инъикос намудани сохтори маъмурии бекигарии Қубодиён;

-муайян намудани ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоии бекигарии Қубодиён;

-баррасӣ намудани раванди барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён;

-омӯзиши раванди сохтмони хоҷагии коллективӣ дар ноҳияи Қубодиён;

-муайян кардани вазъи кишоварзии минтақа дар замони Шуравӣ;

-муайян намудани мақоми чорводорӣ дар беҳтар намудани ҳаёти иқтисодии мардуми ноҳия;

-инъикоси вазъи ҳунармандӣ ва касбу кори сокинони минтақа;

-муайян намудани низоми андоз ва таъсири он ба вазъи иқтисодии аҳолии ноҳия;

-тавсифи вазъи фарҳангӣ дар асри XX – ибтидои асри XXI;

- муайян намудани дастовардҳои соҳаи агросаноатии ноҳия дар замони шуравӣ;

- таҳлил ва инъикоси вазъи фарҳангии ноҳия дар ибтидои асри XXI.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI бо истифода аз сарчашма ва адабиёти илмии марбут ба масъала мебошад.

**Объекти таҳқиқот** ин осори илмии муҳаққиқони ватанӣ, хориҷӣ ва дигар сарчашмаю тадқиқотҳои ба мавзуи мазкур дахлдошта мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Марҳилаи таҳқиқот солҳои 2015-2018, яъне давраи таҳсили унвонҷӯ дар зинаи докторантура (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ)-ро дар бар гирифта, он аз интихоби мавзуи рисола, роҳбари илмӣ, таҳияи нақшаи корӣ, ҷамъоварӣ, таҳлил, омӯхтан ва ба низом даровардани маълумот, интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, иштирок дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногунро фаро мегирад.

**Макони таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ (Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) анҷом дода шуда, макон ва объекти таҳқиқи он ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлонро дар бар мегирад.

**Давраи таҳқиқот** асосан асри XX – ибтидои асри XXI-ро дар бар мегирад, ки он аз мавзуи рисола маншаъ мегирад. Ин даврае буд, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодии Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Қубодиён дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи ғалабаи Инқилоб дар Бухоро ва бекигариҳои шарқии он низ сохти нав ғалаба кард. Аз солҳои 20-ум то солҳои 90-ум ва аз ибтидои солҳои 90-ум то имрӯз ноҳия мисли дигар манотиқи Тоҷикистон дар зери барномаҳои давлатӣ рушд ёфта, ба яке аз

марказҳои асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзию саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт.

**Ҷуғрофиёи таҳқиқот** қаламрави ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлонро ва махсусан, ноҳияҳои Шаҳритус ва Носири Хусравро, ки дар таркиби бекигарии Қубодиён қарор доштанд, дар бар мегирад. Аммо дар баъзе мавридҳо барои муқоисанамоии таҳқиқи мавзуи матраҳгардида аз дигар манотиқи ҳамҷавор низ барои таҳлил мисолҳо оварда шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии рисола.** Асарҳои олимони таърихшинос ва фарҳангшиносони маъруф ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ ба сифати асоси методологии тадқиқот мавриди истифода қарор дода шуданд. Принсипи методологӣ таърихият мебошад, ки имконият медиҳад далелҳо ва воқеаҳоро дар вазъияти мушаххаси таърихӣ баррасӣ намуда, алоқамандии онҳоро вобаста ба шароит муайян намоем. Дар рафти таҳқиқот аз усули таърихӣ васеъ истифода шудааст. Ин усул дорои се хусусияти худ: таҷассум намудани хислат, хусусияти танқидӣ ва муқоисавӣ мебошад, ки воқеаҳои гузаштаро омӯхта, онҳоро байни ҳамдигар муқоиса менамояд. Шабеҳияти онҳоро муқоиса намуда, сабаби зуҳури онҳоро шарҳ додан ба муҳаққиқ имконият медиҳад, ки дақиқан як қатор воқеаҳои таърихиро равшан гардонад.

**Пайгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Маводи бойгонӣ, санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳои давлатӣ, ҳисоботи соҳавӣ, маҷмуи ҳуҷҷатҳо, матбуоти davrиро ташкил медиҳанд. Ба қатори манбаъҳои дасти аввал тадқиқоту гузоришҳои олимони тоинқилобии рус дохил мешаванд, ки дар минтақа сафари корӣ дошта, ақида ва назарияи худро инъикос намудаанд [34; 36, с. 239; 37, с. 285-322; 38; 39, с. 107; 41, с.599]. Ғайр аз ин, дар рисола аз тадқиқоти олимони намоёни тоҷик васеъ истифода гардид [80, с. 214; 76, с. 352; 78; 98, с. 330; 119, с. 132; 118, с. 704]. Муҳаққиқони рус ҳангоми сафари худ ба минтақа бевосита, шоҳиди вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа буда, воқеияти замонро дар асарҳояшон дарҷ кардаанд. Устод Садриддин Айнӣ шоҳиди замон буда, дар асарҳояш хотироти худро овардааст, ки дар омӯзиш ва таҳлили таърихи бекигариҳои

Бухорои Шарқӣ ва давраи барқарор намудани сохти Шуравӣ дар Бухоро сарчашмаи асосӣ ҳисоб мешаванд.

Аз рӯйи тавсиф ва мазмуну мундариҷа онҳоро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи якум,** маводи Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бойгонии давлатии таърихи навтарини Тоҷикистон [1, в. 40; 3, в. 21; 4, в. 54; 5, в. 86; 6, в. 141-142; 7, в. 29; 8, в. 41; 9, в. 128; 12, в. 159; 13, в. 27; 14, в. 20-21; 15, в. 106], Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон [16, в. 58; 17, в. 21; 18, в. 37; 19, в. 102; 21, в. 114; 22, в. 346; 23, в. 149; 24, в. 188; 25, в. 142; 26, в. 348; 27, в. 5; 28, в. 142; 29, в. 191] ва бойгонии худи ноҳияи Қубодиён [30, 33] дохил мешавад.

**Ба гурӯҳи дуюм,** ҳуҷҷатҳои оморӣ, ҳисоботҳо ва маводҳои барномавӣ, маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва нашрияҳои оморию ахборӣ дохил мешаванд. Дар рисола аз маводҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [45, с. 196], Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2015 [48, с. 277; 49, с. 187], Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) [44, с. 218; 48, с. 66], ҳисоботҳои раисони ноҳияи Қубодиён оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои 1991-2021 [32], «Народное хозяйство Таджикистана» [104, с. 371], Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2012-2016-2016-2020 [51, с.107; 52, с.112] васеъ истифода шуд.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳои тадқиқотчиён ва сайёҳони тоинқилобии рус ва муаллифони ватанӣ, амсоли Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Садриддин Айнӣ [53, с. 344; 101, с. 336] ва ғайра ташкил медиҳанд.

**Гурӯҳи чорум,** аз маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои илмӣ, мақолаҳои матбуоти даврӣ, ки ба таърихи ноҳия бахшида шудаанд, иборат мебошад. Маводҳои «Матбуоти ҶШС Тоҷикистон солҳои 1928-1958», маҷаллаҳои «Тоҷикистон» [200, с.4-8; 210, с. 3-10; 211, с. 12-14; 240, с. 60-65], махсусан рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ – «Тоҷикистони Сурх» [154; 164, с. 1; 166, с. 3; 167; 205; 208; 222] «Тоҷикистони Советӣ» [178, 244, с. 2, 242, 246], «Коммунисти Тоҷикистон» [243, с. 10; 197, с. 1, ], «Газетаи муаллимон» [163; 168; 209; 218;

325], «Ҷумҳурият» [192; 290, с. 2], «Садои мардум» [191], вилоятӣ - «Ҳақиқати Қурғонтеппа» [183; 184; 343], «Хатлон» [257; 258; 265; 266; 293], ноҳиявӣ – «Октябр» [156; 180, с. 3; 186, с. 112; 224, с. 1; 225; 233], «Шараф» [158; 159; 187; 188; 190; 214; 215; 216; 217; 221; 228], «Коммунизм учун» [262; 280; 299; 300; 331; 170], «Тахти Қубод» [296; 297; 317; 318] васеъ истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар рисола таърихи бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX, инъикос намудани сохтори маъмурии он, муайян намудани вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии минтақа, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, чорводорӣ ва иқтисоду иҷтимоиёти бекигарӣ, масъалаҳои вазъи ҳунармандӣ, низоми андоз ва мақоми фарҳангро низ дар бекигарии Қубодиён ба риштаи таҳлил кашида шудаанд. Инчунин, масъалаи барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ноҳия, ташкилёбии сохтори Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои солҳои 20-ум дар ноҳия, рушди иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 30-40-ум, рафти сохтмони колхозӣ дар ноҳия, саноату нақлиёт ва рушди фарҳанг инъикос гардидааст.

Ҳамин тариқ, бори нахуст дар рисолаи мазкур:

- сохтори маъмурии бекигарии Қубодиён муайян карда шуд;

-вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии бекигарии Қубодиён таҳлил гардид;

-вазъи кишоварзии ноҳия дар замони Шуравӣ муайян гардид;

- мақоми чорводорӣ дар беҳтар намудани вазъияти иқтисодии ноҳия нишон дода шуд;

- вазъи ҳунармандӣ ва касбу кор муайян карда шуд;

- низоми андоз нишон дода шуд;

- рафти ташкилёбии сохтори шуравӣ дар ноҳияи Қубодиён татбиқ гардид;

- рафти коллективонии хоҷагии кишоварзии ноҳия таҳқиқ карда шуд;

- рушди фарҳанги ноҳия дар солҳои Шуравӣ ва Истиқлолият тавсиф гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи диссертатсия:**

- Дар омӯзиши маҷмуии мавзуъ бори аввал таърихи зиёда аз як асри Қубодиён дар се давра – бекигарии Қубодиён, замони Шуравӣ ва Истиқлолият, истифода аз сарчашмаҳои гуногун, аз он ҷумла маводҳои нави бойгонӣ, ки нахустин бор ба гардиши илмӣ ворид мешаванд, баррасӣ карда мешавад.

- Таҳқиқи таърихи бекигарии Қубодиён дар аввали асри XX нишон дод, ки дар бекигарии Қубодиён ҳаёти иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолӣ дар ибтидои асри XX нисбат ба солҳои 60-уми асри XIX то як андоза беҳтар гардида буд. Яке аз сабабҳои беҳтар гардидани иқтисодиёт, рушди тиҷорат, савдо ҷойгиршавии нуқтаи гумрукии Айвоҷи Қубодиён дар сарҳади аморати Бухорову Афғонистон буд, ҳисоб мешавад.

- Дар охири асри XIX – аввали асри XX дар бекигарӣ ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсӣ муътадил набуд. Дар ин давра бекҳои Қубодиён – Абдусатторбек, Акрамбек, Шарифбек, Шодмонбек, Давронбек, Мирзо Маҳдихоҷа, Абдуҳалимбек, Мулло Исо мунтазам алайҳи мардумони норозӣ мубориза мебурданд.

- Азбаски дар ибтидои қарни XX дар бекигарии Қубодиён замин моликияти шахсии сарватмандон ҳисоб меёфт, деҳқонон маҷбур буданд тобеи онҳо шаванд. Заминҳои хусусӣ дар Қубодиён мисли заминҳои вақфӣ ниҳоят кам буданд. Азбаски деҳқонони мазлум андозҳои вазнинро супорида наметавонистанд, онҳо қашшоқ гашта, маҷбур мешуданд ба Афғонистон ҳиҷрат кунанд, ҳарчанд ки дар он ҷо низ камбағалию нодорӣ онҳоро ҳамсафар буд.

- Бинобар таҳлили сарчашмаҳо фарҳангу маданияти Қубодиён дар давраи мустақилии бекигарӣ дар шароити хоси маҳаллӣ рушд меёфт. Дар ин ҷо яке аз навъҳои санъат эҷодиёти шифоҳии халқ дар шакли ҳикояву суруд ва ривоятҳо ривоҷ ёфта буд. Аҳолиро ҳофизони оворагард ва баъзан дастаҳои лухтакбозӣ ҳаваскор аз Бухоро ва дигар шаҳрҳо хушнуд мекарданд.

- Ҳаёти сокинони Қубодиён танҳо баъд аз инқилоби Бухоро (соли 1920) беҳтар гардид. Дар баробари пойдорсозии Ҳокимияти Шуравӣ чорабиниҳои

сиёсию иқтисодӣ низ дар амал татбиқ карда мешуданд. Бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти сохтори давлатӣ 9 марти соли 1921 Кумитаи инқилобии Қубодиён таъсис дода шуд.

- Татбиқи принсипи объективӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои гуногун имкон дод, ки моҳияти динамикии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ноҳияи Қубодиён дар солҳои 30-40-уми асри XX Қубодиён ошкор гардад. Дар ин давра ноҳия мисли дигар манотиқи Тоҷикистон тибқи барномаҳои давлатӣ рушд ёфта, ба яке аз марказҳои асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзию саноатӣ дар ҷануби Тоҷикистон табдил ёфта буд. Дар ноҳия сохтмони колхозӣ, саноату нақлиёт ва рушди фарҳанг таъмин гардид.

- Таҳлили корнамоиҳои меҳнатии деҳқонони ноҳияи Қубодиён дар солҳои ҷанг нишон дод, ки ҳамаи онҳо интиқолгарони идеалҳои сотсиалистӣ ва қувваҳое буданд, ки дар сарзамини худ алайҳи истилогарон ҷангиданд. Ин раванд дар фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, ва ғалаба бар душман пурра зоҳир шуд.

- Таҳқиқот нишон дод, ки Қубодиён дар солҳои баъдиҷангӣ то соли 90-уми асри XX дар қуллаҳои баланди тараққӣ қарор дошт. Дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия дигаргунсозиҳо ба амал омада, меҳнаткашони Қубодиён ба пешрафти бемисл ноил гардиданд. Дар ноҳия колхозҳои «миллионер», даҳҳо сех, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, заводи пахтатозакунӣ пешрафти иқтисодиётро таъмин намуда, барои сифатан баланд гардидани ҳаёти маданӣ-маишии мардум, рушди маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ-фарҳангӣ имконот фароҳам оварданд.

- Дар даврони Истиқлолияти комили Тоҷикистон дар баробари дигар навоҳии ҷумҳурӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиён низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997), ки солҳои ниҳоят вазнин ҳисоб мешаванд, меҳнаткашони ноҳия, кишоварзон, боғпарварон, чорводорон ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми ноҳия фаъолият менамуданд. Дар ноҳия

корхонаҳои кишоварзӣ-колхозу совхозҳо таҷдид гардида, ба ҷои онҳо ҳоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шуданд.

- Аз соли 2000-ум иқтисодиёти ноҳия барқарор карда шуда, дар соҳаи кишоварзӣ давраи рушд оғоз гардид. Дар ин давра дар ноҳия бемористонҳои замонавӣ, бунгоҳҳои тиббӣ сохта ба истифода дода шуданд. Мактабҳои нави замонӣ сохта шуда, дар асоси шакли нави таълим-литсей, гимназия ва мактабҳои хусусӣ фаъолияти худро оғоз намуданд. Дар муддати кӯтоҳи баъдиҷангӣ муассисаҳои фарҳангӣ ба фаъолият шуруъ намуданд.

- Тавре таҳқиқот нишон медиҳад, Қубодиён дар мудати кӯтоҳи таърихӣ се давра, се тамаддунро аз сар гузаронида, дар таркиби Бухорои Шарқӣ аз минтақаи ниҳоят қафомонда, дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлолият ба диёри ободтарини ҷумҳурӣ ва яке аз ноҳияҳои пешрафта табдил ёфтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** Аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳо оид ба таърихи халқи тоҷик, дастурҳои методӣ ва таълимӣ, тартибдиҳии курсҳои махсус доир ба таърихи минтақаҳои Тоҷикистон истифода намудан мумкин аст. Баъзе маводҳои рисола аз тарафи донишҷӯёну магистрон ва дигар муҳаққиқони соҳаи таърих метавонанд истифода шаванд.

Таҷрибаи асосии пажуҳишро ҳамчунин метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни макотиби олӣ истифода намуд. Таҷрибаи таърихии ҳаёти ҳамарӯзаи мардуми Қубодиён дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ метавонанд дар шароити муосир ҳангоми таҳқиқи таърихи халқи тоҷик, инчунин дар тарбияи-ватандӯстии наслҳои наврас ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии

мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назарявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ** Мавзуи диссертатсионии «Қубодиён дар асри XX – ибтидои асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих 6D020301 – Таърихи ватанӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Ҳамзамон, тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

**Тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияи илмӣ-амалӣ ва назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ, аз ҷумла дар конференсияи байналмилалии илмӣ- назариявӣ дар мавзуи «Рушди иқтисодӣ, иҷтимоии Тоҷикистон: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои он» дар шакли маъруза ироа шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №11 аз 26.06.2025) муҳокима карда шуда, ба дифоъ пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (347 номгӯй) таркиб ёфта, дар ҳаҷми 199 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардидааст.

# БОБИ I. БЕКИГАРИИ ҚУБОДИЁН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XX

## 1.1. Шарҳимухтасари таърихӣ-ҷуғрофии бекигарии Қубодиён

Таърихи Қубодиён як пораи таърихи миллати тоҷик аст, ки дар ҳудуди поёноби Кофарниҳон ҷойгир аст. Нахустин одамони давраи ибтидоӣ дар ҳудуди Қубодиён қариб 3,5 ҳазор сол қабл ҳаёт ба сар мебурданд. Аз таҳқиқоти бостоншиносони Шуравӣ А.П. Окландников ва В.А. Ранов бармеояд, ки дар давраи қадим, асосан мезолит, асрҳои VI-VII то милод мавзеи Чилучорчашма қароргоҳи одамони асри санг будааст. Сокинони мавзеи Бишкенти Қубодиён аз сангҳои чақмоқии кӯҳи Туютоғ афзорҳои рӯзгор ва аслиҳаи шикор месохтанд. Бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт аз сарзамини Қубодиён чунин афзору аслиҳаро бисёр дарёфтанд [147, с. 41].

Аввалин маҳалҳои аҳолинишин дар ҳудуди Қубодиён қариб 2,5 ҳазор сол қабл пайдо шудаанд. Аҳолии ин диёри қадим ҳамеша барои озодӣ ва мустақилияти худ мубориза бурдааст. Марзи Қубодиён борҳо ба ҳуҷуми аҷнабиён–юнониҳо, туркҳо, арабҳо, муғулҳо ва дигаристилогарон дучор шудааст.

Бино ба маълумоти ҷуғрофидони араб ал-Муқаддасӣ дар Қубодиён се шаҳри калону ободе вуҷуд дошт,ки Юз (ё ин ки Қузз, Туз, Нир) калонтарин шаҳри он ба ҳисоб мерафт. Шояд номи Шаҳритус (феълан Шаҳритус) аз ҳамон вақт боқӣ монда бошад. Шаҳри дигари вилояти Қубодиён, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Узаҷ (Айваҷ) ном дошта, дар соҳили Ҷайҳун ҷойгир будааст. Бостоншиноси машҳури Шуравӣ М.М. Дяконов харобаҳои шаҳри Айвоҷро дар соҳили рости дарёи Кофарниҳон, ҳамагӣ ду километр болотар аз резишгоҳи Кофарниҳон ба дарёи Омӯ, пайдо кард. Масоҳати харобаи шаҳри Айвоҷ 20 гектарро ташкил медиҳад [199, с. 10].

Мувофиқи маълумоти ҷуғрофидони араб Ибни Ҳавқал дар Қубодиён шаҳри дигаре бо номи Навдиз, яъне Қалъаи нав ё ин ки Навзар низ мавҷуд будааст [199, с. 10].

Қубодиён дар аҳди қадим то забти Ҳахоманишиҳо ба ҳайати давлати Бохтари Қадим шомил буд. Аҳолии шаҳраки Қалъаи Мир, ки дар маркази Қубодиён воқеъ буд ва маҳалҳои аҳолинишини атрофи он дар ҳаёти Бохтари Шимолӣ нақши калон доштанд [57, с. 11]. Дар муқоиса аз сарчашмаҳои таърихии давру замони мухталиф ба хулосае омадан лозим, ки таърихи шаҳрсозию шаҳрдории тоҷикон маъмул буда, намунаи чунин шаҳрҳо дар Қубодиён низ ба назар мерасад.

Қисмати асосии аҳолии Қубодиён дар замони Ҳахоманишиҳо ба заминдориву чорводорӣ машғул буда, қисми боқимонда пешаи ҳунармандӣ доштанд. Дар баробари маскангоҳҳои хурд, бо ривоҷи ҳунармандӣ дар асрҳои VII-IV то милод маҳалҳои бузурги аҳолинишин арзи вуҷуд доштанд. Дар хусуси дараҷаи инкишофи ҳунармандии ин давр аз рӯйи маҳсулоти фулузии «Ганҷинаи Амударё» баҳо додан мумкин аст. Асоси ин дафинаро маснуоти дар шимоли Бохтар ёфтшудаи давраи Ҳахоманишиҳо ташкил медиҳад. Фарҳанги қадимаи мардуми Қубодиён ҷузъи таркибии фарҳанги Бохтар мебошад [57, с. 13].

Дар нимаи дуюми асри IV-и то милод, дар натиҷаи ҳуҷуми юнониён ба Шарқ империяи Ҳахоманишиҳо завол ёфт. Мардуми Қубодиён мисли дигар халқҳои Бохтар ва Суғд қаҳрамонона сарзамини худро аз ҳуҷуми юнону мақдуниҳо мудофиа мекарданд [57, с. 14].

Дар давраи ҳуҷумҳои ғоратгаронаи қӯшуни Искандар онҳо дар қисмати ҷануби Қубодиён бошишгоҳе созмон медиҳанд, ки минбаъд барои Искандар ҳамчун пойтахти муваққатӣ хизмат мекунад. Забткориҳои юнону мақдунӣ ба инкишофи минтақа бетаъсир намонд. Онҳо дар Қубодиён низ мисли дигар манотиқи Осиёи Миёна манзилгоҳе бунёд карданд, ки аҳолии он бо мардуми маҳаллӣ алоқаи зич доштанд. Аҳолии Қубодиёнро юнониҳо ба сохтмони иншоотҳои мудофиавӣ роҳу каналҳо ҷалб сохта буданд. Ба ин бозёфтҳои бостоншиносон, ки аз мавзеъҳои Тахти Сангин ва Тахти Қубод дастрас шудаанд, шаҳодат медиҳанд [93, с. 23].

Солҳои 312-250 то милод Қубодиён чун як бахши хурди Бохтари қадим ба ҳайати давлати Селевкиён ворид мешуд, ки аз тарафи сарлашкари

Искандари Макдунӣ Селевк идора карда мешуд. Дар Қубодиён бо вуҷуди ин истеҳкомҳои зиёди Селевкиён, ки дар замони зуҳури Искандар дар ин ҷо сохта шуда буданд, нобуд гаштанд. Новобаста аз он ки Қубодиён дар як гӯшаи давлати Селевкиён ҷойгир буд, ки қисмати муҳимми ин давлатро ҳам аз ҷиҳати ҳарбӣ-стратегӣ ва ҳам аз нигоҳи иқтисодӣ ташкил медод [93, с. 15].

Дар солҳоимавҷудияти давлати Юнону Бохтар яке аз мавзеъҳои бузурги аҳолинишин дар Қубодиён мавҷуд буд. Қисматҳои иншоотҳои мудофиавӣ, ки бостоншиносон пайдо карданд, аз иштироки бевоситаи аҳолии маҳаллӣ дар муҳорибаҳо шаҳодат медиҳанд. Бостоншиносон дар Қубодиён якчанд бошишгоҳҳои антиқиро низ пайдо намуданд. Онҳо ба ҳам хеле наздик ҷойгир буда, аз зичии ҷойгиршавии аҳолӣ дар он давра шаҳодат медиҳанд. Зичии аҳолӣ аз ривоҷи заминдорӣ дар минтақа гувоҳӣ медиҳад [58, с. 29].

Дар рӯйи тангаҳои юнону бохтарӣ, ки дар Қубодиён пайдо шудаанд, расми шоҳон акс ёфтаанд. Сиккасозони ин давра чунон бо маҳорати баланд тангаҳоро оро додаанд, ки ба осонӣ ба кадом давраи мавҷудияти ин давлат тааллуқ доштани онро муайян кардан мумкин аст. Ҳафриёти қаср ва ибодатхонаи Окс (Тахти Сангин) як силсила маснуоти ҳунарии санъати эллинӣ ва юнону бохтариро кашф намуданд. Яке аз онҳо портрети Искандари Макдунӣ мебошад, ки бо санъати баланд эҷод шудааст, инчунин акси шоҳи юнону бохтарӣ бо тоскулоҳ ва дигар расмҳои шоҳон ифшогари санъати баланди ин давра мебошад [58, с. 29].

Қубодиён аз ҳудуди ягон давлате, ки дар Мавороуннаҳр арзи ҳастӣ дошт, дар канор намонда буд. Зеро он дар мавзеи мусоиди табиӣ ва ҷуғрофӣ ҷойгир буда, Эронро бо Тӯрон, Хуросонро бо Мовароуннаҳр мепайваст. Ҳамаи истилогарон мехостанд, ки соҳибони роҳҳои тиҷоратие бошанд, ки аз ҳудуди Қубодиён мегузаштанд. Баъдан Қубодиён ба вилояти сарватманд табдил ёфта, бо марказҳои бузурги пешрафтаи Машриқзамин рақобат мекард.

Дар асрҳои V-VI милодӣ Қубодиён шомили давлати Ҳайтолиён гардид. Қубодиён дар давраи подшоҳии Вахшунвор (А. Хушнавоз) ба ҳайати ин давлат дохил буд. Дар аҳди Ҳайтолиён Қубодиён дар баробари тамоми Бохтар дар ҷанги Ҳайтолиён бо туркҳову Сосониён нақши зарбагардонро иҷро мекард. Дар мулки Қубодиён аспҳои номӣ парвариш меёфтанд, ки Ҳайтолиёну Хоқонияти турк ва Сосониён дар ҷангҳо истифода мекарданд, ки бо номҳои «аспи хатлӣ, хутталӣ, хатлонӣ» дар таърих машҳуранд [93, с. 29].

Солҳои 60-уми асри VI туркҳо дар шарқ давлати навро бо номи Ҳоқонияти турк таъсис дода, дар ҳамдастӣ бо империяи Сосониён давлати Ҳайтолиёнро аз байн мебаранд ва дар минтақа, аз ҷумла дар Қубодиён, ҳокимияти худро барқарор месозанд. Дар давраи Ҳоқонияти турк ба водии Қубодиён муҳоҷирати туркҳо оғоз мешавад, қисме аз онҳо муқимӣ гашта, қисми дигар бо чорводории кӯчӣ дар атрофии водӣ машғул мешаванд. Дар ҳудуди Қубодиён низ туркҳо пайдо мешаванд [93, с. 30].

Оғози забти Мовароуннаҳр, аз ҷумла Қубодиён, аз тарафи арабҳо соли 705-уми мелодӣ сурат мегирад. Сипаҳсолори машҳури араб Қутайба ибни Муслим, ки бо далери ва кордонӣ машҳур буд, барои ба даст овардани Мовароуннахр қувваҳои зиёди ҳарбӣ ҷамъ овард. Қутайба бори аввал ҳунари лашкаркашии худро ҳангоми ҳуҷум ба Қубодиён, Шумон ва Аҳоруни водии Ҳисор нишон медиҳад. Дар Қубодиён амалдорони араб ва мусалмонони маҳаллӣ ҳукмрони намуда, сокинон ба онҳо молиёт мепардохтанд [93, с. 32].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои ҷуғрофии арабиву форсизабон Қубодиён дар асри IX ба ҳайати Хутталон шомил буд. Хутталон, Чағониён ва Хоразм расман тобеи давлати Сомониён буданд. Дар Хутталон сулолаи мустақили Бониҷуриҳо ҳукмронӣ мекард. Намояндагони Бониҷуриҳо доим кӯшиши аз давлати Сомониён ҷудошавиро доштанд. Яке аз маҳалҳои калони аҳолинишини Хутталон Қубодиён маҳсуб мешуд [58, с. 37-38].

Маҳсулоти асосии аҳолии маҳаллиро дар Қубодиёни аҳди Сомониён молҳои кишоварзӣ ташкил мекард. Инкишофи кишоварзӣ ба баланд

шудани дараҷаи некуаҳволии халқ мусоидат мекунад. Дар асри IX дар Қубодиён соҳаҳои асосии кишоварзӣ: пахтакорӣ, ғаллакорӣ ва чорводорӣ ба шумор рафта, инчунин боғдориву сабзавоткорӣ ривоҷ ёфта буд. Қубодиён бо гӯсфанду аспҳои зотии худ шуҳрат дошт [58, с. 38-39].

Тибқи маълумоти ҷуғрофидони араб Шамсуддин ал-Муқаддасӣ, ки дар охири асри X ба Осиёи Миёна сафар карда буд, дар водиҳои атрофи рӯдҳои Кофарниҳону Вахш заминҳо барои кишоварзӣ то миқдоре истифода бурда мешуд, ки баъзан ин обҳо то Амударё намерасиданд [58, с. 39].

Пас аз сукути давлати Сомониён Қубодиён ба майдони тохтутози Ғазнавиён ва Қарахониён дучор мегардад. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ Қубодиёнро соли 1024 бо баҳонаи он, ки аҳолии Мовароуннаҳрро аз асорати Қарахониҳо озод менамояд, ба давлати худ ҳамроҳ мекунад. Ӯ ҷангалҳои минбаъдаи ин водиҳоро барои сохтани киштиҳои ҳарбӣ бо мақсади ҷанг зидди Хоразм истифода мекунад [57, с. 24].

Соли 1034 ба Қубодиён туркманҳои салҷуқӣ ҳуҷум мекунанд, ки онҳо бо ҳокимони қарахонӣ баҳри тобеи худ намудани ин вилоят забон як намуда буданд. Салҷуқиён дар Қубодиён бедодгариҳои зиёд карда, мардуми бегуноҳро нобуд сохтанд, чорвои зиёдеро ба ғанимат burданд, хоҷагиҳоро валангор сохтанд, вале дар охир онҳо шикаст хӯрда, тобеи давлати Ғазнавиён шуданд [57, с. 25]. Яъне, аҳолии Қубодиён баъди пошхӯрии давлати Сомониён ба бедодгариҳои Қарахониён ва Салҷуқиён дучор гардида ва мушкилоти зиёдеро аз сар мегузарониданд.

Аммо ба мушкилоти замон нигоҳ накарда, дар ин давра фарҳангу адабиёти ҳавзаи Қубодиён то андозае рӯ ба пешравӣ овард, ки намоёнтарин чеҳраи адабӣ Носири Хусрави Қубодиёнӣ маҳсуб меёбад.

Аз охири асри XII сар карда, Қубодиён дар зери таъсири сулолаи тоҷиктабори Шансабониён қарор дошт ва дар Қубодиён ба ободонии шаҳрҳо таваҷҷуҳ зоҳир мегардид. Касбу ҳунар рӯ ба пешравӣ оварда, дар Қубодиён навъҳои бешумори молҳои истеҳсоли ҳунармандӣ пайдо мешавад. Дар натиҷа тиҷорати дохилӣ ва берунӣ ривоҷ меёбад [58, с. 41-

42]. Маҳз бо таъсири сулолаи Шансабониён дар Қубодиён санъати меъморию бинокорӣ ва ҳунармандӣ авҷ мегирад. Баъди суқути давлати Шансабониён доираи нуфузи Хоразмшоҳиён дар Осиёи Миёна васеъ мешавад ва онҳо мулкҳои Ғазнавиёнро пурра ба ҳайати давлати худ ҳамроҳ мекунанд, ки тамоми водии Вахш, инчунин Қубодиён низ ба он шомил буд.

Аз сарчашмаҳо маълум мегардад, ки Қубодиён аз тарафи муғулҳо соли 1221 ишғол карда мешавад ва дар натиҷаи ҳукмронии беш аз якунимасраи онҳо шаҳру деҳот вайрон шуда, ҳазорҳо одамон куштаву ғулом гардиданд.

Дар замони Темуриён тамоми мардуми Осиёи Миёна, аз ҷумла Қубодиён низ соҳибони суюрғол зиёд буда, аз аҳолии маҳаллӣ андозҳои зиёде ситонида мешуд [57, с. 29].

Баъди тасарруф гардидани Осиёи Миёна аз тарафи Шайбонихон қабилаи дурман, ки дар ҳайати онҳо шомил буданд, қисми аз онҳо дар Қубодиён сукунат менамоянд [93, с. 44]. Аммо дар замони салтанати Темуриён аҳолии Қубодиён то андозае ҳаёти ободу осудаҳолонаро аз сар мегузарониданд.

Соли 1598 дар Осиёи Миёна баъди заволи давлати Шайбониён ҳокимият ба дасти сулолаи Аштархониён мегузарад. Боиси таъкид аст, ки дар давраи ҳукмронии Субҳонқулихон (1680-1702) низоъҳои феодалӣ аз нав авҷ мегиранд ва боиси ситонидани андози ҳафт соли пешакӣ мегардад, ки қубодиёниҳо низ дар зери зулму ситами онҳо қарор гирифта ва аз ситонидани андоз истисно набуданд [93, с. 46]. Аммо дар аҳди салтанати Убайдуллохон қубодиёниҳо якчанд маротиба бар зидди ҳокимияти марказӣ, асосан иттифоқи қабилаи дурману қунғурот мубориза мебаранд ва шикаст хӯрда, ба ҷазоҳои сахт гирифтор мешаванд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки дар давраи қадим ва асрҳои миёна Қубодиён мунтазам дар зери сиёсати фармонфармоӣқарор гирифта, монанди тамоми халқҳои Осиёи Миёна ва минтақаи Бухорои Шарқӣҳаёти вазнину тоқатфарсо доштанд. Аммо ба тамоми мушкилот нигоҳ накарда, сокинони маҳаллӣ мубориза бурда ва бисёри вақт ба шикасту саркӯбӣ

дучор гардида бошанд ҳам, урфу одат, касбу ҳунар, забон ва анъанаҳои миллӣ хешро аз даст надоданд.

Аз ҷиҳати ҳудуд, аҳолӣ бекигарии Қубодиён нисбат ба дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ хурд буд. Дар бекигарӣ қозӣ, дар навбати худ раис ҳам ба шумор мерафт. Дар соли 1910 раис ва қозии бекигарии Қубодиён Мулло Муҳаммад Мансур ба ҳисоб мерафт, ки ӯ 4 сол дар дарбори амир хизмат карда, пас аз 4 сол бо қарори амир ба вазифаи

қозии бекигарии Қубодиён таъин шуд. Мақоми олии ҳокимияти судӣ дар бекигарии Қубодиён қозӣ буд. Қозӣ ҳам ба монанди бек аз тарафи амир таъин мешуд [98, с. 59].

Хуллас, монанди дигар манотиқи Бухорои Шарқӣ, бекигарии Қубодиён дар зери итоати амири Бухоро қарор дошта, сохтори маъмурии он аз ҳукумати аморат зич вобаста буд. Маҳз бо таъсири ҳукумати Бухоро, ки хусусан, мансабдорони бекигарӣ аз тарафи онҳо таъйин мешуд, ба халки мазлум таҳдиду фишорҳои зиёд ва андозҳои бешумор ҷорӣ мегардид, ки қисман маҷбур гардиданд, ки қаламрави онро тарк намоянд.

## 1.2. Ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX

Баъди ба тобеияти Россияи Подшоҳӣ гузаштани Аморати Бухоро ва муайян намудани нишонаҳои гумрукӣ дар сарҳади Бухорову Афғонистон тиҷорат қариб дар ҳамаи бекигариҳои Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Қубодиён хеле инкишоф ёфт. Нақши асосиро дар ин самт алоқаҳои нави иқтисодӣ ва тиҷорат бо Россия мебозид. Зеро аз Россия нисбатан тиҷорат ба Афғонистон ва Ҳиндустон қулайтар буд. Аз тарафи дигар, кашонидани ашёи хом аз бекигариҳо ба шаҳрҳои Туркистон осон буд. Дар бекигарии Қубодиён ду бозор амал мекард. Бозори якум дар тарафи чапи соҳили дарёи Кофарниҳон дар маркази шаҳри Қубодиён ва бозори дигар дар тарафи рости соҳили Кофарниҳон, дар деҳаи Бешкент амал мекард. Рӯзҳои душанбе ва чоршанбе дар ин мавзеъҳо бозор баргузор мешуд.

А. А. Биков, ки соли 1878 ба бекигарии Қубодиён омада буд, қайд мекунад, ки бозори Қубодиён аз 60 ҷойи фурӯшӣ иборат буда, ҳафтае ду рӯз кор мекард. Дар бозорҳо ба ғайр аз молу маҳсулотҳои хӯроку пӯшок савдои ҳайвонот ҳам ба роҳ монда шуда буд. Масалан, дар як сол дар бозори Қубодиён то 4000 ҳазор сар гӯсфанд ба фурӯш бароварда мешуд [152, с. 91].

А. А. Семёнов ба ин масъала дахл намуда,қайд мекунад, ки «дар охири асри XIX бозори Қубодиён аз нуқтаҳои васеи сетарафаи пӯшида иборат буд. Аз ин лиҳоз, бозори Қубодиёнро ба бозори Бухоро ташбеҳ додан лозим буд. Аз рӯйи served серодамӣ ва харидуфурӯш гуфтан мумкин аст, ки Қубодиён яке аз марказҳои бузурги тиҷорат ба ҳисоб мерафт. Аз молҳои тиҷоратӣ дар бозор бисёртар молҳои мануфактуравии Россияро вохӯрдан мумкин буд. Чойи хушксиёҳу кабуди фабрикавӣ ҳам ба фурӯш бароварда мешуд. Дар бозорҳо бисёртар маҳсулотҳои чармин, пашмин, пахтагин ва махсусан, меваҷотҳои тару тоза дида мешуд ва харидорону тоҷирон асосан тоҷикону узбекҳо буданд. Дар бозорҳо қисман афғонҳо ва яҳудиёну ҳиндуҳоро ҳам вохӯрдан мумкин буд. Дар вақтҳои охир шахсони алоҳида дар бекигарии Қубодиён ба судхӯрӣ машғул буданд. Махсусан, ҳиндуҳо ҳам ба судхӯрӣ машғул буданд» [152, с. 90-92].

Р. Ю. Рожевец, ки соли 1906 ба Қубодиён сафар намудааст, қайд мекунад, ки ин шаҳр бо бозори доимомалкунанда ва бузурги худ фарқ дошт. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки дар шаҳри Қубодиён ба ғайр аз савдои чаканаи ҳаррӯза дар ду рӯз бозор буд, ки аз тамоми деҳаҳои дигари атроф маҳсулотҳои худро ба ин ҷо меоварданд. Туркманҳои амлокдори Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ), бекигарии Қӯрғонтеппа молҳои худро ба бозори Қубодиён меоварданд. Ва аз он ҷо молҳои зарурии худро харида мебурданд. Масалан, аз Ҷиликӯл ба бозори Қубодиён маҳсулотҳои пахтагин, палос, хӯрҷин ва дигар намуди маҳсулотҳоро меоварданд. Аз Қубодиён бошад, ба Ҷиликӯл асосан, биринҷ мебурданд. Аз Сарои-Камар (феълан Панҷ) ба Қубодиён асосан биринҷҳои афғонӣ ва тути хушккардашуда меоварданд.

Аз бозорҳои Қубодиён бошад, ба Сарой-Камар меваҳои тару тоза ва хушк мебурданд [41, с. 30].

Яке аз бузургтарин тоҷирони Қубодиён Исматхоҷа ҳисоб мешуд, ки ҷав, гандум ва дигар маҳсулотҳоро аз аҳолии маҳалли харидори намуда, ба Бухоро ва Самарқанд мебурд. Аз Бухоро ва Самарқанд бошад, ба Қубодиён шоҳӣ, сатин, чой, қанд ва дигар меваҳоро оварда мефурӯхт [87, с. 304].

Ба ақидаи А. П. Колпаков, бойҳои калони шаҳри Қубодиён дар қисмати Ябуз зиндагӣ мекарданд, ки машҳуртарини онҳо Султон ва Муллосафар буданд. Тоҷирони Қубодиён ба мақсади аз як шаҳр ба шаҳри дигар бурдани молҳои худ ба корвони шутур эҳтиёҷ доштанд. Бинобар ҳамин, тоҷирони калон аз 20 то 60 шутур доштанд [87, с. 304].

Дар паҳлуи масҷиди марказии шаҳри Қубодиён бозори дигар вуҷуд дошт, ки дарозии он 145 метр буда, дар он ҷо маҳсулоти кишоварзӣ,ба монанди харбуза, тарбуз ва меваҷот мефурӯхтанд. Дар назди ин бозор ду корвонсарой қомат рост карда буд, ки ба тоҷирони бекигарии Кӯлоб, Балҷувон, Каркӣ, Тирмиз хизмат мекард [152, с. 93]. Як бозори дигар дар қисмати шимолу ғарб ҷойгир буд, ки дарозиаш аз 100 метр иборат буд. Дар он маҳсулоти қиматбаҳо, аз ҷумла заргарӣ фурӯхта мешуд. Дар қабати бозор корвонсаройҷойгир буд.

Дар бекигарии Қубодиён закотчӣ доимо аз пайи тоҷирон гашта, ба миқдори моли онҳо закот ҷамъоварӣ мекард. Закотҷӣ закотро аз рӯи тартиботи муайянкардаи Аморати Бухоро ҷамъоварӣ менамуд. Бинобар ин, бисёрии савдогарон аз закотчӣ пинҳон молҳои худро мефурӯхтанд.

Бекигарии Қубодиён дар бораи нарху навои молҳо мунтазам ба қушбегии аморати Бухоро маълумот медод. Масалан, соли 1902 беки Қубодиён ба қушбегӣ чунин маълумот дод, ки як ман гандум 80 танга, як ман ҷав 64 танга, як ман шолӣ 80 танга арзиш дошт.

Дар соли 1913 бошад, як ман[1] гандум 80 танга, як ман ҷав 60 танга, як ман биринҷ 65 танга арзиш дошт. Дар бекигарии Қубодиён мунтазам нарху наво тағйир меёфт. Сабаб дар он буд, ки баъзе солҳо хушксолӣ мешуд ё ин ки ҳосилро анбуҳи малах нобуд мекард ва ғалла аз ҷои дигар оварда мешуд. Асосан маҳсулотҳои хӯрокворӣ аз бекигарии Ҳисор, Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа ба бозорҳои Қубодиён ворид мешуданд. Агар ғалладона чи аз дохил ва чи аз берун ба бозорҳои Қубодиён бисёртар оварда мешуд. нарх низ аз 10 то 3 танга поён мефаромад. Агар кам ворид мешуд, нарх аз 5 то 10 танга боло мерафт. Нархи як ман ғалла дар бекигарии Қубодиён баробари нархи ду ман ғалла дар Бухоро буд.

Дар савдои дохилии бекигарии Қубодиён бо бекигариҳои ҳамсоя дарёи Вахш нақши калон мебозид. Аз бекигарии Қӯрғонтеппа ва Вахш тавассути Амударё ба воситаи қаиқ маҳсулоти худро ба Қубодиён меоварданд. Аз деҳаҳои ҳудуди Ҷиликӯл, ки дар соҳили дарёи Вахш буданд,молҳои худро ба Қубодиён меоварданд. Аз деҳаи Лагмани бекигарии Кӯлобу Балҷувон то Помир дарёи Вахш воситаи асосии муомилоти молҳо буд [152, с. 94].

Дар самти тиҷорати берунӣ, махсусан бо Афғонистон, гузаргоҳҳои Амударё нақши муҳимро мебозиданд. Масалан, аз Тахти Қубод 7 километр поёнтар, аз он ҷое, ки дарёи Вахш бо Амударё як мешавад, қаиқҳои афғонҳо меомаданд, ки аз Афғонистон ба воситаи ин қаиқҳо ба тарафи бекигариҳои Бухорои Шарқӣ молҳои заруриро мегузарониданд.

Гузаргоҳи Айвоҷ дар он ҷое ҷойгир буд, ки дарёи Кофарниҳон ба дарёи Аму мерехт. Аз ин гузаргоҳ молҳои Русия ба Афғонистон ва аз Афғонистон асосан ашёи хом, аз ҷумла пахта, пӯст, пашми ҳайвонҳои гуногун гузаронида мешуд.Ин гузаргоҳ мавқеи бузурги иқтисодию тиҷоратӣ дошт. Ҳамаи ин борҳо ба воситаи дарёи Аму ба шаҳрҳои Туркистону Бухоро бурда мешуданд.

Аз аввали садаи XX сар карда, дар муносибатҳои тиҷоратӣ Айвоҷ мавқеи хеле калон пайдо кард. Аз Афғонистон овардани молҳо ба воситаи

[1] Ман-ченаки вазн, ки ба 128 кг баробар аст.

гузаргоҳи Айвоҷ дар соли 1898 чунин буд:Пӯстҳои гӯсфандони қарақулӣ ва рӯбоҳ 519 пӯст, пашм 23 пуд, пӯсти бузу гӯсфанд 400 пуд, меваи хушк 2888 пуд, тухми зағир ва кунҷид 21286 пуд, пахта 1063 пуд, ҳайвонҳои хурду калон 928 пуд: ҷамъ 32567 сӯмро дар бар мегирифт [152, с. 95].

Дар соли 1904 бошад, ин рақамҳо тағйир меёбад. Масалан, пахта 4516 пуд, тухми зағир ва кунҷид 27157 пуд, меваи хушк 3968 пуд, пашм 896 пуд, пӯстҳои гӯсфандони қарақулӣ ва рӯбоҳ 2090 пуд ва ғайраҳо оварда шуд, ки ҷамъ 134583 сӯмро ташкил медод. Ин рақамҳо далолат аз он мекунанд, ки равиши тиҷорат дар гузаргоҳи Айвоҷ тамоили болоравӣ дошт [152, с. 95].

Аз рушди тиҷорат ба воситаи гузаргоҳи Айвоҷ бо Афғонистон дар соли 1900 рақамҳои зерин далолат мекунанд. Аз ҷумла, матоъҳои пахтагин 922 пуд, ашёи металлӣ, дегҳои чӯянӣ 191 пуд, зарфҳои сафолин 40 пуд, ки дар умум, миқдори 4278 сӯмро дар бар мегирифт.

Соли 1904 бошад, ин рақамҳо афзуда, молҳои пахтагин 34 пуд, ашёҳои металлӣ, дегҳои чӯянӣ 747 пуд, карасин 8 пуд, қоғазҳо барои навиштан 32 пуд, ҷамъ миқдори 9166 сӯмро ташкил медод [152, с. 96].

Аз рӯи маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки савдою муомилот бо Афғонистон ба воситаи гумруки Айвоҷ муътадил набуд, зеро гоҳ баланд ва гоҳ паст мешуд. Гардиши муомилоти савдои беруна ба воситаи гумруки бекигарии Қубодиён чунин ба назар мерасид. Баровардани мол дар соли 1912 ба миқдори 194177 сӯм, соли 1913 ба миқдори 977159 сӯм, дар соли 1914 ба миқдори 71346 сӯмро ташкил дод [152, с. 96].

Аз Афғонистон овардани молҳо бошад, соли 1912 - 44184 сӯм, соли 1913 - 13377 сӯм, соли 1914-52546 сӯмро ташкил медод. Рақамҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз бекигарии Қубодиён ба воситаи гумруки Айвоҷ содирот ба Афғонистон нисбат ба воридотхеле зиёд буд [152, с. 97].

Барои инкишофи тиҷорати миёни Афғонистон ва Аморати Бухоро амали ғайриинсонии намояндагони Бухоро ва амалдорони беки Қубодиён монеа эҷод мекард,зеро онҳо аз тоҷирони афғон барои гузаронидани

молҳои худ пули аз ҳад зиёд мерӯёниданд. Ин ҳолат аз мактуби Агентии сиёсии рус ба номи қушбегии Аморати Бухоро аз 10-уми майи соли 1912 муайян мегардад. Дар мактуб, аз ҷумла гуфта мешавад, ки аз сабаби аз ҳад зиёд талаб кардани закот ва дигар воситаҳои фоидагирӣ дар гумруки Айвоҷ додугирифти байни афғонҳо ва аморат, ҳатто гузаронидани молҳои Русия ба Афғонистон хело ба дараҷаи паст фаромадааст.

Аз рӯи қайди А. П. Калпаков, дар бекигарии Қубодиён деҳқонони камзамин зиндагӣ мекарданд, ки аз 0,5 то 2 таноб замин доштанд ва ҳатто онро ҳам имконияти киштукор кардан надоштанд [154, с. 95]. Маҷбур буданд, ки порчаи замини худро фурӯшанд ва заминдорон бошанд, бо нархи хеле арзон ва муфт онро азони худ мекарданд. Баъзан деҳқон аз заминдор қарздор мешуд, заминдор бошад, замини деҳқони камбағалро ба ивази қарзаш кашида мегирифт. Деҳқонони иҷоракор бошанд, агар маблағи қарзи заминро дода наметавонистанд, маҷбур мешуданд, ки ҳамаи амволашон, ҳатто баъзан писар ва духтарашонро фурӯхта, қарзашонро адо намоянд [53, с. 111-112].

Дар Аморати Бухоро деҳқонони ба ғуломӣ афтода низ хеле бисёр буданд. Ҳамаи қарздорон қарзашонро адо накарда, инчунин бақиядорони аз хазинаи амир қарздор ба дафтарҳои махсус қайд мешуданд. Деҳқоне, ки номаш ба чунин дафтар афтода бошад, аз ҳамаи ҳуқуқҳо, аз ҷумла аз ҳуқуқи бемонеа ба ягон ҷо сафар кардан маҳрум мегашт. Ҷорчиён номи ӯро дар бозорҳо эълон мекарданд ва баъд аз он ҳар касе, ки қарзи дар дафтар қайдшударо адо кунад ё худ ба адо кардан уҳдадор шавад, ҳуқуқи гузашти ҳамон шахси қарздоршударо молик мегашт.

Деҳқонони ба ғуломӣ афтода қашшоқона рӯз гузаронда, корҳои вазнинтаринро иҷро мекарданд. Онҳо ба ивази меҳнати худ як пора зағораи қоқу андаке шавлаи ҷуворӣ мегирифтанд ва дар оғилхонаҳо бо чорпоён якҷоя мезистанд [67, с. 229].

Яке аз заминдорони калони бекигарии Қубодиён дар арафаи барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар Қубодиён Сулаймонхон ба ҳисоб мерафт. Ӯ дар заминҳои беҳадду канори худ гандум, ҷав, шолӣ кишт намуда, як

қисми дигари заминро ба боғ табдил дода буд. Амлокдори калони маҳаллӣ Мирзо Юсуфалӣ як қисми заминро ба шоликорӣ ва қисми дигарро ба кишти зироатҳо ҷудо карда буд.

Дар бекигарии Қубодиён афғонҳои аз Афғонистон омада низ хеле зиёд буданд. Яке аз онҳо Эшони Тӯра буд, ки соҳиби 70 таноб замин буда, ҳамаи онро ба майдони шолӣ табдил дода буд. Дар худи Қубодиён майдони боғи бек 6-7 гектарро ташкил дода, дар заминҳои кушоди обӣ дигар намуди зироатҳоро кишт мекарданд [152, с. 45].

Дар қисмати Боботоқ, ки заминҳояш наздикӯҳӣ буданд, дар қисми ками ин заминҳо аз сабаби кам будани об зироат кишт карда мешуд. Қисми дигари ин заминҳо чарогоҳ буданд, ки ин гуна заминҳоро заминҳои шоҳӣ мегуфтанд. Дар ин заминҳо айлоқҳо ташкил ёфта, гаравгоҳи чорводорони калон буданд.

Ҷамъоварии солонаи ҳосили деҳқон дар бекигарии Қубодиён,ба андешаи Н. Н. Покатилов, аз як гектар 10 сентнер гандум, ҷав 1 сентнер, шолӣ 3 сентнер ҷамъоварӣ карда мешуданд.Ба ақидаиӯ,барои ҷамъоварии солонаи ҳар як одам 12 пуд маҳсулоти хӯрока лозим буд, аммо дар бекигарӣ ин миқдор маҳсулот ҳаргиз ба даст оварда намешуд.

Ҳукумати амирӣ аслан Бухорои Шарқиро чун мустамликаи худ қарор дода, андозҳои вазнинро ҷорӣ намуд. Солҳое, ки дар бекигарӣ хушксолӣ ба амал меомад, амалдорони бек андозро на бо ғалла, балки ба ивази пул меситониданд, ки ин хеле гарон буд. Деҳқоне, ки на ғаллаи хуб гирифтааст ва на ин миқдор пулро дошт, андозро супорида наметавонист ва ба зулму шиканҷаи амалдорони бек дучор мешуд, ки ин боиси муҳоҷир шудани қисми зиёдиаҳолии бекигарӣ мегашт.

Дар охири асри XIX ва аввали асри XX андози тартибдодаи аморат, ки дар бекигарии Қубодиён ҷорӣ карда буд, аз дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ фарқ надошт. Яке аз андозҳои вазнин андози замин буд, ки аз 10 ҳисса 1 ҳиссаи ҳосили ҷамъовардаи деҳқон дар худаш мемонд. Дигар қисматаш барои амир, қозӣ, масҷид, мадраса дода мешуд. Андози вазнини дигар рӯёнидани андоз аз саршумори чорво буд. Ҳокимияти Бухоро ба

таври бенизом рӯёнидани маблағ аз чорводоронро дастгирӣ мекард. Яке аз чорводорони калони бекигарии Қубодиён Бӯрибой буд, ки ӯ зиёда аз 2000 гӯсфанд, 50-60 сар гов ва дигар намуди чорво дошт, ки дар вақти ҳисоботи саршумор чорвои худро дар назди амалдори бек кам нишон медод. Баъзе ҳолатҳо мешуд, ки амир намояндаи худро ба бекигарӣ фиристода, бевосита саршумори чорворо ба ҳисоб гирифта, дар китоби махсус қайд менамуд. Рӯёнидани андоз чунин буд: шахсоне, ки 40 то 120 сар чорвои хурд доштанд 1 гӯсфанд, аз 120 то 200 сар 2 гӯсфанд, яъне ба ҳар як 100 сар гӯсфанд 1 гӯсфанд закот дода мешуд. Аз 9 сар чорвои калони шохдор бояд 1 гӯсола закот дода мешуд [152, с. 100].

Дар бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX вазъи ҳунармандон низ хеле вазнин буд. Аз саҳар то бегоҳ дар паси дастгоҳи бофандагӣ ё кулолгарӣ кор карда, музди меҳнати ночизе мегирифтанд. Ҳангоми баровардани маҳсулоти худ ба бозор аз онҳо андозҳои вазнин талаб мекарданд. Бинобар ин, ҳунармандон аз закотчӣ пинҳонӣ молҳои худро мефурӯхтанд.

Аҳолии бекигарии Қубодиён, ки ҳеҷ имконияти ба ҷо овардани андозҳоро надоштанд, якчанд маротиба дар бораи кам кардани ҳаҷми андозҳо ба амир муроҷиат карданд. Аммо ягон натиҷа надод. Аз вазнинии андозҳо мардум ҷойи пештараи худро тарк намуда, ба ҷойҳои дигар кӯч мебастанд.

Дар ин хусус, Лилиентал қайд мекунад, ки «ҳанӯз соли сеюми корам мерафт, ки он кӯҳистониён ба назди ман омада, аз ҳукуматдорони Бухоро рӯйирост арзу дод карданд ва маро илтиҷо доштанд, ки ҳимояташон кунам. Дар кӯҳистон муносибати мардум ба ҳукуматдорони Бухоро он қадар ҳам дӯстона набуд, мегӯяд ин афсари армияи подшоҳӣ» [67, с. 214].

Аз рӯйи маълумотҳои агентии сиёсии қушбегии Бухоро июл-августи соли 1913 дар вазифаи беки Қубодиён Мирзо Давронбек Туқсабо буд. Дар давраи ҳукмронии ӯ на танҳо андозҳо аз ҳад зиёд шуданд, балки ҷабру зулми мардум афзуд. Дар натиҷа, аҳолии зиёди бекигарии Қубодиён аз ҷойи истиқоматии худ ба Афғонистон муҳоҷир шуданд. Аз рӯи гуфтаи

шоҳидон дар бекигарии Қубодиён деҳаҳои бисёре буданд, ки 1 нафар одам ҳам дар он деҳаҳо намонда буд.

Соли 1894 Лилиентал дар сафари худ аз рӯи маълумоти Карникова 29-уми декабри соли 1908 гуфта мешавад, ки аз сабаби зиёд будани андозҳо ва афзудани норозигии мардум дар 5 сол (аз соли 1903-1908) дар бекигарии Қубодиён 3 маротиба бек аз тарафи амир иваз карда шуд.

Ҳамин тавр, қайд метавон намуд, ки охири асри XIX ва ибтидои асри XX вазъи иқтисодию иҷтимоии бекигарии Қубодиён хеле вазнин буд. Сабаби ҳамаи ин нодорию қашшоқии мардум, истисмори амалдорони бек буд, ки дар натиҷа қисми зиёди аҳолӣ рӯ ба муҳоҷират оварда буданд.

Дар ибтидои асри XX машғулияти асосии аҳолии маҳаллии бекигарии Қубодиён аз зироаткорӣ иборат буда, дар инҷо муносибатҳои истеҳсолии феодалӣ ҳукмфармо буд. Ҳамаи воситаҳои истеҳсолот, аз ҷумла замин, ба феодалҳо тааллуқ дошта, моликияти феодал будани замин ва воситаҳои истеҳсолот ҳолати иҷтимоии мардумро муайян мекард, ки аксаран онро дар шакли натуралӣ ба роҳ мемонданд.

Қисми зиёди заминҳои корами бекигарии Қубодиён дар соҳили дарёи Кофарниҳон ва водии Бешкент қарор доштанд, ки дар ин ҷо барои обёрӣ кардан шароити хуб муҳайё буд. Шакли заминҳои дигари бекигарӣ заминҳои лалмӣ буд, ки дар натиҷаи боришот бо об таъмин мешуданд. Дар заминҳо деҳқонон зироатҳои гуногун, аз қабили пахта, гандум, шолӣ, зағир, кунҷид, лубиё, нахӯд, мош, тарбузу харбуза ва дигар намуди зироатҳоро кишт мекарданд.

Дар ибтидои асри XX майдони кишти ғалладона, махсусан гандум, ҷав ва шолӣ хеле афзуд. Аз рӯйи маълумотҳои штаби генералии рус дар солҳои 1908-1909 майдони кишти зироат дар бекигарӣ 5 ҳазор гектарро ташкил медод. Аммо аз рӯйи маълумоти ҳокимияти амирӣ дар соли 1914 38700 таноб ё ин ки 9675 гектарро ташкил медод. Дар солҳои 1914-1918, ки Россия ба Ҷанги якуми ҷаҳон дохил шуда будва аз Россия овардани ғалла дигар имконият надошт, дар бозорҳои бекигарии Қубодиён якчанд маротиба баланд шудани нарху навои хӯрокворӣ дида мешуд [117, с. 182].

Аз ин маълум мешавад, ки бекигарии Қубодиён ҳатто худашро бо ғалла дар давоми сол таъмин карда наметавонистааст.

Капитани рус Л. Ф. Костенко навишта буд, ки бо сабаби сероб будани дарёи Кофарниҳон ду тарафи соҳилро саросар кишти зироатҳои шолӣ фаро гирифта буд. Қисми хеле зиёд ва асосии заминҳои кишти шолӣ дар бекигарии Қубодиён ба Эшон Сулаймонхон, Бобосаянбой, Ғафурбой ва Эшон Тӯра, ки аз Афғонистон омада буд, тааллуқ дошт. Масалан, Эшон Тӯра дар 70 таноб заминҳои ҳосилхези соҳили Кофарниҳон зироати шолӣ кишт мекард [35, с. 152].

Дар деҳаи Тешиктош киштукори зироати кунҷид ба роҳ монда шуда буд, ки хеле ҳосили фаровон медод [60, с. 51]. Дар бекигарӣ кишти кадуи обӣ хеле хуб ба роҳ монда шуда буд ва он шакли нонро дошт, ки асосан барои гирифтани оби нӯшокӣ истифода мешуд, ба ғайр аз ин, ба воситаи ин кадуҳо одамон метавонистанд, ки аз як соҳил ба соҳили дигари дарёҳои Кофарниҳон, Панҷ ва Вахш шино карда гузаранд.

Шуғли дигари мардуми бекигарии Қубодиён ин пахтакорӣ буд. Сабаби асосии тараққӣ кардани пахтакорӣ дар бекигарии Қубодиён, ин аз тарафи Россияи Подшоҳӣ истилои Осиёи Марказӣ мебошад. Зеро яке аз сабабҳои забткориҳои Россияи Подшоҳӣ буд, ки Осиёи Миёнаро ба бозори хариди ашёи хом, аз ҷумла пахта табдил диҳад. Россия барои зиёд намудани истеҳсоли пахта дар Осиёи Миёна бонкҳои худро дар Туркистон таъсис дод, ки ба деҳқонони пахтакор қарз медод. Аслан то ҳуҷуми Россия дар бекигарии Қубодиён пахтаро барои қонеъ гардонидани талаботи худ ва истифодаи ғӯзапояаш киштукор мекарданд [120, с. 74].

Аз рӯйи қайди агроном М.Н. Шумкова, майдони заминҳои пахтакорӣ дар бекигарии Қубодиён аз 100 даҳяк иборат буданд. Дар соли 1914 ҳамагӣ дар 60 даҳяк замин пахта кишт мекарданд. Аз ин маълум мешавад, ки майдони кишти пахта дар ибтидои асри XX дар бекигарии Қубодиён рӯ ба пастравӣ ниҳода буд. Аммо дар солҳоимайдони кишти пахта меафзояд. Масалан, баъд аз соли 1914 300 таноб кишти пахта, минбаъд то ба 600 таноб зиёд шуд [152, с. 32].

Аз рӯйи маълумоти П.П. Веденский, дар соли 1914 ҳаҷми ҷамъоварии ҳосили пахта дар бекигарии Қубодиён 600 батман,[2]яъне ба ҳар сари аҳолӣ 15 фунт[3] пахта рост меомад, ки ин хоҷагии на он қадар калони пахтакор буд. Инчунин, пахтаи истеҳсолшуда сифати саноатӣ надошт.

Ҳамин тавр, то соли 1914 киштукор ва рӯёнидани ҳосили пахта дар бекигарии Қубодиён бедаромад буда, танҳо барои зарурияти рӯзгор истеҳсол мешуд. Аммо дар Аморати Бухоро ба вуҷуд омадани заводҳои пахтатозакунӣ боиси аз байн рафтани коркарди дастии пахта гардид. Истисмор аз тарафи судхӯрону тоҷирон ва истеҳсолкунандагони мол оиди истеҳсоли пахта нисбатба дигар соҳаҳои истеҳсолии зироатӣ хеле баланд буд. Ширкатҳои истеҳсоли ашёи хоми пахта барои ба худ ҷалб намудани деҳқонон низоми қарздиҳиро бароҳ монданд.

Вале на Аморати Бухоро ва на сармоядорони рус барои беҳтар кардани базаҳои техникии коркарди пахта ва шароити меҳнатии пахтакорон чорае намеандешиданд. Дар қисмати кӯҳии бекигарии Қубодиён, яъне Боботоқ, бештари вақт хушксолӣ буд [61, с. 144]. Бинобар ин зироаткорон дар ин қисмат дарахт шинонда, 4-5 гектарӣ пахта парвариш мекарданд.

Дар арафаи барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ аз бекигарии Қубодиён 3000 пуд[4] пахта бароварда шуда, тавассути дарёи Аму ба Тирмиз барои коркард бурда мешуд, ки истеҳсолкунандагони ин пахта деҳқонони деҳаҳои Қулҷалол, Чирик, Ҷарқӯрғон ва Шоҳ буданд [87, с. ].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX пахтакорӣ ва афзудани ҳосили он дар бекигарии Қубодиён босуръат меафзояд. Аммо сабаби асосии суст будани соҳаи мазкур, дар муносибатҳои феодалӣ истеҳсоли бекигарии Қубодиён зоҳир мегардид. Бекигарии Қубодиён ба ғайр аз пахтакорӣ ба боғдорӣ низ машғул буданд. А.А. Семёнов қайд мекунад, ки атрофи бекигарии Қубодиёнро боғҳои гуногуни мевадиҳанда иҳота мекарданд [61, с. 181].

---

[2]Батман-ченаки вазн буда, як батман ба 8-16 пуд баробар аст. Як пуд бошад,ба 16 кг баробар аст.
[3] Ченаки вазн буда, як фунт 400-500 кг аст
[4] Пуд-ченаки вазн, ки ба 16 кг баробар аст.

Дар арафаи Инқилоби Октябр сармоядорони рус бо амири Бухоро шартнома баста, аз заминҳои бекорхобидаи Қубодиён ба муддати 99 сол ҳамчун заминҳои имтиёзӣҷудо карда гирифта буданд. Инҳо имтиёзи «Гавҳаралӣ», соҳибаш сармоядори рус Т. Ф. Стова (10000 десятина) имтиёзи «Айвоҷ», соҳибаш А.В. Глушков ва Д.Ф. Конев (10000 десятина)«Консессияи Қосимхоҷаев», соҳибаш савдогари машҳури Бухоро Латифхоҷа Қосимхоҷаев (20000 десятина) замин доштанд. Ғалабаи Инқилоби Октябр ба кори ҳамаи ин имтиёздорон хотима бахшид [59, с. 70-71].

Дар бекигарии Қубодиён сарчашмаҳои асосии обёрии заминҳо дарёи Кофарниҳон ва Амударё маҳсуб меёфтанд. Кофарниҳон аз ду водии Бешкент ва Қубодиён иборат буд, ки заминҳои он танҳо аз дарёи Кофарниҳон ва Чилучорчашма обёрӣ карда мешуд [54, с. 219].

Ба ақидаи О. Маҷлисов, ноҳияи Қубодиён аз дарёи Кофарниҳон бо 12 канал обёрӣ карда мешуд, ки ҳар як канал аз дохили деҳаҳо гузашта мерафт [98, с. 94]. Аз ҳама зиёд дар тарафи чапи водии Кофарниҳон каналҳо дида мешуд. Масалан, бо як канали Окуйял 80 оила то 120-150 гектар заминро обёрӣ мекарданд. Канали Қиёт бошад, 150 гектар замини 80 оиларо бо об таъмин мекард. Ин каналҳо пас ба охир расидани обёрӣ тоза карда мешуданд [60, с. 128].

Дар ҳар як канал барои назорат кардани миқдори сарфи об мироб гузошта мешуд. Ин ба таври зарурӣ обро барои истифодабарии ҳар як деҳа муайян намуда, барои кори осиёбҳо ба миқдори об иҷозат дода мешуд, ки ин ҳарчи осиёбҳоро ба кор дароварда тавонад. Канали Калъача, ки аз ҳама калонтарин буд, мироб се осиёбро иҷозат дода буд, ва 150 хоҷагӣ аз ин канал истифода мебурданд [152, с. 37-38].

Канали дигари бекигарии Қубодиён Ката Ариқ буд, ки дарозиаш 40 км ва паҳнояш 8 метр буда аз ин канал 2550 оила 3000 гектар заминро обёрӣ карданашон мумкин буд. Коргарканал 10-12 км аз Қубодиён болотар оғоз ёфта, охири он дар қумзори Тешуктош ба охир мерасид [43, с. 269-271].

Ҳар як зимистон каналҳо тоза карда мешуданд ва барои тоза кардани каналҳо ҳар як деҳа уҳдадор мешуданд, ки масоҳати муайянро тоза кунанд. Ҳолатҳое низ буд, ки каналҳо дар натиҷаи тоза накардан аз кор мебаромаданд.

Яке аз мушкилиҳои асосии аҳолии бекигариён буд, ки ба зироатҳои хоҷагии қишлоқ сели малах зарари калон мерасонид. Малах аз қаламрави Афғонистон ба водиҳои Қубодиён гузашта, то саршавии мавсими зироат кӯҳҳоро макон мегирифт. Асосан, солҳои 1900-1911 ҳуҷуми малах тез-тез воқеъ гардида, шароити зиндагонии аҳолӣ ниҳоят мушкил шуда буд. Махсус, ташкилотҳои агрономиҷои зимистонгузаронӣ ва тухммонии малаххоро омӯхта, чораҳои нест кардани онҳоро меҷустанд. Барои гузаронидани ин кор, бо талаби ҳукумати подшоҳӣ аз хазинаи Аморати Бухоро соли 1912 300 ҳазор, соли 1913 315 ҳазор сӯм ҷудо карда шуд, ки дар натиҷаи нест кардани малах шароити зисту зиндагии аҳолӣ хеле беҳтар гардид [59, с. 70].

Ҳамин тавр, дар ибтидои асри XX машғулияти асосии аҳолии маҳаллии бекигарии Қубодиён зироаткорӣ буда, муносибатҳои истеҳсолии феодалӣ ҳукмфармо буд.

Яке аз чорводорони калони бекигарии Қубодиён Бӯрибой буд, ки зиёда 2000 гӯсфанд 50-60 сар гов ва дигар намуди чорво дошт. Ба ғайр аз ин, Бӯрибой ба тиҷорати чорво ва маҳсулоти он машғул буд. Аз рӯи қайди А. И. Калпаков, дар Қубодиён бисёр чорводорони калон дида мешуд [152, с. 34]. Саршумори рамаи онҳо аз ду то дуввуним ҳазор сар мерасид. Агар дар бозор талабот ба гӯшту равғани гӯсфанди ҳисорӣ зиёд бошад, ба пӯсти гӯсфанди қароқулӣ низ талабот хеле зиёд буд. Масалан, тоҷирони афғон омада аз бозорҳои Қубодиён як дона пӯсти қароқулиро 15-20 сӯми пули ҳамон давра харидорӣ мекарданд, ки ин арзиши хеле баланд дошт. Масалан, на он қадар дуртар аз шаҳри Қубодиён дар қишлоқи Охчар аҳолиаш саросар ба чорводорӣ машғул буд, дар деҳаи Қӯшчинор чорводор хоҷа Афғонбой 50-60 сар гов дошта, саршумори чорвои майдааш бешумор буд. Заминдорони калони бекигарии Қубодиён Ғоиббой ва Эшматбой

буданд, ки ҳамаи заминҳои худро ба чарогоҳ табдил дода буданд. Барои нигоҳубини чорво чӯпонҳои кироя оварда буданд. Чӯпонҳои кироя, ки чандин сол кор мекарданд, ба мисли пештара қашшоқу камбағал мемонданд. Аз охири асри XIX ба захиракунии хошоки чорворо аз заминҳои лалмӣ ва заминҳои обӣ васеъ ба роҳ монда хошокҳои заминҳои обиро барои чорвои тиҷоратӣ, хошоки дурушти саҳроиро барои чорвои хонагӣ истифода мебурданд. Соли 1882 яке аз потографҳои ҳарбии сарҳадӣ Косяков чунин қайд кардааст, ки ҳатто дар дохили қалъаи шаҳри Қубодиён юнучқа кишт карда буданд. Соли 1895 Э. М. Бронников, ки ба бекигарии Қубодиён омада буд. чунин қайд мекунад, ки аз дохили Қубодиён то сарҳади Афғонистон кишти юнучқа нисбат ба кишти дигар зироатҳо хеле зиёд буд. Ҳамин тавр, дар ибтидои асри XX дар натиҷаи афзудани муносибатҳои молию пулӣ соҳаи чорводорӣ хеле инкишоф ёфт, зеро чорводорон як қисми чорвои худро ба бозор бароварда, бо ин роҳ молҳои саноатию касбиро, ки барои онҳо зарур буд харидорӣ мекарданд.

Ҳамин тавр, ба хулосаомадан кардан мумкин аст, ки ибтидои асри XX дар бекигарии Қубодиён кишоварзӣ ва чорводорӣ соҳаи сердаромад маҳсуб ёфта, яке аз шуғлҳои асосии аҳолии маҳаллӣ ба ҳисоб мерафтааст. Маҳсулоти чорворо на танҳо аҳолии бекигарӣ истифода мебурд, балки дар савдои дохилӣ ва берунӣ мавқеи калон дошт.

Дар бекигарии Қубодиён ҳунармандӣ ҳамчун як соҳаи муҳимми иқтисодӣ аз замонҳои қадим ривоҷу равнақ ёфта, яке аз шуғлҳои қадимаи мардум ба ҳисоб мерафт. Ҳунармандон аз рӯи маҳсулоти ашёи хоми чорво пӯсту пашм, палос, каллапӯш, дастпӯш, ҷӯроб, халта, қанор, ресмон, машк ва ғайра тайёр мекарданд. Асосан, ба ҳунармандӣ ва касбу кор занҳо машғул мешуданд ва сарулибоси пахтагин, абрешимин, карбос, курта бо истифода аз дастгоҳҳои одии онвақта тайёр менамуданд. Кирмакпарварӣ дар бекигарии Қубодиён суст тараққӣ карда буд, зеро тухмии он доимо ба касалиҳо гирифтор мешуд.

Яке аз машғулиятҳои асосии аҳолии бекигарии Қубодиён дар тирамоҳ ин ҷамъоварии писта буд, зеро писта на танҳо маҳсулоти ғизоӣ, балки

барои рангубор кардани матоъҳо низ истифода бурда мешуд. Ҳунармандони кандакор аз чӯб ҳар гуна маҳсулот, ба монанди сандуқ, сандалӣ, гаҳвора, табақ, коса, қошуқ, дару тиреза ва ғайраро тайёр мекарданд. Маҳсулоти тайёркардаи ҳунармандони бекигарии Қубодиён хело зебо буд ва дар дар бозорҳои Бухорои Шарқӣ харидорони худро дошт [87, с. 304]. Инчунин, дар бекигарии Қубодиён ҳунармандони касбу кори гуногун, ба монанди оҳангарон, мӯзадӯзон, кафшдӯзон, зинсозону наългарони моҳир хеле зиёд буданд, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо харидорони худро доштанд.

Дар наздикии маркази Қубодиён, асосан деҳаи Сарой ва маҳалҳои атрофи шаҳр, бештар ба кулолгарӣ машғул буданд. Дар қисмати бештари бекигарии Қубодиён, махсусан водии Бешкент, санъати кулолгарӣ ривоҷу равнақ ёфта буд. Маҳсулоти кулолгарони ин минтақа ҳатто дар амлокдории Ҷиликӯл ва бекигарии Қӯрғонтеппа харидор дошт. Дар тайёр кардани асбобҳои кулолӣ интихоб ва тайёр кардани лой ба дӯши наврасон буд. Усто бошад, аз лойи омодашуда шакли кӯзаро тартиб дода, онро нақшу нигор медод. Дар охири асри XIX кулолгарӣ яке аз ҳунарҳои асосӣ ба ҳисоб мерафт. Аммо дар техникаи коркард ва санъати кулолгарӣ пешравии амиқ мушоҳида намешуд [87, с. 303].

Коркарди пӯст, ки дар ҳаёти хоҷагии мардуми бекигарии Қубодиён ҷои муҳимро ишғол мекард, асосан бо ду роҳ пеш мерафт, як қисми ҳунармандон ашёи хоми худро коркард намуда, аз он барои қонеъ гардонидани танҳо талаботи худ маҳсулот тайёр мекарданд. Гурӯҳи дигар маҳсулоти худро ба бозор мебароварданд ва онро ҳунармандон харидорӣ намуда, аз он кафш, маҳсӣ, пойафзолҳои мардонаву занона, халта барои обгирӣ, ғилофи корду шамшер ва ғайра тайёр мекарданд. Дар бекигарии Қубодиён маҳаллаи чармгарон вуҷуд дошт, ки дар ин ҷо истиқоматкунандагон ҳама ҳунармандонӣ коркарди пӯст буданд. Дар ин ҷо 30-35 устохонаи чармгарон амал мекард [87, с. 303].

Ҳунармандони машҳури коркарди пӯст дар бекигарии Қубодиён Усто Очил ва Усто Раҷаб буданд. Дар ибтидои асри XX ҳунармандони машҳури

Қӯшчинор усто Очилдӣ ва Эргашбобо Шарипов маҳсуб меёфтанд, ки ҳамчун мӯзадӯзон беҳтарин шинохта шуда буданд. Ашёи хоми ҳунармандони чармгар аз тарафи қассобон дастрас мешуд ва дар байни онҳо шартномае вуҷуд дошт, ки бояд дар як ҳафта пӯсти 12 чорвои хурд ва 3 чорвои калонро ба чармгарон медоданд. Дар он деҳаҳое, ки ҳунармандони чармгар набуд, аҳолии ин деҳаҳо пӯстҳои чорвои худро ба бозор баровардa ба чармгарон мефурӯхтанд [152, с. 83].

Қубодиён баробари шаҳри Кӯлоб аз муҳимтарин марказҳои чармтайёркунии Бухорои Шарқӣ ба шумор мерафт. Дар деҳаҳои калонтарини бекигарӣ бо роҳи хеле сода аз пӯсти ҳайвоноти хонагӣ чарми начандон баландсифат тайёр карда мешуд. Қисме аз ин чармҳо барои талаботи худи аҳолӣ бошад, қисми дигараш ба бозорҳои дохилӣ ва берун аз бекигарӣ ба фурӯш бароварда мешуд. Барои талаботи аҳолӣ аз чарм пойафзолҳои гуногун, зину афзоли асп, барои корду ханҷар ғилоф тайёр карда мешуд. Шумора корхонаҳои чармгарии бекигариро аниқ кардан душвор аст, зеро дар бекигарӣ ягон хел ҳисобу китоб бурда намешуд [126, с. 69-70].

Дуредгарӣ яке аз соҳаҳои муҳимми истеҳсолоти ҳунармандии Бухорои Шарқӣ буд. Аз қадимулайём чӯб дар зиндагии мардуми ин марзу бум мавқеи хеле муҳимро ишғол мекард.

Дуредгарӣ дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю (феълан шаҳри Бохтар) Қубодиён ва деҳаҳои он паҳн гашта буд. Ғайр аз ин, номгӯи маҳсулоти маъмуле, ки дар тамоми Бухорои Шарқӣ пайдо карда мешуд, дуредгарони Қубодиён барои қабилаҳои кӯчманчӣ қолаби хонаи намадин (юрта) ва зин месохтанд [126, с. 81].

Ривоҷу равнақи дуредгарии бекигариҳои Бухорои Шарқӣ аз мавҷудияти ҷангал вобастагӣ дошт. Дар бекигариҳои Дарвозу Қаротегин ва қисматҳои кӯҳистони Қӯрғонтеппа, Қубодиён, Ҳисор анбӯҳи дарахтони арча, чормағз, писта, дӯлона ва ғайра хеле зиёд буданд. Вале аз ибтидои асри XX сар карда, ҳуҷум ба ҷангалҳои доманакӯҳҳо сар шуда, дарахтон ҳам аз тарафи мардуми маҳаллӣ ва ҳам шахсони бегона бераҳмона бурида

мешуданд. Дарахтони буридашуда дар шутурҳо бор карда шуда, аввал ба Ҳисор, баъд аз он ҷо ба Чорҷӯй, сипас бо ёрии қаиқҳо ба воситаи Сарой – Камар аз ҳудуди Бухорои Шарқӣ берун бурда фурӯхта мешуданд. Агентии сиёсии дар Бухоро будаи Россия барои гирифтани пеши роҳи ин амалиёти бераҳмона борҳо ба беки Ҳисор муроҷиат намуда буд. Азбаски бекҳои Ҳисору Қубодиён ва Қӯрғонтеппа аз ин ҳисоб манфиати калон медиданд, пеши роҳи ҷангалнобудкуниро намегирифтанд. Аз ҳамин сабаб, муроҷиатҳои чандинкаратаи роҳбарияти агентии сиёсии Бухоро натиҷаи дилхоҳ намедод [126, с. 84-85].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX истеҳсоли молҳои соҳаи бофандагӣ рӯ ба коҳиш овард ва сабаби асосии пастравии истеҳсолот дар он буд, ки молҳои баландсифати саноати Россия дар бозорҳои минтақа пайдо шуданд, ки молҳои истеҳсол мешудаи маҳаллӣ ба ин молҳои саноатӣ рақобат карда наметавонистанд [67, с. 199-200]. Дар маркази бекигарии Қубодиён, дар минтақаи Ябуз асосан растаи устохонаҳои бофандагӣ ороста буданд, ки машғулияти асосии онҳо алочабофӣ буд. Аммо бо сабабҳои паст будани сатҳи техникии дастгоҳҳои бофандагӣ усто аз саҳар то бегоҳ ҳамагӣ 6 метр матоъ истеҳсол мекард [87, с. 302]. Аз рӯйи маълумоти А.П Колпаков дар бекигарии Қубодиён ҳар як оила барои худ карбос, ки матои дурушти пахтагӣ буд, истеҳсол мекард, зеро дар бозор харидуфурӯши ин мол кам ба чашм мерасид [87, с. 302].

Тараққиёти баланди чорводорӣ, ки ба он табиати кӯҳистони Бухорои Шарқӣ хеле мусоидат мекард, имконият медод, ки аҳолӣ ба таври васеъ барои тайёр кардани матоъҳои пашмӣ низ машғул бошанд. Дар бекигарии Ҳисор ба таври зиёд аз пашми гӯсфанд якчанд намуди намад тайёр карда мешуд. Вале намадҳои бардошту хушсифатро аз пашми шутур ҳунармандони Қубодиён тайёр мекарданд [126, с. 96].

Туркманҳо, қирғизҳо, арабҳое, ки дар бекигариҳои Ҳисор, Қӯрғонтеппа ва Қубодиён зиндагӣ мекарданд, қолинҳое мебофтанд, ки қисме аз онҳо ба воситаи Амударё ба Россия ва ба воситаи Россия ҳатто ба Аврупо бурда мешуд [126, с. 96-97].

Гарчи мардуми маҳаллӣ дониши казоии кимиёӣ надоштанд, ҳунармандони зиёде ёфт мешуданд, ки аз таҷрибаву дониши кимиёии ниёгон бархӯрдор буданд. Онҳо аз гиёҳҳо, растаниҳо ва пӯсти меваҷот рангҳои гуногун тайёр мекарданд. Дар тайёр намудани ранг аз бузгунҷуе, ки аз танаи дарахтони тут ва писта дар бекигариҳои Балҷувон, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа ва Қубодиён ба таври оммавӣ ҷамъоварӣ карда, истифода мебурданд. Аз ҳар бех писта аз 10 то 12 кг бузғунҷи хушк ғундошта мешуд. Инчунин, ҳунармандон аз рангҳои истеҳсоли Германия, Италия, Ҳиндустон, ки тоҷирон онҳоро ба воситаи Афғонистон ба Россия ва аз он ҷо ба Бухорои Шарқӣ меоварданд, васеъ истифода мебурданд [126, с. 97-98].

Бӯрёбофӣ ҳам аз ҷумлаи ҳунарҳои муҳимму нотакрори мардум маҳсуб меёфт. Онро асосан аз қамиши расида тайёр намуда, барои пӯшонидани сақфуфарши хона истифода мебурданд. Бӯрёбофӣ дар Бухорои Шарқӣ хеле маъмулгашта, бахусус дар бекигариҳои Ҳисор, Қӯрғонтеппа, Қубодиён, ки қамишзорҳо хеле зиёд буданд, ривоҷ ёфта буд [126, с. 102].

Аз рӯи қайди Д.М. Логофет маҳсулоти дар бекигарии Қубодиён тайёркардаи ҳунармандон дар бозори дохилӣ талабгор дошт, аммо дар бозорҳои берунӣ харидор пайдо намекард. Аҳолии маҳаллаҳои бекигарии Қубодиён ба корҳои бофандагӣ танҳо зимистон шуруъ мекарданд, зеро дар дигар фаслҳо ба дигар шуғлҳо банд буданд [36, с. 271-272].

Оҳангарӣ низ дар бекигарии Қубодиён хеле васеъ ба роҳ монда шуда буд. Ин ҳунармандон на танҳо ба коркарди оҳан, балки истифодаи дигар намуди металҳо, махсусан мис ва биринҷиро низ ба роҳ монда буданд. Муайян карда шуд, ки дар бекигарии Қубодиён дӯконҳои тунука, заргарӣ ва дигар маҳсулоти фулузӣ мавҷуд буданд. На ҳама вақт оҳангарон дар деҳаи худ кор мекарданд, бештар аз як деҳа ба деҳаи дигар мерафтанд ва вобаста ба талаботи мардум ашёҳо месохтанд. Аз рӯи маълумоти А.П Колпаков, дар маркази бозори Қубодиён устохонаи калони оҳангарӣ вуҷуд дошт, ки дар баробари сохтани асбобҳои рӯзгор, сохтани наъли асп ва маҳкам кардани онро ба анҷом мерасонд.

Талабот ба оҳангарӣ дар Қубодиён хеле зиёд буд. Яке аз ҳунармандони машҳури ин минтақа Саиди мисгар буд, ки ӯ ҳатто аз мис мусаввараҳо месохт [152, с. 85]. Тоҷирони маҳаллӣ ба бисёр шаҳрҳои Осиёи Миёна рафтуомад ва тиҷорат доштанд. Тоҷирон тахтаҳои мисинро аз дигар минтақаҳо ба Қубодиён оварда, ба ҳунармандон мефурӯхтанд. Ҳаққи меҳнати ҳунарманд ба шакли пулӣ ё ба шакли натуралӣ пардохт мешуд. Оҳангарону мисгарон ба якчанд гурӯҳ, вобаста ба ҳунарашон, ба мисли чойниксоз, дегсоз, лаълисоз, самоварсоз, чилимсоз ҷудо мешуданд. Аз ин бармеояд, ки тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар байни ҳунармандон ҷой доштааст [152, с. 85].

Яке аз соҳаҳои муҳимму пешрафтаи оҳангарӣ, рехтагарӣбуд. КоргоҳҳоирехтагарӣасосандаршаҳрҳоиҚаратоғ, Душанбе, ҚалъаиХумб, Ғарм, Кӯлоб, ҚубодиёнваҚӯрғонтеппамавҷудбуданд [126, с. 140-141].

Дар тадқиқотҳои олимони рус, ки ба Бухорои Шарқӣ бахшида шудаанд, дар хусуси ба тиллошӯӣ машғул будани аҳолии бекигарии Қубодиён маълумот овардаанд. Агар дар бекигарии Қубодиён туркманҳо танҳо дар маҳалли резишгоҳи Вахш ба дарёи Панҷ, ки мардуми маҳаллӣ онҷойро «Каттадарё» яъне дарёи калон меномиданд, ба тиллошӯӣ машғул бошанд, ин касб дар бекигарии Қӯрғонтеппа қад-қади дарёи Вахш васеъ паҳн гашта буд [126, с. 106-107].

Кори заргарӣ низ дар бекигарии Қубодиён новобаста аз он ки соҳаи асосӣ маҳсуб намеёфт, ҷой дошт. Якчанд дӯконҳои заргарӣ амал мекарданд, ки онҳо дар маркази бозори Қубодиён ҷойгир шуда буданд. Ба кори заргарӣ асосан афғонҳо, лӯлиҳо ва ҳиндуҳо машғул буданд [152, с. 85].

Заргарони маҳаллӣ аз тилло ва нуқра асбобҳои ороишии занона гӯшвор, дастмона, гарданбанд ва дигар ҷавоҳироти ороиширо тайёр мекарданд. Бо маълумоти сайёҳону афсарони рус, маҳз ҳамин ҳунармандони Қубодиён осори нодири қадимаи таърихии Хазинаи Амударёро, ки аҳолии маҳаллӣ бозёфт намуда буданд ва аз онҳо ҳар гуна ҷавоҳироти ороишии занонаву мардонаро харидорӣ намуданд [152, с. 86].

Машғулияти дигари бошандагони Қубодиён равғанкашӣ маҳсуб меёфт ва ин намуди маҳсулот асосан аз чигит, зағир, кунҷит истеҳсол карда мешуд. Калонтарин истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи равған дар бекигарии Қубодиён Акрами Пешовар ба ҳисоб мерафт. Ӯ якчанд корхонаи равғанистеҳсолкунӣ дошт. Бо маълумоти А.П Колпаков дар ҳар як маҳаллаи маркази Қубодиён як ё ду осиёби чувозкашӣ буд, ки бо ашёи хоми зағир ё кунҷит кор мекарданд. Ҳатто дар қалъаи бек дар назди қаровулхона осиёби равғанкашӣ кор мекард, ки он танҳо дар хизмати оилаи бек буд [87, с. 303-304].

Дар деҳаи Қӯшчинор ҳоҷӣ Авғонбой ва Ҳошимбой соҳибони осиёби калони равғанкашӣ буданд, ки барои тамоми деҳа маҳсулот тайёр намуда, аз меҳнати кироя истифода мекарданд [87, с. 304-305].

Аз рӯи маълумотҳои Н.Н Покотило соли 1886 дар бекигарии Қубодиён зиёда аз 10 осиёби обӣ кор мекард, ки ҳар яке аз онҳо дар як шабонарӯз 6 батман[5] гандумро орд мекард ва арзиши ҳар батман ба 3–4 танга баробар буд [152, с. 86-87].

Охири асри XIX дар бекигарии Қубодиён шумораи осиёбҳои обӣ хеле афзуданд. Соҳиби осиёбҳои обӣ Мулло Исо эмин Оқобошӣ, Муллоқул эшик Оқобошӣ, Мулло Валӣ Тӯқсабо, Алӣ Ясавул, Эшони Хатиб буданд, ки аз пешаи худ даромади калон ба даст меоварданд. Дар аксарияти деҳаҳо якду ва дар деҳаҳои калон бошад, то 5-6 осиёб кор мекард. Ин деҳаҳо асосан дар соҳили дарёи Кофарниҳон ва каналҳои калон ҷойгир шуда буданд. Дар водии Бешкент осиёбҳо аз оби Чилучорчашма кор мекарданд. Иқтидори осиёбҳо ба 30-40 пуд ғалларо орд кардан мерасид. Ҳақи осиёб ба шакли натуралӣ, яъне ғалла рӯёнида мешуд, яъне аз як пуд якуним килло рӯёнида мешуд. Дар ҳар як деҳа дар қатори осиёбҳо барои тоза кардани шолӣ обҷувоз низ сохта шуда буд. Баъзе аз обҷувозҳо дар як рӯз то 30 пуд шолиро тоза мекарданд, ки аз он 15 пуд биринҷ гирифта мешуд. Музди корӣ ба таври натуралӣ рӯёнида мешуд [152, с. 87].

[5]Батман-ченаки вазн буда, як батман ба 8-16 пуд баробар аст. Як пуд бошад ба 16 кг баробар аст.

Ҳамин тавр, дар ибтидои асри XX бекигарии Қубодиён ба яке аз марказҳои асосии рушди ҳунармандӣ табдил ёфта буд. Маҳсулоти ҳунармандони Қубодиён дар бозорҳои Бухорои Шарқӣ ва берун аз он харидорони худро дошт.

Дар охири асри XIX-ибтидои асри XX низоми андози тартибдодаи ҳукумати Бухоро, ки дар бекигарии Қубодиён низ ҷорӣ намуда буд, аз дигар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ тафовут надошт. Яке аз андозҳои вазнин андози замин буд. Ҷамъкунандаи андози заминро амлокдор мегуфтанд, ки ҳамаи андозҳоро ҷамъ намуда, ба ду ҳисса ҷудо мекард. Ҳиссаи якум барои зарурият ва хароҷот дар бекигарӣ ва дуюм ба бек дода мешуд, ки он ба хазинаи амир ворид мешуд. Баъзан мешуд, ки амири Бухоро барои ҷамъоварӣ намудани андоз намояндаи худро ба бекигарии Қубодиён мефиристод. Намояндаи амир андозу закотро аз зироаткорон, чорводорон, тоҷирон ва ҳунармандон маҷбуран ҷамъовари намуда, ба Бухоро мебурд [98, с. 193]. Боиси таъкид аст, ки сиёсати андоз дар тамоми бекигариҳо , инчунин Қубодиён хусусияти ғоратгарона дошт ва дар зери ниқоби дини ислом ба ҷо оварда мешуд.

Амир тавассути баъзе маълумотҳо аз бекигарии Қубодиён ҳар сол аз рӯи андози харҷ ба миқдори 75 ҳазор сӯм мегирифтааст [80, с. 50].

Ҳатто солҳое, ки хушксолӣ меомад, аҳолии бекигарӣ ҳосили хуб намегирифтанд. Намояндагони бек ва амир андозҳоро ба шакли натуралӣ – ғалла ҷамъоварӣ менамуданд. Ибтидои асри XX дар бекигарии Қубодиён аз тарафи намояндаи бек аз аҳолӣ ба миқдори 1000 батман ғалла маҷбуран рӯёнида шуд [80, с. 284].

Зеро бекигарии Қубодиён яке аз минтақаҳои асосии чорвопарварӣ дар Бухорои Шарқӣ маҳсуб меёфт. Ҳокимияти Бухоро ба таври бенизом рӯёнидани маблағ аз чорводоронро дастгирӣ мекард ва закот бояд ба ҳисоби миёнаи арзиши чорво, ки шариат ба шакли натуралӣ муайян карда буд, рӯёнида мешуд. Аммо дар амал намояндагони амир ҳамаи закотро дар шакли пулӣ талаб мекарданд.

А. А. Семёнов соли 1929 маълумотҳои аҷоиберо овардааст, ки бо амри амир Музаффар закотчӣ Ирданбек Туқсабо оиди ҷамъоварӣ кардани андозу закот дар қисмати Қубодиён муваззаф буд. Мувофиқи ин амр, Ирданбек Туқсабо ба деҳаи болои Сардак омада, худаш бевосита барои ҷамъоварии закоту андоз миқдори чорвои чорводорон, аз қабили гов, шутур, гӯсфанд ва бузро шумурда, фарбеҳу харобу калону хурди онҳоро муайян мекард. Аммо Ирданбек Туқсабо ба таври умумӣ, яъне андози гӯсфандро 16 танга, бузро 8 танга муайян мекард, ки ин хилофи шариат ва гуфтаи амир буд. Аз рӯи гуфтаи А. А. Семёнов, нодуруст рӯёнидани закоту андоз дар он буд, ки дар Қубодиён арзиши бузу гӯсфанд нисбат ба нишондоди намояндаи амир дар Қубодиён паст буд [152, с. 102].

Б. М. Шапошников, ки баъдтар маршали собиқ Иттифоқи Шуравӣ унвон гирифта буд, соли 1911 ба бекигарии Қубодиён сафар карда, оиди ҷамъоварии андоз дар бекигарии Қубодиён чунин навишта буд: «Бек» ва бойҳои маҳаллӣ деҳқононро аз ҳад зиёд истисмор мекарданд, андозҳои вазнинро ба сари онҳо бор мекарданд. Аз даҳ як ҳиссаи ҳосили ҷамъовардаи деҳқон дар худаш мемонд ва қисмати дигараш барои амир, қозӣ, масҷиду мадрасаҳо дода мешуд [145, с. 181].

Соли 1912 аз рӯи маълумоти Мирзо Насруллои Қӯшбегӣ андоз аз бекигарии Қубодиён аз 30 ҳазор сӯм иборат буд. Аз ин миқдор пул барои ҳароҷоти бек 7500 сӯм, барои хизматгорон 3000 сӯм барои сайру гашти бек 2250 сӯм, посбонҳо 2250 сӯм, меҳмонҳо 2250 сӯм, боқимонда 7500 сӯм ба хазинаи амир фиристода мешуданд [152, с. 101]. Чунин сиёсати пешгирифтаи амиру бек ва амалдорон нисбати деҳқонону меҳнаткашон монеаҳо эҷод менамуд.

Соли 1913 қисмиаҳолии бекигарии Қубодиён барои беҳтар шудани зиндагии худ ба Афғонистон муҳоҷир шуданд. Ин муҳоҷиршавӣ ба Афғонистон дар давраи бекигарии Мирзо Давронбек Туқсабо хеле авҷ гирифта буд [152, с. 101].

Ба ақидаи Д. Н. Логофет, миқдори маблағи андозҳои ҷамъовари шуда, дар бекигарии Қубодиён 250 000 ҳазор сӯмро ташкил мекард, ки ба амир

фиристода мешуд. Ҷои дигар Д.Н. Логофет қайд мекунад, ки соли 1914 ҳадди маблағи аз андоз ҷамъовардашуда дар Қубодиён 100 000 сӯмро ташкил медод. Сабаби асосии кам шудани ҳадди андоз аз бекигарии Қубодиён ба Афғонистон ҳиҷрат кардани аҳолӣ буд [152, с. 101].

Ҳамин тавр, усули ситонидани андози аморат воситаи асосии истисмори оммаи халқ гашта, меҳнаткашонро, ки қисмати зиёди аҳолии бекигариҳо буданд, воситаи қашшоқкунии онҳо мегаштанд.

Дар бекигарии Қубодиёндар оғози асри XX вазъи мактабу маориф дар шакли пештара боқӣ монд. Ҳокимон дар тули асрҳои зиёд барои беҳтар кардани вазъи мактабу маориф ягон чораи мушаххас намеандешиданд. Бухоро, ки маркази илму фарҳанги тоҷикон ба шумор мерафт, ба маркази торикию бесаводӣ мубаддал гардид. Агар дар асрҳои қаблӣ донишомӯзону олимон барои ғанӣ гардонидани дониши худ ба ин шаҳр меомаданд, пас дар ду асри охир, замони ҳукмронии Аштархониён ва Манғитиён маркази руҳониёни иртиҷоӣ буд. Дар ин шаҳр фаъолияти пирҳо, шайхҳо, эшонҳо ва ғайраҳо вусъат ёфт, ки ба пастравии сатҳу сифати мактабу маориф оварда расонид.

Бекигарии Қубодиён аз ҷиҳати маданият яке аз қисматҳои ақибмондатарини Аморати Бухоро ба шумор мерафт. Мактабҳо ба ду зина ҷудо мешуданд. Зинаи ибтидоӣ – мактаб ва зинаи боло – мадраса буд. Чун қоида, мактабу мадрасаҳо дар паҳлуи масҷидҳо сохта мешуданд. Зеро дар онҳо руҳониёни мусулмон дарс медоданд. Ин гуна мактабҳо дар деҳаҳои калони бекигарии Қубодиён сохта шуда, ба кӯдакон хату савод ва дини исломро меомӯзониданд. Масалан, дар деҳаи Қӯшачинор, дар паҳлуи масҷид дар арафаи барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ мактабе амал мекард, ки ба кӯдакони деҳа муаллимон мулло Қалам ва Раҳмонқултаълим медоданд [152, с. 102-103].

Оиди мактабҳо дар бекигарии Қубодиён Д.Н. Логофет соли 1911 чунин навиштааст: «Шаҳри Қубодиён аз 7 қисмат иборат буд, ки калонтарини он Ябуз буд ва ба ду гузар ҷудо мешуд. Дар ҳар як қисмат масҷид буд, ки дар паҳлуи он мактаб ё мадраса амал мекард. Масалан, дар

қисмати Ябуз масҷиди калон ва дар паҳлуи он мадраса буд, ки дар он 35 нафар таълим мегирифтанд» [36, с. 7].

Аммо оид ба миқдор ва сифати маълумотгирии аҳолӣ дар бекигарии Қубодиён маълумоти аниқ ба даст наомадааст, зеро то давраи инқилоб ҳамин гуна муассисаҳои баҳисобгирӣ ва муайян намудани теъдоди муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надошт. Ҳар як мадраса дар асоси даромади заминҳои вақфӣ арзи вуҷуд мекард. 25-уми январи соли 1919 намояндаи ҳокимияти бекигарӣ дар мактубаш ба шахси масъул ба кори таълиму тарбия менависад, ки дар Аморати Бухоро таълим дар асоси динӣ ба мисли пештара бурда шавад [152, с. 102-103].

Санъати мусиқии бекигарии Қубодиён, аз санъати дигар халқҳои Осиёи Миёна кам фарқ мекард. Дар ин ҷо ҳам якчанд анъанаҳои халқӣ,ба монанди тӯй, таваллуди кӯдак, дафнкунӣ, хатнасур, идҳои халқиву динӣ амал мекарданд, ки дар он навозандагону ривояткунандагон, масхарабозону раққосон ва ғайра баромад мекарданд.

Профессор А. В. Нечаев қайд мекунад, ки барои ба низом даровардани мусиқӣ роҳбаре мутасаддӣ буд,то ки роҳбар мусиқичиёнро ҷамъоварда, ба онҳо санъати мусиқиро омӯзонад, аз онҳо як дастаи мусиқӣ ташкил диҳад [39, с. 55].

Ҳамчун қоида, ин дастаҳои мусиқиро бек дастгирӣ намуда, бо хӯроку пӯшок қисман таъмин мекард ва ҳатто онҳоро бо тухфаҳо сарфароз мегардонд.

Албатта дар шароити тартиботи феодалӣ намояндагони санъати халқӣ дар ҷамъият мақоми хело поёнро ишғол мекарданд. Дар Аморати Бухоро ҳам навозандагону раққосон ва дигар намояндагони санъат дар байни мардум зиндагии пасту қашшоқона доштанд [109, с. 8].

Дар ибтидои асри XX дар Бухорои Шарқӣ ёрии тиббӣ вуҷуд надошт ва беморонро ба воситаи дуохонӣмуолиҷа мекарданд. Мувофиқи қайди полковник В. Матвеев, соли 1885 дар водии Амударё, аз ҷумла дар бекигарии Қубодиён эпидемияи табларза паҳн гашт, ки аз он сокинон талафоти зиёд ёфтанд [152, с. 104]. Аммо дар деҳаҳои сарҳадӣ, ки аҳолӣ ба

беморӣ гирифтор мешуданд, дар беморхонаи сарҳадчиён табобат карда мешуданд. Агар Аморати Бухоро табобати аҳолиро ба дасти руҳониён дода бошад, пас табибони сарҳадчии рус на танҳо аҳолии атрофи сарҳадро табобат мекарданд, балки табибони рус барои аз назар гузаронидани беморон экспедитсияи махсус низ ташкил мекарданд.

Ҳамин тавр, соли 1898 бо сардории доктор И. Гренов аз 14 то 21-уми декабр ба деҳаҳои бекигарии Қубодиён дастаи махсус ташкил карданд. Дар баробари зиёд будани фавти беморон, ҳар тобистон дар бекигарии Қубодиён бемории вараҷа сар мезад. Табибони рус дар тули як ҳафта 9 бемори калонсол ва чанд кӯдакро табобат карда, бо доруҳо таъмин менамуданд [152, с. 105].

Табибони рус, ки дар гарнизонҳои ҳарбӣ ва гумрукии Бухорои Шарқӣ, махсусан бекигарии Қубодиён ҷой гирифта буданд, ҳангоми хуруҷи бемориҳои мавсимӣ аҳолии маҳаллиро ба табобати худ фаро мегирифтанд. Аз сабаби дур будани роҳ, нарасидани доруворӣ ва дигар норасоиҳо табибони рус ба ҳама аҳолии бекигарии Қубодиён имконияти ёрии тиббӣ расонидан надоштанд.

Дар арафаи ғалабаи инқилоб дар Бухоро дигар аз тарафи табибони рус ба аҳолии маҳаллии Бухорои Шарқӣ расонидани ёрии тиббӣ аз байн рафт. Зеро намояндагони русро дар ҳамаҷо таъқиб мекарданд. 17-уми январи соли 1919 намояндаи Аморати Бухоро, қӯшбегӣ менависад, ки гӯё вазъи тандурустӣ дар аморат хеле хуб аст. Ин маълумоти нодуруст буд, зеро табибони рус дар бекигариҳои Аморати Бухоро аллакаи набуданд. Талаботи беморон бошад, ба ихтиёри руҳониён гузошта шуда буд. Ба воситаи хондан ва тӯмор додан буд, ки баръакс, ба саломатии одамон зарар дошт,фаъолияти худро пеш мебурданд [152, с. 107].

Ҳамин тавр, бо чунин тарз табобат кардани беморон беманфиат буд. То барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар бекигарии Қубодиён ҳатто ягон нуқтаи табобатӣ вуҷуд надошт, инчунин бо сабаби бад будани шароити зиндагӣ ҳолатҳои санитарӣ ниҳоят бад буд. Бинобар ин,фавти аҳолӣ, махсусан кӯдакон хело зиёд ба назар мерасид.

# БОБИ II. БАРПОШАВИИ ҲОКИМИЯТИ ШУРАВӢ, ДИГАРГУНСОЗИҲОИ ИҚТИСОДӢ – ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ 20-40-УМИ АСРИ XX

## 2. 1. Ташкилёбии сохтори идории Шуравӣ ва дигаргунсозиҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар Қубодиён

Хабари ғалабаи Инқилоби Октябр, ба дасти коргарону деҳқонон гузаштани ҳокимият ба зудӣ ба тамоми ҳудудҳои Аморати Бухоро паҳн гардид. Ин хабар ҳатто ба деҳаҳои дурдасттарини Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ низ расид. Баъд аз ғалабаиинқилобҳар рӯз ба Бухорои Шарқӣ деҳқононе гашта меомаданд, ки иштирокчиёни ҳаракатҳои инқилобӣ дар Петроград, Москва ва Туркистон маҳсуб меёфтанд. Инҳо деҳқононе буданд, ки дар вақташ ба шаҳрҳо барои мардикории мавсимӣ рафта буданд ва бо зӯрӣ ба лашкари амир ҳамчун сарбоз ҳамроҳ шуда буданд, ки дар арафаи Инқилоби сотсиалистии Октябр ва Инқилоби Бухоро обутоб ёфта буданд [150, с. 164-165].

Пас аз барқарор кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар аморати Бухоро амир Олимхон бо ҳамроҳии 300 нафар саворагон, аз ҷумла 100 нафар солдатҳои афғон, ки ба онҳо намояндаи ҳукумати Афғонистон Муҳаммад Аслонхон роҳбарӣ мекард, 10-уми сентябри соли 1920 ба Бойсун омада, сипас ба Бухорои Шарқӣ гурехт [150, с. 165-166].

Бинобар маълумоти муҳаққиқон, дар бошишгоҳи нави амир зулм ва беқонунӣ ҳукмфармо буд. Дар Душанбе ва дигар шаҳрҳои Бухорои Шарқӣ зулму истисмори одамон ба як ҳодисаи муқаррарӣ табдил ёфта буд. Дар рӯзҳои аввали ба Душанбе омадани амир бо фармони ӯ дар майдони шаҳр 26 нафар бо гумони он ки ба Ҳокимияти Шуравӣ кумак мекарданд, бегуноҳ қатл карда шуданд [150, с. 165-166].

Аммо бо тамоми таҳдиду фишорҳои амир нигоҳ накарда, сиёсати амирӣ дар Бухорои Шарқӣ барҳам хӯрда, амир Олимхон 4-уми марти соли 1921 дар гузаргоҳи Дарқади назди Чӯбак дарёи Панҷро убур карда, ба Афғонистон фирор намуд [118, с. 214].

Ҳомиёни босмачиҳо дар зери ҷаҳолати феодаливу гумроҳии динӣ баъзе деҳқононро истифода карда, ба муқобили Ҳокимияти Шуравӣ «ғазовот» эълон карданд. Бухорои Шарқӣ макони дурдасте буд, ки иқтисодиёташ хароб, мардумаш аз муборизаи сиёсӣ қариб дар канор, табиаташ кӯҳии бероҳа, ҳамсарҳад бо душманони хориҷӣ, аз ҷумла империалистони Англия буд. Ҳамаи ин ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ мусоидат мекард ва тобистони соли 1921 дастаҳои роҳзану ғоратгари босмачиён амалиёти ҷангиву ваҳшиёнаи худро сар карданд [125, с. 45].

Қубодиён яке аз маконҳои дурдастарин, аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ақибмонда дар Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳамзамон ҳамсарҳад будан бо Афғонистон, барои ҳаракати босмачигарӣ дар Қубодиён бетаъсир намемонд. Бо ҳамин қувваҳои ҳарбии зиддишуравӣ ба ҷанг оғоз намуда, ба ҳаракати босмачигарӣ ибтидо гузоштанд. Бо озод шудани Қубодиён аз қувваҳои бек ва барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ боёну руҳониён ва амалдорони собиқи маҳалҳо ба мубориза сар карданд. Намояндагони ҳаракати босмачигарӣ дар ҳудуди Қубодиён асосан қабилаҳои ӯзбеки лақай, қунғурот ва дурманҳо буданд. Ва яке аз чунин дастаҳои зиддишуравӣ сокини деҳаи зиракии Қубодиён Тоҳир – Дурман сардорӣ мекард. Шумораи дастаҳои ӯ 30-40 нафарро ташкил медод. Дастаи ӯ асосан ба ғоратгарӣ машғул буда, аммо деҳаҳои худро онҳо муҳофизат мекарданд. Тоҳир – Дурман бо Артиши Сурх дер мубориза бурда натавонист, дастаи ӯ торумор гашта, худаш ба қатл расонида мешавад [58, с. 56].

Дар Қубодиён инчунин, дастаи Тошматбеки қунғурот амал мекард. Ӯ тез – тез ба деҳоти ҳамсояҳо ҳуҷум намуда, онҳоро ғорат намуда, байни ҳамдеҳагони худ ғаниматҳои бадастовардаро тақсим мекард. Дастаи ӯ, ки собиқ аскарони артиши амир ва беки Қубодиёнро дар бар мегирифт, аз 50 нафар иборат буд. Пас аз зарбаи сахт дидан аз тарафи Аскарони Сурх Тошматбек бо боқимондаи навкаронаш ба Афғонистон гурехта, ба лашкари Иброҳимбек ҳамроҳ шуд [58, с. 57].

Ба Қубодиён яке аз сардорони дастаи босмачигарии Сурхандарё– Утанбек мунтазам ҳуҷум мекард, ки нисбати дигар дастаҳо золимтару ғоратгар буда, ба ноҳия зарари калон меовард. Ӯ низ аз авлоди қунғурот буд, вале дурманҳову лақайҳоро низ муттаҳид сохта, аз рӯи шумора дастаи ӯ аз гурӯҳҳои Тоштанбек, Анварбеку дигарон бештар буд. Утанбек шахси бераҳм ва маккор буд. Ӯ ҳангоми ҳамлаи Аскарони Сурх пинҳон шуда, танҳо пас аз рафтани онҳо аз ақибашон ҳуҷум мекард. Бо вуҷуди ин, дар мубориза назди кӯҳҳои Бойсун ӯ сахт шикаст хӯрда, ба Афғонистон фирор мекунад [58, с. 57-58].

Бинобар маълумоти Ҷуматурдӣ Джураев,сокини 83 – солаи деҳаи Авестои ҷамоати Тахти Сангин собиқадори меҳнат дар соҳаи маориф, ки умри зиёди худро дар таълиму тарбияи фарзандони ноҳия гузаронидааст, нисбати он рӯзҳои фоҷиабор, ки аз падараш шунидааст, чунин ёдовар шуд: «Қариб ҳар рӯз босмачиён ба деҳаҳо ҳуҷум намуда, аҳолиро ғорат мекарданд ва ҳар касе, ки ба аскарони сурх алоқа дошт, ӯро дастгир намуда ба қатл мерасонданд. Падарам яке аз калтакдорони Аскарони сурх буд. Ба муқобили босмачиён дар ноҳия мубориза мебурд. Як шаб ногаҳон саворагони зиёде ба хонаамон ҳуҷум намуданд. Падарам зуд милтиқашро гирифта ба болои дарахти зардолуи дар ҳавлиамон буда баромад. Босмачиён падарамро наёфта, аз сандуқи модарам либос, рӯймол ва дигар ашёҳои рӯзғорро ғорат намуда баромада рафтанд. Дар назди гарнизони Армияи сурх мактаб кушоданд. Мактаб қариб хонанда надошт. Аз тарси руҳониён ва босмачиён ҳеҷ кас наметавонист фарзанд ё худаш ба синфи гурӯҳҳои калонсолон будаи мактаб ба дарс равад».

Бояд қайднамуд, ки ҳукуматдорони Афғонистон дастурҳои аз Лондон гирифтаашонро ба ҷо оварда, зуд аскарони худро ба ноҳияҳои ҳамсарҳади Бухорои Шарқӣ мефиристоданд. Дар охири моҳи июни соли 1922 дар даъватномаи шуъбаи сиёсии гурӯҳи қӯшунҳои Бухоро навишта шуда буд: «Ба Қубодиён отряди саднафараи афғонҳо фиристода шудааст, ки онҳо бо милтиқҳои англисӣ мусаллаҳ буданд. Дар сарҳад боз аскарони зиёди афғон қариб 16 палтан (ҳар як палтан 600-700 нафар) аскарони пиёда, 10 сад

нафар савора, қариб 12 тӯп омода буданд, ки ҳар лаҳза вориди ноҳия шаванд» [151, с. 144].

Дар ин давра мувофиқи нақшаи босмачиён, дастаи дуҳазорнафараи онҳо ба се гурӯҳи калон тақсим шуда буд ва онҳо мебоист аз Даштиҷум то Қубодиёну Шаҳритус дар як вақт ба ҳудуди Тоҷикистон ҳуҷум кунанд [151, с. 237].

Аввалҳои моҳи апрели соли 1931 дастаи 400-нафараи босмачиёни Эгамбердӣ шабона аз сарҳад гузашта ба ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритус зада даромад. Дар гузаргоҳ дастаи сарҳадчиён Дудкин, Тихонов ва Демченко бо пулемёти «Дегтяров» истода буданд. Босмачиён се маротиба ба ҳуҷум гузашта, ҳар даъфа бо талафоти калон ақиб партофта шуданд. Сарҳадчиён ба ҳуҷум гузашта, то худи соҳили дарёи Панҷ босмачиёнро таъқиб карданд [150, с. 440-441].

Ҳамин тавр, ҳаракатҳои босмачигарӣ дар Бухорои Шарқӣ ва ноҳияҳои ҳамсарҳади Афғонистон, аз ҷумла ноҳияи Қубодиён то соли 1932 идома ёфт, ки ба пешрафту муваффақиятҳои аҳолӣ ва барқарор намудани Ҳокимияти Шуравӣ монеаҳо эҷод менамуд.

Дар натиҷаи ҷангҳои тулонӣ шумораи аҳолиитумҳурӣ низ зиёда аз 250 ҳазор нафар кам шуд [55, с. 351]. Манзилҳои зисти аҳолӣ, хусусан хоҷагиҳои деҳқонон пурра хароб гардид. Аз ҷумла, дар ноҳияи Қӯрғонтеппа 80%, Сарой – Камар (феълан Панҷ) 63%, Арал 45%, Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ) 25% ва Қубодиён 12%-ро ташкил медод [81, с. 159].

Дар Анҷумани I-уми Шуроҳои Умумибухороӣ ба масъалаҳои мустаҳкам намудани Ҳокимияти Шуравӣ дар Бухорои Шарқӣ ва ёрӣ ба деҳқонони дар ҷанги шаҳрвандӣ хонахаробгардида диққати калон дода шуд [149, с. 118-119]. Мувофиқи қарори Анҷумани I-уми Шуроҳои Умумибухороӣ дар ноҳияи Қубодиён низ як қатор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва кумакҳо ба деҳқонони дар ҷанг зарардида расонида шуд.

Соли 1923 КИМ Шурои Умумибухороӣ «Қонуни асосии ҶХШ Бухоро доир ба истифодаи замин»-ро қабул кард, ки мувофиқи он ҳама заминҳои киштбоб ба фонди давлат дохил шуданд. Замин ба нафарони синнашон аз

19–сола боло дода мешуд. Ба оилае, ки то панҷ нафар аъзо дошт, 30 таноб[6] замин дода мешуд [125, с. 56].

Ба деҳқонон ёрии моддӣ расонида, қарзҳои дарозмуддати пулӣ, тухмӣ, озуқа ҷудо карда мешуд. Ҳукумати Шуравӣ аҳолии Тоҷикистони ҷанубу марказиро аз андозҳои хоҷагии қишлоқ барои солҳои 1925-1927 озод карда буд [125, с. 66]. Ин ёрии моддии ҳукумат имконият дод, ки деҳқонони ноҳияи Қубодиён низ хоҷагиҳои худро тараққӣ дода, ҳосилнокиро дар заминҳои корам баланд бардоранд.

Маҳз натиҷаи ҳамин кумакҳо буд, ки дигаргунсозиҳои чашмрас дар ноҳияи Қубодиён мушоҳида мешуданд. Дар солҳои 1924-1925 дар ноҳияи Қубодиён 1.710 ҳазор хоҷагӣ мавҷуд буд, ки ин хоҷагиҳо 8.379 ҳазор нафар аъзо доштанд [104, с. 137]. Дар ҳамин солҳо майдони кишти ғалладона дар хоҷагиҳо чунин буд: кишти гандум дар заминҳои обӣ 881 сотих, ҷав 1.238 сотих, шолӣ 1.350 сотих, ҳосилнокии ғалла дар заминҳои коридашуда аз ҳар як сотих 26,4 сентнерро ташкил медод [104, с. 137].

Ҷамъоварии ҳосили зироати ғалладонаи ноҳия дар солҳои 1924-1925 - гандум 232.58 пуд, ҷав 32.683 пуд, биринҷ 86.400 пудро ташкил медод. Аз рӯйи баҳисобгирии соли 1925 дар ноҳияи Қубодиён 121.1527 пуд ғалла истеҳсол карда шуд, ки 59,4%-и талаботи ноҳияро қонеъ мегардонд, ба ин миқдор ғаллаи тухмӣ дохил карда нашудааст. Аз рӯйи истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ 14,5 пуд[7] ғалла рост меомад, ки 76,7%-и талаботро дар бар мегирифт [104, с. 137].

Дар ноҳияи Қубодиён аз талабот зиёдтар ҳосили ғалла ба даст оварда мешуд, зеро шароити хуби табиияш барои рушди соҳаи ғалладонагӣ мувофиқ аст. Агар талабот ба ҳар як нафар 9,6 пуд ғалла рост ояд, пас дар Қубодиён нисбат ба ҳар як сари аҳолӣ 4,9 пуд ғалла зиёдтар истеҳсол карда мешуд, ки онро ба бозор мебароварданд [104, с. 87-96]. Дар ин давра дар Қубодиён 4123 даҳяк замини корам мавҷуд буд, ки 2% он барои кишти пахта ҷудо карда шуда буд [104, с. 68]. Аз ин маълум мешавад, ки дар ин

---

[6] Таноб–ченаки паймоиши масоҳати замин, чоряки гектар
[7] Пуд–ченаки вазн, ки ба 16 кг баробар аст.

давра дар ноҳияи Қубодиён аз пахтакорӣ дида, ба соҳаи ғалладона диққати асосӣ дода мешуд ва ноҳияи Қубодиён дар ин солҳо ба яке аз ноҳияҳои ғаллакор дар миқёси вилоят ва ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Соли 1929 дар ноҳияи Қубодиён 2948 гектар замини корам барои кишти гандум, 1888 гектар барои кишти арзан, 652 гектар барои кишти биринҷ ва 5280 гектари дигар бошад, барои кишти пахтаи навъи амрикоӣ ҷудо карда шуд [4, в. 54].

Тараққиёти хоҷагии деҳоти Тоҷикистон, махсусан ноҳияи Қубодиён ба обёрӣ вобастагӣ дошт. Бо ин мақсад, соли 1925 дар назди ҳукумат Идораи хоҷагии об (ИХО) таъсис дода шуд, ки он дар тули 5 сол дар мақоми Комиссариати Халқӣ кор бурд. Масалан, оби округи Вахш ба вилояти Қӯрғонтеппа, Қизилсӯ ба вилояти Кӯлоб, Кофарниҳон бошад, ба Ҳисор, Қубодиён ва Шаҳритус тааллуқ дошт [56, с. 404].

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ хоҷагии кишоварзӣ зарари калон дида, харобии шабакаҳои обёрикунанда дар маҷмуъ 80%-ро дар бар мегирифт [91, с. 12]. Ин харобӣ дар ноҳияи Қубодиён низ ба назар мерасид, зеро як қисми заминҳои ноҳия аз беобӣ ба қатори заминҳои бекорхобида дохил мешуданд.

Дар соли 1926 барои обёрӣ кардани заминҳои Қӯрғонтеппа ва Ҷиликӯл дар дарёи Вахш 9 канал сохта шуда буд, ки калонтарини он Афғонча буд, ки 800 гектарро обёрӣ мекард. Каналҳои дигар, ба монанди Карелон 400 гектар, Ёрибек 500 гектар, Аксан 100 гектар, Катаған 600 гектар, Доэмен 200 гектар, Дҷада-гер 700 гектар, Кум 600 гектар, Ходҷа-холла 3000 гектар заминро обёрӣ мекарданд. Дар маҷмуъ ин каналҳо 9600 гектар заминро обёрӣ мекарданд [104, с. 166].

Соли 1932 хоҷагиҳои оби ноҳияҳои Қубодиёну Шаҳритус муттаҳид шуда, низоми обёрикунии Кофарниҳони Поёнро ташкил доданд. Ин шабака ба заминҳои поёноби дарёи Кофарниҳон ва қисмати ҷанубӣ – ғарбии водии Вахш хизмат мерасонид, зеро минтақаи мазкур базаи асосии пахтаи маҳиннах ба ҳисоб меравад. Дар шабака 9 канали магистралӣ

мавҷуд буда, ки аз онҳо 6 канал ба ноҳияи Шаҳритус ва 3 канал ба ноҳияи Қубодиён хизмат мерасониданд [59, с. 112].

Солҳои 1927-1931 аз дарёи Кофарниҳон ба воситаи каналҳо 22000 гектар заминҳои ноҳияи Қубодиёнро обёрӣ мекарданд [104, с. 174]. Аз ин рақамҳо маълум мешавад, ки обёрӣ намудани заминҳои бекорхобидаи ноҳия нисбат ба солҳои пештара хеле беҳтар гардидааст. Аз ин пешравиҳо аҳолии ноҳия руҳбаланд шуда, ба ташкил намудани хоҷагиҳои нав дар заминҳои обёришуда камар бастанд.

Шароити табиии ноҳияи Қубодиён барои соҳаи чорводорӣ хеле мусоид аст. Бо ҳамин мақсад Ҳукумати Шуравӣ ба рушди соҳаи мазкур диққати ҷиддӣ медод. Аз рӯйи маълумот муайян карда мешавад, ки соли 1925 дар ноҳия миқдори чорво-767 сар асп, 6344 сар чорвои калони шохдор, 17 сар шутур, 8618 сар гӯсфанди ҳисорӣ, 342 сар гӯсфанди қароқулӣ, 1744 сар буз, ки дар маҷмуъ, 18.707 сар чорворо ташкил медоданд [104, с. 13].

Бо маҳсулоти зарурӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Қубодиён ҳамеша дар зери таваҷҷуҳи ҳукумати марказӣ қарор дошт. Дар ҳар нуқтаи аҳолинишини Қубодиён дӯконҳои тиҷоратии Узбекторг фаъолият мекарданд, ки ба аҳолии ноҳия нисбатан бо нархи арзон хизмат мерасониданд. Тиҷорати хусусӣ низ дар солҳои 1926-1927 дар ноҳия амал мекард, ки ин дар дасти тоҷирони хурд буд. Давраи мазкур дар ноҳия ду бозори маҳаллӣ буд, ки рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе фаъолият мекарданд [104, с. 247-248].

Вазифаи ташкили тиҷорати беруна ба Афғонистон ба зиммаи ҳамин Узбекторг вогузор карда шуда буд. «Узбекторг-1» бошад, дар вилояти Қӯрғонтеппа 11 нуқтаи савдои худро ташкил карда буд, ки онҳо дар ноҳияи Қубодиён низ амал мекарданд [104, с. 173]. Маҳз ин нуқтаҳо дар Қубодиён бо он мақсад ташкил карда шуда буд, ки ноҳия бо Афғонистон ҳамсарҳад аст ва баровардани молҳо ба воситаи ин ноҳия хеле қулаи ва осон буд.

Яке аз масъалаҳои асосии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 20-уми асри XX, ин ба Ватан баргардонидани фирориён буд. Дар натиҷаи даргириҳои сиёсӣ ва задухӯрдҳои шадиди гурӯҳҳои мухолифин дар қаламрави ноҳияи Қубодиён дар зарфи солҳои 20-уми асри XX ҷараёни ба Афғонистон фирор кардани қисми зиёди аҳолӣ ва дубора ба Ватан баргардонидани онҳо сурат гирифт.

Баъди сарнагун гаштани Аморати Бухоро, дар баробари гурехтани амир 200 ҳазор нафар сокинони аморат тарки Ватан намуданд [59, с. 112]. Аз он ҷумла, аз ноҳияи Қубодиёну Шаҳритус зиёда аз 1847 хоҷагӣ рӯ ба Афғонистон оварданд [59, с. 112]. Бояд қайд кунем, ки фирориён бо сарватҳои худ ба сӯи сарҳад рафта буданд. Пас аз бозгашт бо дасти холӣ омаданд, ки ин ба иқтисодиёти ноҳия бетаъсир намонд.

Фирорӣ гардидани аҳолии вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Ҳисор хосияти оммавӣ касб намуд, зеро ин вилоятҳо ба майдони ҷанг табдил ёфта буданд. Солҳои 1921-1922 наздики 50 ҳазор хоҷагӣ ё худ 200-250 ҳазор одам, ки аз чаҳор як қисми аҳолии Бухорои Шарқиро ташкил мекарданд, аз дарёи Панҷ гузошта, ба Афғонистон рафтанд [56, с. 351].

Тавре маълум аст, фирориён аз ҳама бештар аз ноҳияҳои сарҳадии вилояти Қӯрғонтеппа, аз ҷумла ноҳияи Қубодиён буданд. Чунин ҳолатҳо боиси он шуданд, ки аҳолии ноҳияи Қубодиён фирефтаи иғвоҳои амалдорони амир гардида, ба Афғонистон фирорӣ шуданд.

Баъди ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон ва муътадил гардидани вазъият дар ҷумҳурӣ дар солҳои 1924-1925 суръати ба Ватан баргаштани фирориён афзуд, ки дар натиҷаи ин чораандешиҳо ба ноҳияи Қубодиён 21 оилаи фирорӣ баргашта омаданд, [56, с. 362-363] ва боқимондаи аҳолӣ азми ба Ватан баргаштанро доштанд.

Солҳои 1926-1929 маҷмуан, дар ҶМШС Тоҷикистон 15826 хоҷагии муҳоҷирон муқим гардиданд [56, с. 397-398]. Соли 1929 дар ноҳияи Қубодиён 290 хоҷагии муҳоҷирон муқим гардиданд. Соли 1930 бошад, чунин рақам ба 1021 хоҷагӣ расид [5, в. 86].

Ҳамин тавр, дар ташкилёбии сохтори идории шуравӣ ва дигаргунсозиҳои солҳои 20-30-юм дар Қубодиён корҳои зиёде ба анҷом расида бошад ҳам, аммо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасид. Аз ин лиҳоз,аз ҳар як камбудӣ ва ё хатогии хурд истифода бурда, миёни деҳқонони ноустувор таблиғоти зиддиҷамъиятӣ мебурданд. Ба ҳамаи ин мушкилиҳои ҷойдошта муҳоҷиркунӣбарои барқарор кардан ва инкишофи минбаъдаи хоҷагии деҳоти кишвар нақши мусоид бозид.

Сиёсати коллективонии хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 30-40-уми асри XX яке аз масъалаҳои асосии сохтмони сотсиализм ба ҳисоб мерафт. Бо қарори таърихии КМ ҲКУ (б) аз 5-уми январи соли 1930 «Дар бораи суръати коллективонӣ ва тадбирҳои ёрии давлат ба сохтмони колхозҳо» ба колхозҳо ихтиёран дохилшавии деҳқонон ва мадади давлатро ба сохтмони колхозӣ тезонид [125, с. 96].

Дар солҳои 1930-1931 аксарияти колхозу совхозҳо аз бою феодалҳо тоза карда шуданд. Як гурӯҳи корӣ аз Москва ба Тоҷикистон омада, бо сафари кории думоҳа ба ноҳияи Қубодиён ташриф оварда, техникаи хоҷагии қишлоқро таъмир намуда, дар муҳокима ва ташкили ТОЗ-ҳо саҳм гузошт. Дар деҳаи Ябуз гӯшаи занон ва мағозаи алоҳидаи занона ташкил карда шуда, дар деҳаҳои Шохоб, Бештемур, Лайлакуя бошад, барои занон корхонаҳои коркарди пилла ташкил ёфтанд [113, с. 58]. Ин чорабиниҳои ҳукумат ба рушди минбаъдаи соҳаи мазкур дар ноҳия замина гузоштанд.

Ноҳияи Қубодиён дар ин давра дар бобати ба хоҷагии коллективӣ додани замини феодалони маҳаллӣ фаъолияти намунавӣ зоҳир намуд. Барои амалӣ шудани ин иқдом 8-уми августи соли 1931 комиссияи махсус ташкил карда шуда, то 19-уми августи соли 1931 дар ноҳия корҳои зиёди сиёсӣ – тарғиботӣ гузаронида шуд. 25 нафар фаъолони ноҳия барои колхозу совхозҳо ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва фош кардани кулакҳо фиристода шуданд. То 1-уми сентябри соли 1931 зиёда аз 94 хоҷагии кулакҳо фош ва барҳам дода шуд ва 26-уми август дар анҷумани колхозчиён ноҳияи Қубодиён ҳамчун ноҳияи саросар коллективонидашуда эътироф гардид [113, с. 75].

Дар асоси қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи ташкили совхозҳои нави пахтакор дар ноҳияҳои Сарой – Камар, Фархор ва Қубодиён» аз 24-уми январи соли 1931 зарур дониста шуд, ки масоҳати 3000 гектар, ки аз он 2250 гектар ба кишти пахта ҷудо шуда буд, то 1-уми феврали соли 1931 пурра ба совхозҳои пахтакор мутаҳид карда шаванд [6, в. 141-142].

Моҳи майи соли 1931 26598 хоҷагиро ба доираи хоҷагиҳои коллективӣ кашиданд. Хулоса, дар ҷумҳурӣ 76,4% деҳқонони камбағал ба хоҷагиҳои коллективӣ ворид гардиданд. Аз ҷумла, дар Сарой–Камар, Фархор, Шаҳринав, Қубодиён, Ҷиликӯл хоҷагиҳои коллективӣ 50% деҳқононро дарбар гирифтанд [113, с. 75].

2-юми августи соли 1931 қарори КМ ҲКУ (б) дар бораи вусъати минбаъдаи коллективонӣ ва масъалаҳои мустаҳкам кардани хоҷагиҳои колхозҳо қарор қабул карда шуд, ки он ҳалли «Масъалаи коллективонии хоҷагии қишлоқ ва ташкил кардани колхозҳоро эълон намуд»,зеро то ин давра тибқи маълумоти расмӣ 60-70% хоҷагиҳои деҳқонӣ коллективонида шуда буданд. Ба ноҳияҳои пахтакорӣ ҶШС Тоҷикистон 58540 хоҷагӣ ҳамроҳ карда шуд, ки ин 75-80% коллективонии хоҷагии қишлоқи пахтакорро дар бар мегирифт. Ба ин гурӯҳ ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Арал, Сарой – Камар, Қубодиён, Фархор ва Кӯлоб дохил мешуданд [113, с. 78]. Мувофиқи далелҳо маълум мешавад, ки ноҳияи Қубодиён дар ин давра бомуваффақият 50% талаботро иҷро намудааст.

Бояд қайд кард, ки коллективонии хоҷагиҳои деҳот дар ноҳияҳои пахтакор дуруст ба роҳ монда шуда буд. Дар ноҳияҳои мазкур 76,8 фоизи заминҳои киштро пахта ташкил медод. То 1-уми майи соли 1932 ҳиссаи колхозҳои хоҷагиҳои ноҳияи Шаҳринав 88,6%, Сталинобод 71,3%, Куйбишев 77,1%, Сарой – Камар 71,4% ва Қубодиён 87,4%-ро ташкил медод [1, в. 40]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ноҳияи Қубодиён дар ин сол нисбат ба ноҳияҳои Куйбишев ва Сарой-Камар қариб ду баробар нақшаро барзиёд иҷро намудааст.

Бо мақсади аз худ намудани заминҳои лалмӣ дар совхози Қубодиён барои истеҳсоли зироати ғалладона қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 1935 «Дар бораи кишти зироати ғалладона дар колхози Қубодиён» ба тавсиб расид. Инчунин колхози Қубодиён вазифадор карда шуд, ки барои кишти босуръати зироати ғалладона аз марказҳои истгоҳи мошину тракторӣ истифода намояд [11, в. 171-172].

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар солҳои 30–юми асри XX, ин муҳоҷирати дохилӣ ва азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи водии Вахш ба ҳисоб мерафт. Бо ҳамин мақсад, аз ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ ва берун аз он аҳолӣ ба водии Вахш, махсусан ноҳияи Қубодиён муҳоҷир карда шуд.

Дар натиҷаи чорабиниҳои соли 1929 290 хоҷагӣ ба ноҳияи Қубодиён муҳоҷир карда шуданд, дар соли 1930 бошад, ин рақам ба 1021 хоҷагӣ расид, ки ин нисбат ба соли 1929 ду баробар зиёд буд. Дар соли 1931 888 хоҷагӣ, соли 1932 741 ҳоҷагӣ, ҷамъулҷамъ 2940 хоҷагӣ ба ноҳия муҳоҷир шуда, муқимӣ гардид, вале аз ин шумора 1533 хоҷагӣ бо сабаби шароити номусоиди зисту зиндагӣ ба ҷои зисти доимии худ баргаштанд ва дар ноҳия 1407 хоҷагии дигар боқӣ монд [5, в. 86].

Солҳои 1928-1932 аз ноҳияҳои кӯҳистони шимолӣҒарм, Кӯлоб, Қаротегин, Конибодом, Хуҷанд, Уротеппа (феълан Истаравшан), Панҷакент ва аз вилояти Фарғона 37732 нафар муҳоҷирон омаданду дар ноҳияҳои гуногуни водӣҷойгир шуданд. Соли 1930 аз ноҳияи Чуст–Поли округи Фарғона 545 хоҷагӣ ба ноҳияи Қубодиён омаданд. Онҳо ҳамроҳи худ 62 сар асп, 22 сар барзагови ҷуфтӣ, 30 ароба оварданду дар ноҳия 17 колхози муҳоҷиронро ташкил намуданд. зимнан дар қитъаҳои гуногун маскун шуда, усули пешқадами пахтакориро ба одамони маҳаллӣ омӯзониданд. Соли 1930 аз ҳисоби муҳоҷирони ташкил шуда, 33 колхоз, 1599 аъзо мавҷуд буд, ки ба ҳар як колхоз ба ҳисоби миёна 49 аъзо рост меомад [59, с. 117].

Пурра амалӣ гардидани нақшаи муҳоҷирати дохилӣ ва муқимӣ шудани хоҷагиҳои муҳоҷиршуда, ба зиёд шудани кишти пахта дар ҶШС Тоҷикистон ва махсусан, дар ноҳияи Қубодиён замина гузошт.

Соли 1938 пахтакорони водии Вахш дар парвариши пахтаи маҳиннах муваффақиятҳои калонро ба даст оварда, аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна зиёда аз 30-юми сентнерӣ ҳосил ба даст овараданд. Дар ин сол нақшаи пахтасупориро ноҳияи Қубодиён 143 % ва ноҳияи Шаҳритус 152 % иҷро намуданд. Барои ба даст овардани ҳосили баланд пахтакорони ин водӣ, хусусан ноҳияи Қубодиён, ба маблағи зиёда аз 9 миллион сӯм музди иловагӣ гирифтанд [196, с. 2].

Дар ин муваффақиятҳои калони хоҷагии қишлоқ нақши истгоҳҳои мошину тракторӣ (ИМТ) хеле калон буд. Аввалин марказҳои мошину тракторӣ дар Тоҷикистон соли 1929 ташкил шуданд. Ин марказҳо дар ноҳияҳои Арал, Чептура, Сарой – Камар, Шаҳринав, Шаҳритус сохта шуданд. Ин (ИМТ)–и дар ноҳияи Шаҳритус буда ба ноҳияи Қубодиён низ хизмат мерасонид. Дар ин марказҳо 300 адад трактор ва бисёр олотҳои дигари истеҳсолии хоҷагии қишлоқ мавҷуд буданд [125, с. 95]. ИМТ-ҳо дар ташкил кардани хоҷагиҳои коллективӣ нақши муассир доштанд. Онҳо боиси ҳавасманд гардидани деҳконон ва саросар ба хоҷагиҳои коллективӣ гузаштани аҳолӣ шуданд.

Дар солҳои 1929-1930 ба ноҳияи Қубодиён 10 трактори гандумпошаки сихмолакунӣ, 70 плуг, 30 сихмолаи дутарафа, 2 мошини ҷудокунанда, 5 аробаи чорчарха, 10 ароба, 70 афзоли аспу ароба, 40 аробаи дудаста, 200 каланд ва дигар таҷҳизоти хоҷагӣ оварда шуданд [7, в. 29].

Дар ҳаётисокинониҚубодиёнсоли 1933 хотирмон буд. Дар ноҳия як истгоҳи мошину тракторӣ ба кор андохта шуд [79, с.48]. 20-уми марти соли 1939 дар ноҳияи Қубодиён 49 трактори намуди стз, 30 намуди У-1 ва 4 намуди чтз мавҷуд буданд, ки аз ин миқдор 14 намуди стз ва 4 намуди У-1 дар ҳолати корношоям қарор доштанд ва 5 намуди стз ва 3 намуди У-1 дар ҳолати барқароркунӣ буданд [79, с. 52]. Дар татбиқи сиёсати коллективонӣ нақши мусобиқаҳои меҳнатӣ хеле бориз аст.

Соли 1938 мусобиқаи механизаторон боиси ба даст даровардани муваффақиятҳои назаррас дар ҷумҳурӣ гардид. Масалан, дар ноҳияи Қубодиён тракторчиён Қунак ва Пахол ба ҷойи 370 гектар 800 гектар заминро шудгор карда, ба сафи пеши мусобиқа баромаданд ва сафи ин гуна механизаторон сол то сол дар ноҳия меафзуд [197, с. 1].

Қубодиён яке аз ноҳияҳои пиллапарвари ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт, зеро иқлими он барои зиёд намудани ҳаҷми пилла ҳамчун ашёи хом хеле мувофиқ буд. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки ноҳия дар ин давра ба як қатор пешравиҳо ноил гашт. Дар соли 1931 1687 қуттии тухми кирмак тақсим шуда, хоҷагидорон аз ҳар як қуттӣ 20 килограммӣ пилла рӯёниданд, ки он 34,3 тоннаро дар бар мегирифт. Дар соли 1934 бошад, аз 1630 қуттии тухми кирмак хоҷагидорон 33,8 тонна ҳосил рӯёниданд,ки ин нишондиҳандаҳо нисбат ба ноҳияҳои Ҷиликӯл, Бауманобод, Ҳисор ва Қӯрғонтеппа қариб се барорар зиёд буда, дастоварди назаррас дар ин давра барои хоҷагидорони ноҳия ба ҳисоб мерафт [77, с. 568-569].

Дар ин давра соҳаи чорводорӣ низ яке аз соҳаҳои сердаромад дар ноҳияи Қубодиён ба ҳисоб рафта, ба ин соҳа дар ноҳия диққати махсус дода мешуд. Зеро иқлими ноҳия барои парвариши чорво ва зиёд намудани саршумори он хеле мусоид буд. Бо ҳамин мақсад, соли 1932 совхози зотпарварӣ ташкил карда шуд [128, с. 8].

Барои рушд додани соҳаи чорводорӣ солҳои минбаъда аз хоҷагиҳои дигари ҷумҳурӣ бузу гӯсфандро ба совхози зотпарварии ноҳияи Қубодиён оварда, саршумори чорворо ба 1000 сар расонданд [128, с. 8].

Бо мақсади зиёд намудани саршумори зоти гӯсфандони қароқӯлии пӯсти сиёҳрангдошта, дар ноҳия аз соли 1937 сар карда, аз совхози зотпарварии «Нишон»-и ҶШС Узбекистон ба совхози зотпарварии ноҳия гӯсфандони хушзот оварда шуданд. Барои нигоҳ доштан ва зиёд намудани саршумори ин зоти чорво дар ноҳия бо теъдоди зарурӣ қӯчқорҳо низ оварда шуданд [128, с. 10]. Гӯсфандони аз совхози зотпарварии «Нишон» овардашуда, заминаи беҳтар шудани зоти чорвои совхоз ва тараққиёти он дар ноҳия гардид.

Дар солҳои минбаъда аз дигар хоҷагиҳои зотпарварӣ, аз қабили совхози қароқӯлпарварии «Оқапипиғай»-и ҶШС Узбекистон ва совхози «Учажи»-и ҶШС Туркманистон бо теъдоди зарурӣ овардани гӯсфандони хушзоти қароқӯлӣ барои ба даст овардани зоти хушсифат ва зиёд намудани саршумори он дар ноҳия мусоидат намуд [128, с. 10].

Совхоз дар баробари парвариши гӯсфандҳои қароқӯлӣ, инчунин бо аспарварӣ ва шутурпарварӣ низ машғул шуда, ба дигар колхозу совхозҳо аспҳои кориро ба фурӯш мебаровард. Дар соли 1939 совхози Қубодиён 57,9% пӯсти навъи якуми қароқӯлӣ ба давлат супорид [240, с. 60].

Ҳамин тавр, дар ин давра дар рушду нумуи сатҳи зиндагии сокинони ноҳияи Қубодиён як қатор пешравиҳо ба даст омад, ки он минбаъд дар пешрафти хоҷагии халқи ноҳия заминаи боэътимод гузошт.Ҳамаи ин навгонӣ ва дастовардҳо омили беҳтар гардидани зисту зиндагии мардуми ноҳия гардид.

Солҳои 20-уми асри XX дар Тоҷикистон ва махсусан, ноҳияи Қубодиён дигаргунсозиҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз нақшаи азими сохтмонӣ, ҷомеаи сотсиалистӣ бармеомаданд, зина ба зина татбиқи амалии худро ёфта, торафт бештар мардумро ба маҷрои созандагӣ мекашиданд. Ҳамзамон, соли 1928 дар ноҳияи Қубодиён заводи пахтатозакунӣ сохта шуда буд ва дар соли 1932 аз нав бо иқтидори баланд сохта ба истифода дода шуд [104, с. 181].

Солҳои 30-юми асри XX дар Тоҷикистон, хусусан ноҳияи Қубодиён, чорабиниҳои муҳим, аз қабили сохтмони саноату нақлиёт ба нақша гирифта шуда буданд. Бо сабаби набудани шароити мусоид ва нарасидани кадрҳо дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҶШС Тоҷикистон диққати асосӣ барои сохтмони саноати сабук дода мешуд.

Соли 1930 як қатор заводҳои пахтатозакунӣ дар шаҳрҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва соли 1932 дар Сарой – Камар сохта шуданд, ки дар ин заводҳо коркарди аввалини пахта сурат гирифт [68, с. 608].

Пешрафти иқтисодии ҷумҳурӣ сохтмони роҳҳоро талаб мекард. Бинобар ин, 5-уми августи соли 1931 ШКХ ва ҲК (б) Тоҷикистон «Дар

барои сохтмони роҳ ва нақлиёти маҳаллӣ» қарор қабул намуданд. Дар соли 1935 514,4 километр роҳҳои моҳияти ҷумҳуриявӣ дошта сохта шуд. 110,5 километр роҳҳои пештара обод карда шуданд, ки ин роҳҳо дар миқёси Балҷувон, Муминобод, Ёвон, Ховалинг, Қубодиён, Шаҳритус ва дигар ноҳияҳо ҷойгир буданд [112, с. 106].

Дар аксарияти ноҳияҳо аз ҳисоби колхочиён бригадаҳои махсуси роҳсозӣ ташкил карда шуданд, ки дар сохтмони роҳҳо саҳми беандоза гузоштанд. Дар ноҳияи Қубодиён низ соли 1936 аз ҳисоби колхочиён ҳамингуна бригадаҳои махсуси роҳсозӣ ташкил карда шуд, ки бо ташаббуси онҳо аз 1-уми январи соли 1937 ноҳияи Қубодиён нақшаи сохтмони роҳсозиро 50 % иҷро намуд [107, с. 134].

Дар солҳои 1930-1931 барои ба кор даровардани нақлиёти ҳавоӣ 1920 ҳазор сӯм ҷудо карда шуд. Аз моҳи августи соли 1931 хатсайри ҳавоии Сталинобод – Шаҳритус кушода шуд, ки ин хатсайр ба сокинони ноҳияи Қубодиён низ хизмат мерасонд.

Дар соли 1933 дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе ба самтҳои Сталинобод – Ғарм, Сталинобод – Қалъаи Хумб, Сталинобод – Хоруғ, Сталинобод – Сарой– Камар, Сталинобод – Қӯрғонтеппа, Сталинобод – Хуҷанд, Сталинобод – Шаҳритус, Сталинобод – Тошкент хатсайр кушода буд, ки ба мардум хизмат мерасонданд. Яъне аз шаҳри Душанбе ба 23 ноҳияҳои дурру наздики ҷумҳурӣ хатсайри ҳавоӣ кушода шуда буд, ки дар байни онҳо хатсайри Шаҳритус буд, ки аз он аҳолии Қубодиён низ васеъ истифода мебурданд.Дар соли 1935 масоҳати роҳи ҳавоии ҷумҳурӣ 3 ҳазор километрро ташкил медод.

Инкишофи минбаъдаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ дар солҳои 1935-1942 бо суръати баланд пеш мерафт. Анҷумани XVIII ҲКУ (б), ки нақшаи 5 – солаи сеюми тараққиёти хоҷагии халқи ИҶШС-ро барои солҳои 1938-1942 қабул кард. Диққати асосӣ ба инкишофи иқтисодиёт дода шуда буд. Мувофиқи он, кашондани бор ба воситаи нақлиёт 4,6 маротиба, нақлиёти обӣ бошад, 1,8 маротиба бояд зиёд карда мешуд. Дар ин давра мебоист сохтмони роҳҳои васеи автомобилгарди Лоҳур-Шурианбаш –

Қубодиён, Сталинобод-Дашнабад, Обигарм-Ғарм, Ғарм-Ҷиргатол (феълан Лахш), Комсомолобод (феълан Нуробод)-Тавилдара (феълан Сангвор), Қалъаи Хум(феълан Дарвоз)-Вамар-Хоруғ, Сариташ-Иркиштам, Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ба истифода дода шуд. Умуман, барои сохтмони роҳҳои нақлиётӣ дар Тоҷикистон 17428 ҳазор сӯм ҷудо карда шуд [96, с. 34].

Махсусан, аз соли 1940 сохтмони роҳҳои автомобилгарди дохили ноҳиявӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шуд. Бо қувваи деҳқонон дар ноҳияи Даҳана – Киик (феълан ноҳияи Хуросон) 49 км, Шаҳритус – Айвоҷ 14 км ва дар дигар ноҳияҳо роҳҳо сохта ба истифода дода шудан. Аз тарафи давлат барои сохтмони ин роҳҳо 436 ҳазор сӯм ҷудо карда шуд [107, с. 136].

Аксарияти ноҳияҳо, аз қабили Кӯлоб, Ховалинг, Шуробод, Дашти Ҷум, Шаҳринав, Ҳисор, Қубодиён, Шаҳритус ва дигар ноҳияҳо барои саривақт ва бо сифати баланд сохтани роҳҳо сазовори мукофоти олии Байрақи Сурхи Сайёр гардиданд, ва 51 нафар пешсафони ноҳияи Қубодиён низ сазовори нишони сохтмончии роҳҳои нақлиётгардро сазовор гардиданд [107, с. 137].

Ҳамин тавр, дар ин давра барои сохтмони роҳҳо шароити хуб фароҳам оварда шуд. Дар натиҷа, роҳҳои зиёде сохта шуданд, ки барои пешрафти имрӯз ва ояндаи ҷумҳурӣ ва махсусан, ноҳияи Қубодиён асос гузошт ва имрӯз ин роҳҳо ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонанд.

Дар ин давра дар соҳаимаориф масъалаҳоиҳалталабзиёдбуданд**.** Ташкили мактабҳо ва ба хондан ҷалб намудани наврасон дар шароити ниҳоят вазнин мегузашт, чунки дар як вақт мубориза ба қувваҳои зиддишуравӣ идома дошт. Собиқ амалдорони ноҳия, аз бою руҳониён бо тамоми қувва ба ташкили мактабҳои нав халал мерасониданд. Бо фишори босмачиён, ки аҳолиро зери тарсу ҳарос нигоҳ медоштанд, мактаб то соли 1931 натавонист пурра фаъолият кунад [57, с. 56-57].

17-уми майи соли 1929 КМ ҲКУ (б) «Дар бораи кори маҳви бесаводӣ» қарор қабул кард, ки дар он гуфта мешуд: «Вазифаҳои дигаргунсозии сотсиалистии хоҷагии халқ ва майли бузурги оммаи меҳнаткашон ва баланд бардоштани савияи мадании худ исроркорона талаб намуданд, ки

дар кори минбаъдаи маҳви бесаводӣ дигаргунии қатъӣ ба даст овардан лозим аст» [149, с. 258].

Сафарбаркунии оммавӣ барои саводнокӣ дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ Сталинобод (феълан шаҳри Душанбе), Уротеппа (феълан Истаравшан), Ленинобод (феълан шаҳри Хуҷанд), Исфара, Шаҳритус ва ҳамчунин, дар Қубодиён аз соли 1934 ба таври васеъ фаъол гардид. Дар натиҷа, шумораи зиёди одамон ба мактабҳои маҳви бесаводӣ ҷалб шудаанд [144, с. 112].

Соли 1936 дар ноҳияи Қубодиён ба курсҳои маҳви бесаводӣ 4487 нафар сокинони тамоман бесавод ва 2635 нафар хонандагони чаласавод ҷалб карда шуданд, ки дар байни онҳо комсомолон ва аъзои колхозҳои нав ташкил шуда буданд. Ба онҳо 111 нафар омӯзгорони ботаҷриба савод меомӯзониданд [2, в. 3].

Аз рӯи маълумотҳои мавҷуда, шумораи мактабҳо барои хонандагони бесавод дар ноҳияи Қубодиён моҳи марти соли 1937 26 ададро ташкил медод, ки дар маҷмуъ, теъдоди хонандагон дар аввали моҳи март 1029 нафарро ташкил медод. Бояд қайд кард, ки аз иннишондиҳанда 50 нафар курсро тамом накарда, хонданро тарк намуданд. Дар давоми моҳи март бошад, 136 нафар нақшаи таълимиро иҷро намуданд [2, в. 8].

Мактабҳои хонандагонашон чаласавод бошад, дар ноҳия соли 1937 ба 4 адад ва шумораи хонандагон 65 нафарро дар бар мегирифт, ки аз онҳо 44 нафар як моҳ саводи ибтидоӣ гирифта метавонистанд [2, в. 8].

Кумитаи ҳизбии ноҳияи Қубодиён барои ба хондан ҷалб кардани духтарони маҳаллӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод, ки ҳамаи ин бенатиҷа намонд. Агар соли 1936 дар баробари 1834 нафар мардҳо, 2308 нафар занони бесавод ва 35 нафар занони чаласаводи ноҳия ба курсҳои маҳви бесаводӣ ҷалб гардида бошанд [2, в. 3], соли 1937 дар ноҳия 343 нафар занҳо ба курсҳои хонандагонашон пурра бесавод ва 24 нафар дар курси таълими чаласаводон фаро гирифта шуданд [2, в. 8].

Дар соли хониши 1937-1938 дар ҷамоати деҳоти Янгиюли колхози Карл Маркси ноҳияи Қубодиён се адад синфхонаи тайёрӣ ва асосӣ буд, ки

дар ҳар кадоми онҳо аз аввал то охири сол то 14 нафар хонанда таҳсил мекарданд [2, в. 14]. Танҳо соли 1931 дар маркази Қубодиён низ китобхона кушода шуда, вазифаи асосии он ба воситаи китоб паҳн намудани сиёсати ҳокимияти нав ва Ҳизби Коммунисти дар байни оммаи меҳнаткашон буд [57, с. 58].

Моҳи майи соли 1932 ноҳияи Қубодиён соҳиби рӯзномаи худ гардид, ки он бо номҳои «Коммунизм учун», «Шарқ ё риғлигин» ва дар солҳои минбаъда «Октябр» ва «Шараф» ҳафтае се маротиба бо теъдоди 3.500 нусха бо забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ нашр мешуданд, ки онҳо дар баланд бардоштани сатҳи фарҳангии аҳолии ноҳия нақши калон бозиданд [97, с. 66].

Ҳамин тавр, дар солҳои аввали ташкил ёфтани ноҳияи Қубодиён дар рушди илму маориф ва фарҳанг як қатор пешравиҳо, аз қабили сохтмони аввалин бинои шуъбаи маориф, сохтмони аввалин мактабҳо, маҳви бесаводӣ, тадриҷан саводнокшудани аҳолӣ воқеан, ба назар мерасид. Ҳамаи ин дар бобати ташкили хоҷагиҳои коллективии деҳқонон ва ривоҷ гирифтани иқтисодиёт такони ҷиддӣ бахшид.

## 2.2. Қубодиён дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнав – барқароркунии баъдиҷангӣ

Ҷанги дуюми ҷаҳониро таърихшиносон, барҳақ, вазнинтарин ва мушкилтарин имтиҳони инсоният дар асри XX донистаанд. Халқи дусадмиллион нафараи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бар зидди Олмони фашистӣ якдилона то лаҳзаҳои охирин мубориза бурданд. Ҳамаи ин муборизаҳо таҳти шиорҳои «Ҳама барои фронт, ҳама барои ғалаба!» гузаронида мешуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки Тоҷикистон дар солҳои ҷанг ба миқдори умумӣ 253.957 нафар фарзандони солиму бардами худро фиристод. Аз ин миқдор 209 ҳазор нафарашон дар фронтҳои ҷангӣ, аз ҷумла 175648 нафарашон дар сафҳаи аскарони Шуравӣ даъват шудаанд. Аз

фиристодагони Тоҷикистон 58 ҳазор нафарашон дар амалиётҳои ҷангӣ мардонагию шуҷоати зиёд нишон дода, сазовори ордену медалҳои давлатӣ гардиданд. 54 нафар фиристодагони Тоҷикистон ба унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сазовор шуданд. Инчунин, боз 19 нафар аз фиристодагони Тоҷикистон бо ҳар се дараҷаи ордени «Шараф» сазовор шудаанд, ки онҳо ҳам дар қатори Қаҳрамонони Иттиҳоди Шуравӣ мебошанд [139, с. 406].

Дар лаҳзаҳои аввали ҷанг бошандагони ноҳияи Қубодиён низ дар қатори миллионҳо шаҳрвандони Шуравӣ беш аз 2700 нафар фарзандони хешро барои ҳимояи Ватани азиз ба ҷанг сафарбар намуданд. Мушкилии кори хоҷагиро занҳо бардӯши худ гирифтанд. Дар як муддати кӯтоҳ дар маркази ноҳияи Қубодиён курсҳои кӯҳтоҳмуддати омӯзиши техникӣ – ронандагии трактору мошин ташкил ёфтанд, ки дар як сол беш аз 200 нафар занону духтарон касб омӯхта, паси чамбараки трактор ва мошинҳо нишаста, дар пешравии кори колхозу совхози ноҳия ва фиристодани озуқа ба фронт саҳм гузоштанд [72, с. 4].

Дар як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз он ҷумла Данғара ва Қубодиён дар назди ПМТ-и худ курсҳои омӯзиши тарактористонро барои колхозу совхозҳо ташкил карданд. Махсусан, дар ин курсҳо аз ҳисоби занҳо ва мардони синнусоли ғайридаъватӣ ҷалб мешуданд ва онҳо дар саҳро ҷойи кории мардҳои ба ҷанг рафтаро иваз мекарданд [164, с. 1].

10 бригадаҳои трактории ПМТ-и ноҳияи Қубодиён аз 20-уми феврали соли 1941 ба корҳои шудгори заминҳои пахта сар карданд. Дар ду-се рӯзи наздик дигар бригадаҳои тракторӣ ҳам ба саҳро баромада мераванд. Бригадаҳои Милченко, Николенко ба шарафи Конференсияи XVII ҲКУ (б) мусобиқаи сотсиалистиро вусъат дода, коркарди ҳаррӯзаро баланд мебардоштанд. ҳамаи трактористон нақшаи дар зимаашонбударо 180-200 % иҷро мекарданд [189, с. 4].

Меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён низ моҳи январи соли 1942 барои ҷанговарони Артиши Сурх 80 куфайка ва шими пахтагин,70 телпаки гӯшакдор, 8 шинели нав, 24 одиёли мӯина ва ба миқдори бисёр либосҳои

зимистона фиристоданд. Аз пашм ва молҳои саноатие, ки барои ҷанговарони Армияи Сурх ғун карда шуданд, дар ноҳия 230 ҷуфт ҷӯроб, 38 ҷуфт дастпӯшаки мӯйина бофта шуда, зиёда аз 13 куфайка ва шими пахтагин, 12 телпаки гӯшакдор, камзӯлча, либосҳои таг дӯхта шудаанд [323, с. 4].

Хотимаи ҷанг ва аз фронт баргаштани мардони ноҳия ба пешрафти кори кишоварзӣ бетаъсир намонд. Меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён аз моҳи майи соли 1946 сар карда, барои пурра ҷамъоварӣ намудани ҳосили баланди ғалла мубориза мебаранд. Колхозҳо 1-уми май аз ҳама пеш корро сар карда, дарави ҷавро ба анҷом расонданд [222].

Дар миқиёси ҷумҳурӣ барои супоридани ғалла ноҳияҳои Қубодиён, Молотовобод, Ҷилликӯл (феълан Дӯстӣ) ва Октябр дар натиҷаи намунавор ташкил кардани кор ҷойҳои аввалро ишғол намуданд. Ғаллакорони пешқадами ин ноҳияҳо дар зери шиори «Уҳдадории давлатиро аз хирманҳои аввалин иҷро мекунем»-кор карда, ба муваффақияти калон соҳиб шуданд.

Нақшаи солонаи корҳои пойгоҳи мошину тракторӣ (ПМТ)–и ноҳияи Қубодиён 72 фоиз иҷро карда шуда буд. Дар ПМТ 75 нафар тракторчиён ва механикҳои бригада ба таъмири автомобилҳо барои корҳои тирамоҳӣ машғул буданд. Аз 43 трактор фақат 18 адад омода гардида ва боқимонда аз сабаби нарасидани баъзе қисмҳо ба кор баромада натавонистанд [279].

Ғаллакорони тоҷик дар соли 1947 ҳосили фаровон ба даст оварданд. Ноҳияҳои пешқадам, аз қабили Куктош (феълан Рӯдакӣ) нақшаи давлатии шолитайёркуниро 116 %, Қубодиён 108,2 % ва Шаҳритус 104 % иҷро намуданд [342].

Барои меҳнати пурсамар чандин нафар бо ордену медалҳо сарфароз шуданд. Каримов Менгли – сардори звенои колхози ба номи Молотови ноҳияи Микоянобод (феълан Қубодиён), барои аз ҳар гектари майдони 9 гектара 47,8 сентнерӣ ҳосили пахтаи мисрӣ гирифтанаш бо ордени «Байрақи сурхи меҳнат», Раҳмонов Қурбон – сардори звенои колхози ба номи Сталини ноҳия барои аз ҳар гектари майдони 6 гектара 44,1 сентнерӣ

ҳосилоти пахтаи мисрӣ гирифтанаш бо ордени «Байрақи сурхи меҳнат», Абдиев Ҳоҷамқул сардори звенои ҳамин колхоз бо медали Барои «Меҳнати шуҷоатнок» ва Абдуллоев Аҳмад – сардори звенои колхози Янги Турмуш бо медали барои «Меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудаанд [205].

Дар натиҷаи мустаҳкам намудани хоҷагиҳо ва зиёд намудани дарахтони тут ҳосилнокии пилла низ дар ноҳияи Қубодиён рӯ ба тараққӣ ниҳода, мувофиқи нақша соли 1943 кирмакпарварони ҷумҳурӣ бояд ба давлат 1645 тонна пилла месупориданд. Кирмакпарварони ноҳияи Қубодиён бошад, бомуваффақият нақшаи пилласупориро ба иҷро расониданд. Масалан, Я. Раҳимов ва К. Ишқозиева аз ҳар як қуттии кирмак ба ҷойи 40 килограм 75-105 килограмми пилла рӯёнида ба давлат супориданд, ки ин аз нақша ду баробар зиёд буд [114, с. 196].

Колхози ба номи Калинини ноҳияи Қубодиён дар соли 1941 барои аз ҳар қуттии 15 қуттӣ тухми кирмак супурдани 40 килограммӣ пилла шартнома баста буд. Дар натиҷаи нағз парвариш карда шудани кирмак аз ҳар қуттӣ 60 килограммӣ пилла ҳосил гирифта шуд, ки ин 150 % нақшаро ташкил медод. Колхоз аз пилла 10. 818 сӯм даромад гирифт [319].

Дар давраи баъдиҷангӣ ҶШС Тоҷикистон, махсусан, соли 1946 муваффақиятҳои калонро дар соҳаи пиллапарварӣ ба даст даровард. Вилояти Қӯрғонтеппа нақшаи пилласупориро 103,5 фоиз иҷро намуд. Дар иҷрои нақшаи пилласупорӣ ноҳияи Қубодиён дар вилоят пешсаф ба ҳисоб мерафт. Аз хоҷагии ба номи Максим Горкий колхозчизан Омина Зокирова аз нимқуттӣ кирмак 58 кило пилла ба даст оварда, ба давлат супорид.Чунин пешқадамон дар ноҳия хеле зиёд буданд [114, с. 230].

Иҷрои нақшаи тайёр кардани хӯроки чорво барои соли 1941, дар ноҳияҳои вилояти Сталинобод (феълан вилояти Хатлон), аз он ҷумла, ноҳияи Қубодиён дар чунин ҳолати омодабош қарор дошт. Тайёр кардани ҳамаи хӯроквориҳои дурушт ба ҳисоби беда 7000 тонна, аз он ҷумла, барои ҳайвоноти ҷамъиятии колхозҳо бо ҳамроҳии супоришҳо ба давлат 4380

тонна, аз онҳо захираи суғуртагӣ 400 тонна, тайёр кардани хӯрокҳои ширадор барои чорвои ҷамъиятии колхозҳо 370 тонна иҷро шудааст [269].

Меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён супоришҳои ҷумҳуриро сармашқи кори худ намуда, сарбаландона меҳнат мекарданд. 22-юми сентябри соли 1944 артели хоҷагии қишлоқи ба номи Молотов, ки дар ноҳия пешқадам ба ҳисоб мерафт, ба ҳисоби соли 1945 ба давлат супурдани маҳсулоти чорворо сар кард. Колхоз зиёда аз 200 килограмм гӯшт, 20 килограмм равған, 20 килограмм пашм ба давлат супорид. Колхоз дар аввалҳои моҳи октябр ба ҳисоби соли 1945 ба супурдани тухму шир низ сар кард [165].

Аз ҳисоби афзоиши рамаҳо дар совхоз соли 1946 бо роҳи ҷудо кардани як ферма барои ташкил додани совхози нави гӯсфанди қарокулпарварии Кофарниҳон шароит муҳайё карда шуд. Ин совхоз ба хоҷагии парваришкунандаи гӯсфанди зотӣ табдил ёфта ва минбаъд совхоз барои фермаҳои колхозӣ қӯшқорҳои хушзоту хушсифат парвариш карда мебарорад ва ба ин восита, беҳтар намудани пӯсти гӯсфанди қарокулиро ба роҳ мемонад [240, с. 60].

Ҳамин тавр, дар аксари соҳаҳои кишоварзии ноҳияи Қубодиён бо зудӣ осори замони ҷанг бартараф карда шуд ва зина ба зина дастовардҳои меҳнатӣ беҳтар гардиданд.

Ҳатто дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣинқилоби маданӣ аз масъалаҳои асосии сохтмони сотсиализм ба ҳисоб рафта, амалисозии он, махсусан барои халқҳои аз феодализм ба сотсиализм қадам гузошта, аз ҷумла барои мардуми Тоҷикистон, вазифаи аввалиндараҷа ба шумор мерафт.

Шумораи умумии ҳамаи намуди мактабҳо дар ноҳияи Қубодиён соли хониши 1940-1941 16 ададро ташкил медод, ки 2 адади ин мактабҳо аз таъмири пурра ва 14 адади дигар аз таъмири ҷорӣ бароварда шуда буданд. Дар ин мактабҳо шумораи мизу курсиҳо 1097 адад, тахтаҳои дарсӣ-98 адад, ҷевонҳо барои ҷиҳозондани китобу лавозимоти дарсӣ-92 ададро ташкил мекард [3, в. 21].

Барои хонандагони синфҳои 1-4 бошад 36 омӯзгор намерасид, ки аз ин шумора 5 нафар барои гурӯҳҳои тоҷикӣ, 20 нафар барои гурӯҳҳои ӯзбекӣ, 11 нафар барои гурӯҳҳои русӣ рост меомад [3, в. 52].

Ҷанг барои фаъолияти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ бетаъсир намонд. Соли хониши 1945-1946 қариб 7000 бачагони синни мактабӣ аз мактабҳо берун монданд, шумораи зиёди хонандагон аз синф ба синф гузашта натавонистанд. Фақат дар як худи ноҳияи Қубодиён 551 нафар хонанда барои азхуд накардани барномаи таълимӣ такроран дар синфи худ монданд [201].

Соли 1946 гузарондани корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ дар кори таълиму тарбия дар мактабҳо баъзе пешравиҳо ба назар мерасиданд. Пеш аз соли таҳсили нав коллективи мактаб бо сарварии директори он Головко маҷлиси падару модаронро гузаронд. Головко барои бомуваффақият гузарондани корҳои таълиму тарбияи соли 1946 ёрии падару модаронро талаб намуд. Омӯзгорони мактаб бо колхозчиёни колхози Ворошилов, Қизил Тоҷикистон ҳам суҳбатҳо гузарониданд. Дар натиҷа,рӯзи 1-уми сентябр соли 1946 ҳамаи аъзои кумитаи падару модарон бо фарзандони худ ба мактаб омаданд. Мувофиқи санҷишу назоратҳо 243 нафар хонандагон бедарсшиканӣ ба мактабҳо ҳозир шуданд [163].

Аммо дар қисми зиёди ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Қубодиён, Ворошиловобод, Шурообод (феълан Шамсиддини Шоҳин) ва ғайра кори тайёрӣ ба соли нави таҳсил пурра анҷом дода нашуда буд. Дар ин ноҳияҳо ба таъмири биноҳои мактаб дер оғоз намуданд [322, с. 2-3].

Сабаби ин гуна аҳволи тоқатнопазир аз он иборат буд, ки мудирони шуъбаҳои маориф ва роҳбарони мактабҳои ин ноҳияҳо ба ин кори ниҳоят муҳимми давлатӣ бемасъулиятона нигоҳ мекарданд. Инчунин,дар ноҳияи Қубодиён шуъбаи маориф бо омӯзгорони таҷрибанок пурра таъмин набуданд [268, с. 19].

Дар соли таҳсили 1949-1950 дар баъзе ноҳияҳо фаъолияти роҳбарияти ҳизбӣ ва шуравӣ доир ба соҳаи маориф суст ба роҳ монда шуда буд. Ин ҳолат баробари дигар ноҳияҳо дар Қубодиён низ ба назар расид, ки боиси

бавуҷудомадани баъзе камбудиҳо мегардид[268, с.20]. Кумитаи ҳизбии ноҳия ба кори маориф диққати асосӣ намедод ва назорати ҷиддӣ намебурд.

Масалан, соли таҳсили 1948-1949 дар ноҳия аз рӯи нақша шумораи хонандагони синфи якум 2599 нафар муайян шуда бошад ҳам, иҷроиши он 2590 нафарро ташкил медод, дар синфи дуюм ба ҷои 412 нафар 408 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Дар маҷмуъ, аз 3011 нафар хонандаи дар нақша нишон дода шуда, 2998 нафар ба таҳсил ҷалб шудааст [9, в. 128]. Аз ин делелҳо муайян кардан мумкин аст, ки иҷрои нақшаи қабул ва ҷобаҷогузории хонандагон дар мактабҳо нисбат ба нақша камтар иҷро шудааст.

Дар соли таҳсили 1949-1950 бошад, шумораи хонандагони синфи якум 978 нафар, синфи дуюм-751, синфи сеюм-541, синфи чорум-357, синфи панҷум-192, синфи шашум-105, синфи ҳафтум-83, синфи ҳаштум-8 нафарро ташкил мекард. Дар маҷмуъ хонандагон дар мактабҳои ноҳия 3013 нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд [10, в. 116].

Ҳамин тавр,чӣ хеле ки аз арқом ва омори овардашуда маълум мегардад, баъди оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳияи Қубодиён ба мушкилот дучор гардиданд. Чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ аз Қубодиён низ мардони зиёди қобили меҳнат ба фронт фиристода шуданд ва ҷойи онҳо дар истеҳсолот холӣ монд. Ин холигӣ аз ҳисоби занону хонандагони синфҳои болоӣ пур карда мешуд. Новобаста ба ин, раванди коҳиши истеҳсолот ва норасогии кадрӣ то охир эҳсос мешуд.

Дар ҳаёти маданӣ низ мушкилоти зиёде, аз қабили баста шудани мактабҳо,норасоии омӯзгорон, аз кор мондани муассисаҳои маданӣ – маърифатӣ ва ғайра ба чашм мерасид. Танҳо дар солҳои барқароркунии баъдиҷангӣ хоҷагии халқи ноҳия зина ба зина барқарор карда шуд

# БОБИ III. НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XX

## 3.1.Рушди соҳаҳои агросаноатии ноҳияи Қубодиён

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли тамоми қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, баъди бомуваффақият анҷом ёфтани давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ, барои бунёд ва пешравии шаклҳои гуногуни саноат шароитҳои зарурӣ муҳайё гардид. Ин имконият дод, ки дар солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ як қатор корхонаҳои азими саноатӣ сохта ба истифода дода шаванд, ки ноҳияи Қубодиён низ аз ин раванд дар канор намонд.

Бояд таззаккур дод, ки чун пештара шуғли асосии сокинони ноҳия кишоварзӣ буд. Дар ноҳия саноат чандон рушд накарда буд. Танҳо як заводи пахтатозакунӣ ва як қатор сехҳои дигаре, ки фаъолияти истеҳсолиашон гуногун буд, кор мекарданд. Солҳои 30-юми асри XX дар ноҳияи Шаҳритус заводи пахтатозакунӣсохта шуда буд, ки он пахтаи бадастовардаи ноҳияҳои Шаҳритусу Микоянобод (феълан Қубодиён)-ро қабул менамуд. Пас аз якҷошавии ин ноҳияҳо (Микоянобод ва Шаҳритус) дар соли 1957 ин завод акнун дар ҳудуди як ноҳия фаъолият мекард ва аз ин сана сар карда, ноҳия бо номи Шаҳритус номгузорӣ гардид.

Барои омода намудани техникаи хоҷагӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат моҳи июни соли 1959 дар ноҳияи Қубодиён устохонаи таъмирӣ – техникии сохти нав сохта ба истифода дода шуд. Дар сехи чӯбтарошӣ 5 нафар аъзоёни Иттифоқи ленинии коммунистони ҷавони Умумииттифоқ Галина Шуватова, Юрий Алексеев, Ира Абдуллина, Валя Воронсова, Владимир Исоев кор карданд. Онҳо маҳсулнокии меҳнаташонро доимо баланд бардошта, нақшаҳои истеҳсолиро 120-170 фоизӣ ба иҷро мерасониданд [176, с. 2].

Коргарон, коркунони муҳандисӣ–техникӣ, хизматчиёни комбинати пахта ва равғанкашии ноҳия қабули ҳосили нави пахтаи соли 1959-ро пурра анҷом доданд. 13 анбор, 5 лабораторияи маҳсулотмуайянкунӣ, 78 хирманҷой, 7 тарозуи автоматӣ, 4 тарозуи ҳархела, 1 пахтахушккунаки

механиконидашуда, ки дар як соат 6 тонна пахтаро хушк мекунад, 5 адад 10 метра, 7 адад 4 метра, 19 ҳавз, 1 адад нақлиёти сӯхторхомӯшкунӣ ва дигар лавозимотҳо омодаанд. Соли 1959 704 метри квадрати майдони нав барои қабули пахта кушода шуд. Майдони 5000 метр асфалтпӯш карда шуд [220, с. 4].

Барои омода намудани кадрҳои баландихтисос дар хоҷагии қишлоқ ва саноат дар ҷумҳурӣ шумораи омӯзишгоҳҳои меҳнатӣ ва техникӣ зиёд гардидааст. Дар ноҳияи Қубодиён низ чунин омӯзишгоҳ кушода шуд. Омӯзишгоҳи мазкур дорои 4 шуъба буда, дар ҳамаи онҳо 150 нафар ҷавонон қабул шуда буд [299, с. 3].

Коргарон, коркунони муҳандисӣ-техникӣ ва хизматчиёни сохтори саридораи монтажкунии ноҳия дар соли 1959 муваффақиятҳои хуби меҳнатӣ ба даст оварданд. Махсусан, ронандагони булдозерҳо нақшаи нимсолаи якуми соли 1959-ро 308 фоиз ба иҷро расонданд. Бригадаҳои Седов нақшаи нимсолаи якуми соли 1959-ро 248 фоиз, Поляков 228 фоиз, Петрухин 164 фоиз, Соломко 149 фоиз ва Миров 128 фоиз иҷро кардаанд. Танҳо соли 1959 идораи нав, устохона, барои нақлиётҳои гараж дар канали хурди Бешкент ду кӯпрук сохта ба истифода дода шуд [175, с. 3]. Бояд ҳаминро қайд намуд, ки дар ин ҷо ба ғайр аз сохтмони каналу дигар корҳо, сохтмони биноҳо низ ба роҳ монда шуда буд.

Суръати сохтмони манзилҳо ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ноҳияи Қубодиён хеле зиёд гардидааст. Танҳо дар ду се соли охир дар маркази ноҳия, инчунин дар участкаи Носири Хусрав чандин хобгоҳҳо сохта ба истифода дода шуд. Ёдовар бояд шуд, ки муассисаи комбинати истиқоматӣ – коммуналии ноҳия соли 1959 натиҷаҳои хуб ба даст овард. Махсусан,ба зимистонгузаронӣ тайёрии хуб дида, аз ҳамаи 142 хонаи давлатӣ 130 – тоаш аз таъмир бароварда шуд. Соли 1958 хиёбонҳои марказии ба номи Ленин ва Комсомол сангфарш гардиданд. Соли 1959 бошад, дар ин самт тағйироти куллӣ ба амал омада, хиёбонҳои комбинати пахта ба масофаи 700 метр, Чапаев 1 километр, Дзержинский 500 метр, Школная 500 метр сангфарш карда шуд [300, с. 1].

Деҳаҳои Қубодиён сол то сол ободу зебо шуда, биноҳои нав қомат афрохта, ҳусни он боз ҳам зеботар мегардид. Аз оғози соли 1965 сар карда, дар деҳот 18 мағозаи молҳои саноатию хӯрокворӣ, як мағозаи китобфурӯшӣ, 4 яслию боғчаи бачагона, беморхона, як дорухона, як таваллудхона, 10 чойхонаю ошхона, як заводи нон, 5 нонвойхона, 2 мағозаи рӯзномаю маҷаллафурӯшӣ ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ фаъолият намуда, ба шаҳрвандон хизмат мерасониданд [267, с. 3].

Коргарон ва коркунони муҳандисӣ-техникии заводи пахтатозакунии ноҳия ба туфайли меҳнати пурсамараи худ нақшаи маҳсулот истеҳсолкунии соли 1964-ро 117,6 фоиз ба ҷо оварданд. Дар ин муваффақият ташкилоти иттифоқи касаба чораҳои зарурӣ андешида, 50 хоҷагии коргарон ба хонаҳои истиқоматӣ таъмин карда шуданд. Соли 1963 қариб 40 нафар коргарон бо хонаю ҷой таъмин гардиданд. Аз онҳо 15 нафарашон бо хонаи махсуси истиқоматӣ таъмин карда шуданд [219, с. 3].

Шуъбаи роҳсозии ноҳия дар зарфи ду моҳи соли 1965 5 километр роҳи колхози Бешкентро 1,5 метр баланд бардошта, сангфарш намуданд. Инчунин 1,5 километр роҳи ба сӯи колхози Ватан низ дар баландии 1,7 метр сангфарш карда шуд. Кӯчаи ба номи Пушкинро ҳамвор ва варзишгоҳро ба тартиб даровварданд. Дар колхози Оқолтин ва ба номи Карл Маркс низ 12-16 километр роҳро сангфарш намуданд [281, с. 3].

Коллективи заводи пахтатозакунии ноҳия дар муддати як солу 7 моҳ 26 ҳазору 715 тонна нахи пахта ҷудо карда, нақшаро 104,3 фоиз иҷро намуданд. Завод инчунин аз ҳисоби арзон кардани арзиши аслии маҳсулот 63 ҳазор сӯм фоида ба даст овард. Танҳо дар соли 1967 ба завод 11 транспортёри 18 метрии тезгард, 10 техникаи борфурорӣ, 1 агрегати пунбадонаборкунӣ (ин агрегат дар як соат 120 тонна чигит бор мекунад) оварда шуд. Инчунин дар завод як анбори техниканигоҳдорӣ, як сехи пахтахушккунӣ (ин сех дар як соат 10 тонна пахтаро хушк мекунад) сохта ба истифода дода шуд. Умуман, завод ба қабули ҳосили пахтаи соли 1967 омода гардида буд [285, с. 1].

Завод барои муваффақиятҳои баланд ба даст овардан, ба коргаронаш шароити хуб фароҳам меовард. Дар соли 1967 ба коргарони нуқтаҳои пахтақабулкунии Ҷаркӯрғон ва Хушодӣ 12 хона туҳфа намуданд. Дар деҳаи Носири Хисрав ҳаммом ва қасри фарҳанг дорои 250 ҷои нишаст сохта шуд. Гуфтан лозим аст, ки коргарони завод аз таҳти дил меҳнат карда, уҳдадории худро дар соли 1966 иҷро карданд. Аз ин рӯ, Вазорати саноати сабуки ҶШС Тоҷикистон коллективи заводро бо байрақи сурх ва 2 ҳазору 100 сӯм пул мукофотонид [285, с. 1].

Коллективи комбинати хизматрасонӣ корро дар 87 нуқта хуб ташкил намуда, ба аҳолӣ мувофиқи талабот хизмат мерасониданд, ки мардум аз кори хуби онҳо розӣ буданд. Комбинат дар зарфи даҳ моҳу 20 рӯзи соли 1967 ба аҳолӣ ба маблағи 255 ҳазор сӯм хизмат расонда, нақшаро пеш аз муҳлат иҷро карда, инчунин онҳо нақшаи дусолаи панҷсоларо низ 110 фоиз ба иҷро расонданд. Бояд гуфт, ки коллективи комбинат бо кори хуби коркунони сехҳои дӯзандагӣ, мебелсозӣ, оҳангарӣ, пойафзолдӯзӣ ба таври ҳаққонӣ баҳои баланд доданд. Чунки ҳар яки ин сехҳо нақшаи солонаро 109 то 126 фоизӣ иҷро карда, дар иҷрои нақшаи комбинат саҳми босазо гузоштанд. Диловарони комбинат ба ивази хизмати шоистаашон ба гирифтани Байрақи Сурхи сайёри Вазорати хизматрасонии маишии ҷумҳурӣ ва комитети иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ, инчунин ба гирифтани мукофоти пулии 1200 сӯм мушарраф гардидаанд [281, с. 3].

Деҳаҳои колхози Пахтакори ноҳияи Қубодиён низ сол то сол ободу зебо мегардиданд. Барои ободу зебо гардонидани деҳаҳо дар колхоз бригадаи бинокорӣ ташкил карда шудааст, ки он аз 15 нафар иборат буд. Бригадаи бинокории колхоз дар соли 1967 бо ёрии коргарони идораи сохтмони байниколхозӣ як қасри фарҳанги зимистонаи дорои 400 ҷои нишаст, 3 пункти пахтахушккунӣ, 3 яслии бачагона, 50 хонаи истиқоматӣ сохта ба истифода доданд. Инчунин 6 километр роҳро асфалтпӯш карданд [155, с. 3].

Кори коллективи идораи роҳсозии ноҳия сол аз сол беҳтар мегардид. Онҳо соли 1967 ба ҷойи 318 ҳазор сӯм 496,8 ҳазор сӯм кор карда, нақшаи

солонаи роҳсозӣ ва роҳтаъмиркуниро 156 % иҷро карданд. Коргарон ва коркунони идораи роҳсозӣ барои пеш аз муҳлат иҷро намудани нақшаи солона(соли 1968) захираю имкониятҳоро ба назар гирифта, уҳдадор шуданд, ки ба ҳаҷми 389,3 ҳазор сӯм кор карда, ба ободу зебо гардонидани деҳаҳои ноҳия ҳиссаи арзанда гузоранд. Коргарон нақшаи нимсолаи соли 1968–ро 247 фоиз иҷро намуданд [156, с. 2].

Коргарон ва коркунони муҳандисӣ–техникии заводи пахтатозакунии ноҳия нақшаи даҳмоҳаи маҳсулоттайёркуниро 22-юми октябри соли 1968 иҷро намуданд. Корхона то ҳамон вақт аз совхозу колхозҳои ноҳия 51841 тонна пахта қабул намуд, ки қисми зиёди он навъи якумро ташкил мекард. Ғайр аз ин, завод ба давлат ба андозаи 112 % ашёи хом фурӯхт [346, с. 3].

Дар натиҷаи беҳтар фаъолият намудан коллективи коргарон ва коркунони муҳандисӣ-техникии завод барои натиҷаҳои хуби дар семоҳаи чоруми соли 1968 ба даст оварда, ба Байрақи Сурхи сайёри Вазорати саноати сабуки ИҶШС ва КМ коргарони иттифоқи касабаи саноати бофандагӣ ва сабук, инчунин бо маблағи 5250 сӯм сарфароз гардонда шуданд [244, с. 2].

Коргарони заводи пахтатозакунии ноҳияи Қубодиён ҳар сол дар бобати иҷрои нақшаи маҳсулотбарорӣ ҷойи намоёнро ишғол мекарданд. Дар соли 1969 низ аҳлона меҳнат карда, ба натиҷаҳои хуби меҳнатӣ ноил гардида, ба ҷойи 18 ҳазору 455 тонна, 19 ҳазору 103 тонна пахта тоза карда буданд. Аз нақша барзиёд 600 тонна пахта истеҳсол карда шуд, ки дар иҷрои нақшаи солона саҳми коллективи коргарон хеле калон буд [186, с. 1].

То моҳи январи соли 1970 онҳо ба ҷойи 319 ҳазор сӯми дар нақша пешбинӣ кардашуда, 354 ҳазор сӯм корҳои хизматрасонии маданӣ-маиширо ба ҷо оварда, иҷрои нақшаро ба 105,9 % расониданд [273].

Коллективи коргарони сехи лимонадбарории ноҳия мусобиқаи сотсиалистиро вусъат дода, бо нишондиҳандаҳои намоёни меҳнатӣ ноил гардида, нақшаи семоҳаи соли 1970-ро 130 % иҷро карданд [225]. Нақшаи чормоҳаи маҳсулоттайёркуниро пеш аз муҳлат иҷро карда, ба давлат 14500 сӯм маҳсулот тайёр карда супурда буданд [328].

Соли 1970 ба мисли дигар коркунони хоҷагии деҳот ба коргарон ва коркунони муҳандисӣ-техникии заводи пахтатозакунии ноҳия соли бобаракат, соли комёбиҳои меҳнатӣ буд. Зеро коллективи завод нақшаи панҷсоларо то 23-юми декабри соли 1970 пурраю барзиёд иҷро карданд. Дар зарфи панҷ сол завод ба ҷои 187 ҳазору 206 сӯм 206 ҳазору 490 сӯм ашёи хом истеҳсол карда бароварда, иҷрои нақшаро ба 110,2 фоиз расонда буданд [301].

Соли 1979 дар байни коллективи комбинати хизмати маишии ноҳия мусобиқаи сотсиалистӣ таҳти шиори «Беқафомонӣ кор мекунем» ривоҷу равнақ ёфт. Ин пешрафти кор омили самаранокии меҳнат гардид. Коркунони комбинат соли 1979 ба мизоҷон ба ҷои 348 ҳазор сӯм хизмат намуданд. Ё ин ки соли 1979-ро бо иҷрои 108,6 % нақша ҷамъбаст карда шуд. Барои ба ин натиҷаи хуб ноил гардидан коркунони 4 сехи дӯзандагӣ, сехҳои оҳангарӣ, мебелсозӣ саҳми арзанда гузоштанд. Ин сехҳо нақшаи солонаро 120-132,4% иҷро намуданд, ки ин аз нишондиҳандаи миёнаи комбинат хеле зиёд мебошад [158].

Коркунони комбинати хизмати маишии ноҳия соли 1979 ба аҳолӣ ба маблағи 389100 сӯм хизмати маишӣ расонидаанд, ки ин аз нақшаи солонаи пешбинишуда 41100 сӯм зиёд буд. Махсусан, коркунони комбинат дар семоҳаи охирини соли 1979 меҳнати шоён намуда, дар байни комбинатҳои хизмати маишии ҷумҳурӣ ҷои сеюмро ишғол карданд. Коллективи 60 нафараи сехи дӯзандагӣ натиҷаҳои баландро соҳиб шуда, ба маблағи 38200 сӯм хизмат расониданд [159].

Дар сехи дӯзандагии №1-и комбинати хизмати маишӣ 60 нафар чеварони гулдаст кор мекарданд. Натиҷаи меҳнати онҳо буд, ки плану уҳдадориҳои худро барзиёд иҷро мекарданд[249]. Бояд қайд кард, ки сехи мазкур соли 1978 кушода шуда буд. Дар сех яке аз дӯзандагони пешқадам О.Худоёрова буд, ки дар ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 1983 ба нишондодҳои баланд соҳиб гашта, ба ҷойи 2100 сӯм корҳои дӯзандагӣ 2300 сӯм корҳоро ба анҷом расонидааст. Дар ҳақиқат, натиҷаи интизоми меҳнат ва баланд бардоштани сифати кор буд, ки коллективи сех дар моҳи аввали

соли 1983 дар байни дигар сехҳои комбинати хизмати маишии ноҳия ғолиби мусобиқа дониста шуда, бо «Байрақи сурхи сайёри» мукофотонида шуданд [234].

Коллективи дӯзандагони сехи дӯзандагии № 5-и комбинати хизмати маишии ноҳия дар 7 моҳи гузаштаи соли 1983 ба мизоҷон ба маблағи 12 ҳазору 800 сӯм хизмат расонданд, ки ин фоизи иҷрои нақшаро ба 101 мерасонад. Дар ин бобат, саҳми дӯзандагони пешқадам, аъзоёни комсомол Донахол Собирова, Ҳамида Назарова назарас буд, ки пайваста нақшаҳои моҳонаи хизматрасонии маиширо 100-120 % иҷро намуданд [252].

Коллективи 12-нафараи сохтмончиёни ноҳия соли 1985 ба ҷойи 120000 сӯми нақша 124500 сӯм корҳои сохтмониро ба анҷом расониданд, ки ин таъмини барзиёди нақшаи солонаро нишон медод. Иҷрои нақшаи шахсии ҳар як бинокор ба ҷойи 11000 сӯм 11391 сӯмро ташкил дод [214].

Ҳаҷми корҳои сохтмонӣдар соли 1988 нисбати нақша 1952 ҳазор сӯм буда, иҷрои он 2296,6 ҳазор сӯмро ташкил намуд, ки ин 117,6 фоизи нақша мебошад. Зиёда аз нақша 344,6 ҳазор сӯм корҳои сохтмонӣ-монтажӣ ба суботу расонида шудааст. Аз ҷумла, бо қувваи ташкилотҳои сохтмонии ноҳия 1310,5 ҳазор сӯм корҳо ба анҷом расонда шуд, ки ин 83,5 фоизи нақшаро ташкил менамояд. Нисбати нақша 258,5 ҳазор сӯм корҳо иҷро нашуда монданд [339].

Пленуми кумитаи ҳизбии ноҳия, ки моҳи феврали соли 1989 баргузор гардид, масъалаи «Дар бораи вазифаҳои ташкилотҳои ҳизбӣ, Шуравӣ ва хоҷагӣ оид ба тезонидани сохтмони манзил ва иншоотҳои соҳаи иҷтимоӣ»-ро муҳокима намуда буд. Пленуми мазкур барномаи «Манзил-93»-ро тасдиқ намуд. Дар се соли панҷсола бо тамоми намудҳои сохтмон 20 ҳазор метри квадратӣ манзилгоҳ ба истифода дода шуда бошад, пас танҳо соли 1989 21,3 ҳазор метри квадратӣ манзилгоҳ сохта шуд ё худ барномаи солонаи сохтмони манзил иҷро гардид. Қисми зиёд–54 % манзил бо усули индивидуалӣ дар заминҳои ба сохтмон ҷудокардашуда сохта шуданд. Ҳамагӣ 570 метри мураббаъ манзилгоҳ аз ҳисоби колхозҳои ба номи Телмон, «50-солагии СССР» ва ташкилоти сохтмони байниколхозӣ

нисбати имконияthoидоштаашон сустар кор карданд, аз ҳисоби маблағгузории капитали давлатӣ як хонаи 12 ҳуҷрадори 613 метри мураббаъгӣ сохта шуд [221, с. 1].

Дар давраи ҳисоботи моҳи апрели соли 1990 иқдомҳои аввалин гузошта шуд. Дар заводи давлатии зотпарварии Қубодиён сехи пӯстиндӯзӣ кушода шуд. Дар колхозҳои «Коммунизм» ва ба номи Карл Маркс ва «50-солагии СССР»сехи хишт ба истифода дода шуд. Сохтмони заводи пахтатозакунӣ бо ҳамкории ширкатҳои хориҷӣ ва сехи консервабарорӣ дар совхози «Ҳаваскор» ба нақша гирифта шуд [221, с. 1].

Буҷети ноҳияи Қубодиён дар соли 1990 дар қисми даромад ба маблағи 13765 ҳазор сӯм, қисми хароҷот ба маблағи 13602 ҳазор сӯм, ки даромад аз хароҷот ба маблағи 163 ҳазор сӯм зиёд буд, тасдиқ карда шуд [18, в 37].

Бояд ёдовар шуд, ки роҳ дар ҳаёти инсон нақши асосиро иҷро мекунад. Аз солҳои 50-уми асри XX мумфарш намудани роҳҳо оғоз гардида, то охири асри XX қариб тамоми ноҳияҳои водӣ бо якдигар бо роҳҳои мумфарш пайваст гардиданд, ки дар рушди соҳаи кишоварзию саноат нақши калон доштанд. Дар ноҳияи Қубодиён солҳои 90-уми асри XX масоҳати умумии роҳҳои мумфарш 195 километрро ташкил медод. Шумораи автомашинаҳои боркаш бошад, 247 адад, автомобилҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ хизмат мерасониданд, 549 ададро ташкил медоданд. Дар ноҳия 27 автобус ба мардум хизмат мерасониданд [59, с. 223].

Ҳамин тавр, солҳои 50-80-умиасри XX дар натиҷаи меҳнати пурсамари синфи коргар дар Тоҷикистон саноати бисёрсоҳа ташаккул ёфт. Ноҳияи Қубодиён дар истеҳсоли соҳаи кишоварзӣ, дар ҷумҳурӣ мақоми асосиро ишғол мекард ва барои инкишофи соҳаи саноат мавқеи ҷойгиршавиаш мусоид буд, аммо бо кадом сабабҳо ин соҳаи муҳим дар ноҳия пеш нарафт вачун ин камбудиҳо дар замони соҳибистиқлолӣ бартараф гардида, ба инкишофи ҳаматарафаи саноат диққат дода мешавад.

Дар давраи мазкур монанди тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, дар ноҳияи Қубодиён низ пешравиҳо ба назар мерасид. Соли 1950 аъзоёни се колхози хурди ноҳияи Қубодиён ба як артел муттаҳид шуда, колхози ба номи Н.С.

Хрушёвро таъсис доданд. Сипас, соли 1952 ин колхоз бо колхози Коммунизм якҷо карда шуд [59, с. 42]. Дар натиҷа даромади колхозҳо се баробар афзуда, иқтисодиёти ноҳия босуръат тараққӣ намуд.

Соли 1955 дар ҳаёти маъмурии ноҳия дигаргунӣ ба амал омада, ноҳияи Кубодиён ба ҳайати Шаҳритус шомил гашт [57, с. 42].

Дар самти кишти пахта, чун дигар бахшҳои соҳаи кишоварзӣ ноҳия ба дастовардҳои назарраси меҳнатӣ шарафёб гардида буд. Дар қаламрави ноҳия чандин колхозу совхозҳо, ба монанди колхозҳои «8-уми март», «Янги Турмуш», Молотов фаъолияти пурсамар доштанд.

Бо қарори Президиуми Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ пахтакорони пешқадами ҶШС Тоҷикистон бо ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Сардори звенои колхози ба номи «Янги Турмуш»-и ноҳияи Қубодиён А. Абдуллоев барои фаъолияти шоёнаш дар рушди пахтакорӣ бо медали «Барои меҳнати шуҷоат» сарфароз гардонида шуд.

Ҳисоботи соли 1953 нишон дод, ки шумораи бригадаҳо дар колхози ба номи Сталини ноҳияи Қубодиён 12 ададро ташкил медод, ки аз ин миқдор 10 адад бригадаҳои пахтакор буданд. Дар маҷмуъ, шумораи колхозчиён дар ин бригадаҳо 1170 нафарро ташкил медод, ки аз ин теъдод 1082 нафарашон аз колхозҳои пахтакор буданд. Дар ҳайати бригадаҳо 10 звено мавҷуд буд, ки дар онҳо 1052 нафар колхозчиён то охири чинаки пахта фаъолият намуданд [13, в. 27].

Пахтакорони ноҳияи Қубодиён талаботҳои агротехникиро ба ҷо оварда, дар соли 1955 бо вуҷуди номусоид омадани обу ҳаво ҳосили фаровон рӯёнданд. Ба ин артелҳои хоҷагии қишлоқи ба номи Андреев, Ворошилов, Калинин, Ленин, Молотов ва Маленков мисол шуда метавонанд. Аъзоёни колхозҳои мазкур мусобиқаи сотсиалистиро ривоҷу равнақ дода, ҷамъоварӣ ва ба давлат супурдани пахтаро муташаккилона пеш бурда, нақшаи давлатии пахта супориро иҷро намуда, ба ҳисоби уҳдадорӣ 150-250 тоннагӣ пахта супурданд. Колхози ба номи Андреев (минтақаи ПМТ-и якуми Шаҳритус) аз ҳар гектар назар ба соли 1954 5 сентнерӣ зиёд ҳосил ғундоштанд [272].

Соли 1955 меҳнаткашони колхози ба номи Андрееви ноҳияи Қубодиён дар майдони 11 гектар ҷав ва 5 гектар шолии тирамоҳӣ кишт карданд, ки аз ҳар гектар замини ҷав коридашуда 2,9 сентнерӣ, дар маҷмуъ 32 сентнерва аз ҳар гектар шолӣ 7,6 сентнерӣ, дар маҷмуъ 38 сентнерӣ ҳосили аълосифат ба даст оварданд [14, в. 20-21].

Заҳматкашони колхози ба номи Андрееви ноҳияи Қубодиён ба киштукор тайёрии хуб дида, дар майдони 112 гектар ғалладона ва лӯбиёгиҳо, 34 гектар картошка, 159 гектар сабзавот ва 531 гектар маҳсулотҳои полезӣ кориданд. Меҳнаткашони колхоз ба миқдори миёна аз картошка 2338 сӯм картошка ва аз сабзавот ва полезиҳо 29362 сӯм маҳсулот фурӯхта, фоида ба даст оварданд [14, в. 22].

Соҳаи боғдорӣ яке аз соҳаҳои сердаромад дар ноҳияи Қубодиён ба ҳисоб мерафт. Дар соли 1956 майдони боғҳои ноҳия 08 гектарро ташкил медод, ки аз ин миқдор 06 гектараш дар ҳолати мевадиҳӣ қарор дошт, аз ҳар як гектари боғҳои мевадиҳанда 10 сентнерӣ ҳосил гирифта мешуд [14, в. 23]. Бисёр ноҳияҳо ва колхозҳои ҷумҳурӣ дар самти пахтакорӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Махсусан, кори ибратбахши пахтакорони ноҳияҳои Сталинобод (феълан Душанбе), Орҷоникидзеобод (феълан Ваҳдат), Регар (феълан Турсунзода), Ҳисор, Шаҳритус, Қубодиён шоёни диққат аст. Бисёр колхозҳо аз майдонҳои васеъ ба давлат аз ҳар гектар 35-40 сентнерӣ ва аз он ҳам зиёд пахта доданд [330].

Бо тақозои давру замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ чунин муваффақиятҳо дар натиҷаи кумаку ғамхориҳои Ҳукумати Шуравӣ нисбати ҶШС Тоҷикистон арзёбӣ мегардид. Колхозу совхозҳо ва ПМТ-ҳои ҶШС Тоҷикистон ҳар сол техникаи нави хоҷагии қишлоқ ва дигар захираҳои моддӣ мегирифтанд, парки тракторҳо дар солҳои баъдиҷангӣ азнавсозӣ гардиданд.

Пахтакорони колхозҳои бо ҳам мусобиқакунандаи ба номи Молотов ва Коммунизми ноҳияи Қубодиён ҷамъбаст кардани натиҷаҳои кори хоҷагии қишлоқро ба анҷом расонданд. Ин колхозҳо ҳосили фаровон рӯёнда, ба давлат аз ҳар гектар 31 сентнерӣ пахтаи маҳиннахи Шуравӣ

супурданд. Ҳар ду колхоз зиёда аз 14 миллион сӯмӣ даромад гирифта, арзиши аслии ҳар як сентнер пахтаро хеле арзон намуданд. Колхозчиёни ин артелҳои хоҷагии қишлоқ пайваста ба якдигар ёрӣ расонда, як қатор тадбирҳои пешқадамонаи агротехникиро мегузаронданд [324].

Ҳамин тавр, пахтакорони колхозҳои пешқадами ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ба мусобиқаи сотсиалистӣ тайёрӣ дида, гузаронидани киштро вусъат доданд. 4-уми апрели соли 1956 дар шаҳри Қӯрғонтеппа маҷлиси машваратии байниноҳиявии роҳбарони ташкилотҳои ҳизбӣ, мақомоти хоҷагии қишлоқ бо колхозҳо, совхозҳо ва ПМТ-ҳои водии Вахш, ноҳияҳои Кировобод ва Қубодиён баргузор гардид. Дар он раиси Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон Н. Додхудоев баромад намуда, пешрафту камбудиҳои ҷойдоштаро зикр намуда, маслиҳатҳои муфиди худро ба деҳқонони водии Вахш тавсия намуд. Дар маҷлиси машваратӣ қарор қабул гардид, ки дар он пахтакорони водии Вахш, ноҳияҳои Кировобод ва Қубодиён уҳдадор шуданд, ки кишти пахтаро дар зарфи 8-10 рӯз анҷом дода, қоидаҳои агротехникиро риоя намуданд [229].

Колхозҳои ноҳияи Қубодиён 12-уми декабри соли 1956 нақшаи пахтасупориро иҷро карданд. Онҳо аз ҳар гектар 26-уми сентнерӣ ҳосили пахтаи маҳиннах ҷамъоварӣ намуданд. Ба давлат зиёда аз 29 ҳазор тонна пахта супориданд, ки назар ба соли 1955 5 ҳазор тонна барзиёд буд. Аз ин шумора 80 % навъи якум буда, колхози ба номи Хрушеви ноҳия, ки роҳбари он Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистии Тоҷикистон С. Худойқулов буд, аз майдони 1930 гектар ба давлат 6 ҳазору 200 тонна пахта супурд, ки ин назар ба соли 1955 1200 тонна зиёд буд. Бо чунин ташаббускориҳо дар ноҳияи Қубодиён ҳосили пахтаи маҳиннах аз ҳар гектар ба 32 сентнер расонида шуд [173, с. 8].

Колхозҳои ба номи Ленин ва Булганини ноҳияи Қубодиён, ки дар солҳои пеш колхозҳои қафомонда ба шумор мерафтанд, ҳосили пахтаи маҳиннахро аз ҳар гектар назар ба соли 1955 дар соли 1956 6 сентнерӣ зиёд карданд [173, с. 8].

Бисёр колхозҳои ҷумҳурӣ дар соли 1957 ба гирифтани ҳосили баланди пахта муваффақ шуданд. Масалан, колхози ба номи Кирови ноҳияи Регар аз ҳар гектари киштзор 43,8 – сентнерӣ пахта супурд, колхози Москваи ноҳияи Октябр аз ҳар гектар киштзор 41 – сентнерӣ пахтаи навъи маҳиннах, колхози ба номи Жданови ноҳияи Ҳисор аз ҳар гектар 42 – сентнерӣ, колхози «Оқолтин»-и ноҳияи Қубодиён аз ҳар гектари киштзор 33,6–сентнерӣ ҳосили пахта ҷамъоварӣ намуданд [303, с. 73].

Як қатор ноҳияҳои ҷумҳурӣ назар ба соли 1957 дар соҳаи афзоиши ҳосилнокии пахта чунон пеш рафтанд, ки инро пештар дар зарфи чанд сол ба даст оварда наметавонистанд. Мисол, ноҳияи Москва соли 1958, назар ба соли 1957, муваффақ гардид, ки аз ҳар як гектар қариб 10 сентнерӣ зиёд ҳосил рӯёнад, Дар 41 бригадаи ноҳияи Қубодиён 35 – сентнерӣ ва зиёдтар аз ҳар гектар пахтаи маҳиннах рӯёниданд. Бисёрии ноҳияҳо ҷамъоварии ҳосили умумии пахтаро зиёд карданд. Масалан, ноҳияи Фархор ба 4200 тонна, Қубодиён ба 3200 тонна расониданд [200, с. 6].

Соли 1958, назар ба соли 1953 истеҳсоли пахтаи маҳиннах 23,2 % афзуд. Ин афзоиш нафақат аз ҳисоби васеъ намудани майдони кишт, балки аз ҳисоби ҳосилнокӣ низ зиёд шуд. Умуман, дар тамоми водии Вахш дар панҷсолаи панҷум (солҳои 1951-1955) ҳосилнокии пахта ба ҳисоби миёна 3 – сентнерӣ афзуд. Дар ноҳияҳои Қубодиён ва Куйбишев ҳосилнокии пахта аз 4 то 4,2 сентнер афзуд [177, с. 12].

Аз ибтидои соли 1959 сар карда, деҳқонони колхозу совхозҳои ноҳияи Қубодиён ҳосили фаровони пахта ба даст оварданд. Дар тамоми пахтазорҳои ноҳияи Қубодиён ҳарбу зарби бузург барои ҳарчи зудтар ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахта давом меёфт.

Дар натиҷаи зиёдтар иҷро намудани нақшаи пахтасупорӣ ноҳияи Қубодиён ба гирифтани ордени «Байрақи Сурхи сайёр»-и Кумитаи Марказии ҲК Тоҷикистон, Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон мушарраф гардиданд, ки аз меҳнати садоқатмандонаи меҳнаткашони ноҳия шаҳодат медиҳад [178].

Барои ба давлат ҳарчи зиёд супурдани пахта дар бригадаҳои пешқадами колхозу совхозҳои ноҳияи Қубодиён дар соли 1963 кор бо маром идома меёфт. Пахтакорони ноҳия мекӯшиданд, ки соли 1963 ба давлат 42.100 тонна пахтаи аълосифат супоранд, зеро заминҳои пахтазори ноҳия аз ҳисоби заминҳои бекорхобидашуда хеле зиёд карда шуда буд.

Обёрикунандагони пешқадами пахтазори ноҳия Орзу Муҳаммадов, Алӣ Мирзоев, Зоҳир Фарҳодов ва Усто Насриддиновро дар колхози «Коммунизм» пешқадам меномиданд. Онҳо рӯзе ба ҷойи як гектар меъёри муқарраркардашуда 1,2 гектар пахтазорро обёрӣ мекарданд. Ниҳолҳои пахтае, ки онҳо обёрӣ мекарданд, хеле нағз нашъунамо меёфт [333, с. 1]. Онҳо мақсад доштанд, ки тавассути тасмими гирифтаашон нақшаро пеш аз муҳлат иҷро намуда, ба нуқтаҳои қабули пахтаи ноҳия 42.100 тонна пахта супоранд.

Саридораи ноҳияи Қубодиён ба давлат дар соли 1963 46115 тонна пахта супорид. Аз ҷумла, колхози «Оқолтин» 9155 тонна, колхози «Коммунизм» 4433 тонна, «Меҳнат – роҳат» 2214 тонна пахта супурданд. Ва дигар колхозҳои ноҳия ба миқдори зиёд пахтаи аълосифат супурданд [306]. Аъзоёни колхози ба номи Ленин дар соли 1964 барои ба даст овардани 5500 тонна пахта меҳнат менамуданд. Онҳо барои иҷро намудани уҳдадории зиёд аз аввалинҳо шуда ин иқдомро амалӣ намуданд.

Саҳми муаллимону хонандагони мактабҳои ноҳия дар ғунучини майдонҳои пахтазор хело калон буд. Аксарияти муаллимону хонандагони мактабҳои 7 ва 10-сола ба саҳроҳои колхозӣ баромада, ба колхозчиён ёрӣ мерасониданд. Онҳо барои ғолиб гардидан дар мусобиқаи сотсиалистӣ ҳар рӯз 160-170 тонна тиллои сафед меғундоштанд [181].

Моҳи октябри соли 1964 маҷлиси бюрои Саридораи истеҳсолӣ баргузор гардид. Ба пахтакорони колхози «Коммунизм»-и ноҳия, ки онҳо ҳар рӯз дар давоми даҳрӯза, ба ҳисоби миёна бо андозаи 1,9%-и уҳдадорӣ пахта чинда, дар байни хоҷагиҳои саридораи ноҳия ба нишондиҳандаҳои баланд соҳиб шуданд. «Байрақи Сурхи сайёр»-и комитети ҳизбии саридорава комитети иҷроияи ноҳия супурда шуд. Инчунин, баробари

байрақ ба ин колхоз як автомашинаи сабукрави «Москвич» ҳам дода шуд [182]. Ба ин даъвати колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Қубодиён ҳазорон колхозчиён, коркунони совхозҳо ҳамовоз гардида буданд.

Дастовардҳои меҳнатии ноҳия дар солҳои баъдӣ низ идома ёфта, соли 1965 колхози «Пахтакор»-и ноҳияи Қубодиён зиёда аз нақша ба давлат 983 тонна пахта фурӯхт. Бригадаҳои пешқадами колхозустоди пахтаи ҶШС Тоҷикистон Эшонқул Исоев аз майдони 113 гектар 42,8 сентнерӣ, бригадаи Мирзо Шоназаров мутаносибан аз 70 гектар 42,8 сентнерӣ пахта гирифтанд [232, с. 20-23].

28-уми июли соли 1970 Пленуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон шуда гузашт, ки дар он котиби якуми Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Ҷ.Р.Расулов дар бораи ҷамъбасти Пленуми соли 1970 ва Пленуми КМ ҲКИШ дар бораи «Вазифаҳои навбатии ҳизб дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва вазифаҳои ташкилоти ҳизбии ҷумҳурӣ» баромад карда, дар бораи ҳамаҷониба зиёд намудан ва тайёр кардани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ барои солҳои 1971-1975 дастуру тавсияҳо дод [212].

Мувофиқи қарори Пленуми июлии соли 1970-и КМ ҲКИШ ва Пленуми XIX КМ ҲК Тоҷикистон котиби якуми комитети ҳизбии ноҳия У.Қосимов дар Пленуми XII ноҳия оид ба ҷамъоварии умумии миёнаи солонаи пахта маъруза кард. Истеҳсоли пахта дар солҳои 1966-1969 53809 тонна, ки ба ҳисоби нақшаи солона 47425 тонна ё ки ҳар сол зиёда аз нақша 6000 тонна истеҳсол карда, ба давлат супорида мешуд. Ҷамъоварии истеҳсоли пахта дар зарфи 4 сол, яъне аз соли 1962 то соли 1965 46458 тоннаро ташкил дод. Назар ба солҳои 1962-1965 истеҳсоли миёнаи пахта дар солҳои 1966-1969 18 % афзуд. Чунин раванди истеҳсолот ба ноҳия имконият дод, ки нақшаи панҷсоларо дар зарфи чор сол иҷро намуда,нақшаи пахтасупориро 89,3% ичро намояд. Барои пурра нақшаи панҷсоларо иҷро кардан 25900 тонна пахта боқӣ монда буд. Хоҷагиҳои ноҳия дар зарфи чор сол аз пахта 36493 ҳазор сӯм, ё ин ки ба ҳисоби солона 9 миллион сӯм даромад гирифтанд. Агар мо инро ба ҳисоби миёна дида

бароем, ҳар як тонна пахтаи ноҳия 170 сӯм меафтад [212]. Меҳнаткашони хоҷагии қишлоқи ноҳияи Қубодиён чанд сол паси ҳам, нақшаву уҳдадориҳои маҳсулотҳои хоҷагии қишлокро пурраю барзиёд иҷро мекарданд.

Дар асоси қарори Пленуми XIX КМ ҲК Тоҷикистон ноҳияи Қубодиён дар солҳои 1971-1975 ба давлат бояд ҳар сол-200 тонна ғалла, 100 тонна картошка месупорид. Бештар ба кишт ва ғунучини пахта диққат дода шуда, тасмим гирифта шуд, ки ба давлат соли 1971-55 ҳазор, соли 1972 55,5, соли 1973 57,7, соли 1974 58,1 тонна ва соли 1975-59,2 тонна пахта супурда шавад. Истеҳсоли сабзавот дар соли 1971 ба 350 тонна, соли 1972 ба 500, соли 1973 ба 600, соли 1974 ба 800, соли 1975 ба 900 тонна расонида шавад. Ба давлат соли 1971 615 тонна, соли 1972 1015, соли 1973 1265, соли 1974 1585 ва дар соли 1975 2045 тонна ангур супорида шавад. Зироатҳои полизӣ дар соли 1971 1050 тонна, соли 1972 1100, соли 1973 1300, соли 1974-1400 ва дар соли 1975 1800 тонна, меваҳои донакдор дар солҳои 1971-1972 122 тонна, соли 1973 132, соли 1974 142 ва дар соли 1975 162 тонна ва пилла солҳои 1971-1973 100 тонна, солҳои 1974-1975-103 тонна истеҳсол карда шавад [233].

Соли 1973 хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён қарор доданд, ки 66 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда, ба давлат фурӯшанд. Бригадаҳои пешқадам ба он бригадаҳое, ки соли 1972 аз ҳар гектар камтар аз 40 сентнер ҳосил бардоштанд, дар бораи мусобиқаи сотсиалистӣ шартнома бастанд [99, с. 101].

Соли 1976 ноҳияи калони пахтакори ҷумҳурӣ Қубодиён ғалабаи бузург ба даст овард. Пахтакорони ноҳия дар водии Вахш аввалин шуда, уҳдадориашонро иҷро карда, ба давлат 68 ҳазор тонна, ё худ зиёда аз нақша 2 ҳазор тонна пахта фурӯхтанд. Ин уҳдадории худро ҳам онҳо пурраю барзиёд иҷро карданд. Ба нуқтаҳои қабул аз хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён зиёда аз 74,4 ҳазор тонна пахта ворид гардид, ки аз он бештар аз 50 ҳазор тоннааш пахтаи маҳиннах буда, аз ҷумла 38,8 ҳазор тоннааш дорои нахи навъи якум буд. Ба ҳисоби миёна ҳосилнокӣ аз ҳар гектар 33,7 сентнерро ташкил дод [99, с. 129].

Новобаста аз номусоиди обу ҳаво ва мушкилиҳои ҷойдошта соли 1976 пахтакорони ноҳия муваффақиятҳои калонро соҳиб шуданд.

Сардори бригадаи колхози пахтакори ноҳияи Қубодиён Бекмурод Сафаров дар майдони 70 гектар пахтаи маҳиннахи навъи 9647-ро, ки нахаш навъи якум буд ва дар майдони 10 гектари дигар пахтаи миёнанахи навъи 133 парвариш намуд. Ҳосили миёнаи солонаи пахта аз ҳар гектар дар панҷсолаи нуҳум (1971-1975) 44,4 сентнерро ташкил медод. Соли 1976 ба 45 ва дар соли дуюми панҷсолаи даҳум (1976–1980) қатъи назар аз шароити мураккаби обу ҳаво ба 40 сентнер расид. Заҳматҳои шабонарӯзии Бекмурод Сафаров бесамар намонда, соли 1977 бо қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС барои комёбиҳои баланди меҳнатиаш бо мукофоти давлатии ИҶШС сарфароз гардонида шуд [226, с. 20].

Мувофиқи қарори Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон 7-уми апрели соли 1978 таҳти рақами № 983 ноҳияи Қубодиён аз ҳайати ноҳияи Шаҳритус ҷудо карда шуд [12, в. 159]. Дар солҳои 70-80-уми асри XX роҳбарияти ҷумҳурӣ ба азхудкунии заминҳои бекорхобида аҳолии зиёдеро ҷалб намуданд. Дар мавзеъҳои Юлдузқоқ ва Курҷалолқуми ноҳия обёрии заминҳои нав вусъат ёфт. Дар натиҷаи амалӣ шудани ин барномаҳо барои азхуд намудани заминҳои нав дар мавзеи Юлдузқоқ 2400 гектар ва дар Курҷалолкум зиёда аз 2000 гектар замини нав ба истифода дода шуд. Дар муддати кӯтоҳ дар ин мавзеъҳо биноҳои истиқоматӣ низ сохта ба истифода дода шуданд [57, с. 43].

Истифодаи заминҳои Юлдузқоқ ва Курҷалолкум аз як тараф ба инкишофи мелиоратсия мусоидат намуда, аз тарафи дигар масъалаи ҷойгиршавии аҳолиро ҳал намуданд. Бо обёрии заминҳои нав ба ин ҷо зиёда 100 хоҷагӣ аз деҳоти сераҳолии ноҳия кӯчонида шуданд [57, с. 43].

Соли 1978 ноҳияи Қубодиён ҳамаи нақшаҳои истеҳсолиро бо муваффақият иҷро кард. Аз ҳамин ҷиҳат моҳи марти соли 1978 бо гирифтани ордени «Байрақи Сурх»-и Кумитаи Марказии ҲК ИҶШС, Шурои Вазирони ИҶШС, Итифоқҳои касаба ва Комитети Марказии ВЛКСМ мукофотонида шуд. Пас аз чанд рӯз колхози ба номи «50-солагии

ИЧШС» бо «Байрақи Сурх»-и Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои Вазирони Тоҷикистон ва Иттифоқи касаба ва ЛКСМ Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор гардонида шуд [247, с. 18].

Пахтакорони колхози «Меҳнат – роҳат»-и ноҳияи Қубодиён 5-уми сентябри соли 1979 аввалин шуда, ба ғунучини ҳосили нав сар карданд. Деҳқонон мақсад доштанд, ки аз ҳар гектари майдони 1015 – гектара 37 сентнерӣ «тиллои сафед» ба даст оранд. Пахтачинӣдар бригадаҳои Алламурод Султонов, Қурбон Алимуродов, Орзуқул Бегинов, Чорӣ Ҳайталиев хеле хуб ба назар мерасид. Дар колхоз мусобиқаи байни чинакчиёну бригадаҳо хеле хуб ба роҳ монда шуда буд. Натиҷаи ҳамин буд, ки рӯзҳои аввал 38-40 тоннагӣ пахта чидаанд. Қисми зиёди ҳосил бо мошинҳо ғундошта мешуданд. Механизаторон қарор доданд, ки ҳосили 250 гектар пахтаи навъи миёнанах ва 200 гектар навъи миёнанахи 6465-В-ро бо мошинҳо ҷамъоварӣ мекунанд [183].

Дар саҳрои бригадаи О.Бегимов аз колхози «Меҳнат – роҳат»дар асоси мусобиқаи чинакчиёнии бисёрҳазоркилограмми чинак торафт вусъат ёфта буд. Бригада дорои 76 гектар пахтазор буд. Ҳар рӯз аз хирмани бригада ба маркази қабулкунӣ 7,5-8 тонна пахта фиристонда мешуд. Колхозчиён кӯшиш мекарданд, ки то охири мавсим ҳосилнокии ҳар гектарро то 45 сентнерӣ расонанд. 30 гектар пахтазор барои бо мошинҳо чидан ҷудо карда шуда буд. Пешқадамони саҳро А.Бозорова, Ҳ.Марзиева, У. Маҳмадраҳимова, Қ. Маҳкамова, Қ Бегимова ҳар рӯз 120-130 килограммӣ пахта чида, ба хирман меоварданд, ки пахтаи аз аввали мавсим чидаи ҳар кадоми онҳо ба 2,8-3 тонна расида буд [184].

Натиҷаи ҳамин пешравиҳо буд, ки меҳнаткашони колхози «Меҳнат роҳат»-и ноҳияи Қубодиён дар иҷроиши солонаи пахтасупорӣ то 21 сентябри соли 1979 34,5% уҳдадориро ба ҷо оварда, дар мусобиқаи сотсиалистӣ байни хоҷагиҳои вилояти Қӯрғонтеппа (феълан вилояти Хатлон) ҷои аввалро соҳиб шуданд [315].

Деҳқонони колхози «Пахтакор» дар мавзеи Юлдузқоқ пахта кишт мекарданд. Аз ибтидои соли 1980 аъзоёни бригадаи Т.Саодатов дар 80

гектар пахта кишт карданд. Чинакчиёни пешқадам Баҳригул Саидмуродова, Ҷумъагул Утаганова, Гулхол Холмуродова ва Пардагул Авазова пешсафи мусобиқа буда, ҳар рӯз 150-160 килогӣ пахта ҷамъоварӣ намуданд. Онҳо аҳд карданд, ки дар мавсим 10-11 тоннагӣ пахта мечинанд. Дар бригада 30 гектар пахтаи миёнанах ва 15 гектар пахтаи маҳиннах ба чиниши мошинӣ ҷудо карда шудааст [343].

Рафти иҷрои нақшаи пахтасупоридар колхозу совхозҳои вилояти Қӯрғонтеппа то 1-уми октябри соли 1980, ки дар сафи пеш қарор доштанд, чунин буд. Аз ҷумла, иҷроиши нақшаи солона дар колхози «50 солагии СССР»–и ноҳияи Қубодиён 72,5 %, колхози «Коммунизм» 71,8 %, «Меҳнат – роҳат» 69,1 %, Телмон 67,9 %, «Пахтакор» 58,6 %, Карл Маркс 50,3 % иҷро гардид [315].

Коркунони хоҷагии қишлоқи ноҳия уҳдадор шуда буданд, ки дар соли 1983 ба давлат 4500 тонна сабзавот, 1270 тонна картошка, 3750 тонна зироатҳои полизӣ, 220 тонна мева, 4100 тонна ғалла, 250 сентнер лимӯ, 116 тонна пилла ба давлат супоранд [304].

Соли 1983 байни ноҳияи Қубодиён ва Панҷ мусобиқаи сотсиалистӣ баргузор гардид. Ин ноҳияҳо уҳдадориҳои сотсиалистиро аз рӯйи ҷамъоварии маҳсулотҳои хоҷагӣ дар марзҳои мухталиф иҷро намуданд. Ҷамъоварии пахта дар ноҳияи Қубодиён 45000 тонна, ғалла 4100 тонна, картошка 1270 тонна, зироатхои полезӣ 3750 тонна, сабзавот 4500 тонна, мева 220 тонна, ангур 1400 тонна, лимӯ 250 тонна, пилла 116 тоннаро ташкил намуд. Ҷаъоварии пахта дар ноҳияи Панҷ 29900 тонна, ғалла 4000 тонна, зироатҳои полизӣ 1750 тонна, сабзавот 2150 тонна, ангур 100 тонна, пилла 82 тонна иҷро шуд [304]. Аз нишондоди рақамҳо маълум мешавад, ки ноҳияи Қубодиён аз рӯйи ҷамъоварии як қатор махсулотҳои хоҷагии қишлоқ назар ба ноҳияи Панҷ дар сафи пеш қарор дошта ва дар мусобиқаи сотсиалистӣ ҷойи аввалро ишғол намуд.

Дар маркази вилоят бахшида ба ғолибони маъракаи ҳосилғундорӣ дар даҳаи охирини моҳи октябри соли 1989 «Байрақи шарафи меҳнат» бардошта шуд. Ба ин муносибат котиби комитети ҳизбии шаҳри

Қӯрғонтеппа А.А.Синдарова маъруза намуда, ҷонишини раиси комитети агросаноатии вилоят Н.Элиев оид ба натиҷаҳои дар даҳрӯза бадастовардаи пахтакорони вилоят баромад кард. Дар даҳрӯзаи навбатӣ аз 21 то 31-умиоктябр дар вилоят ноҳияҳои Шаҳритус 23,88%, Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ) 22,71%, ва Колхозобод (феълан Ҷалолиддини Балхӣ) 22,59% ғолиб дониста шуданд. Дар байни хоҷагиҳо ғолибият насиби колхозҳои ба номи М.Горкийи ноҳияи Колхозобод, Ленинградии ноҳияи Вахш, ба номи Ленини, совхози Бешкент-2-и ноҳияи Шаҳритус, «Тоҷикистон»-и ноҳияи Қубодиён гардид [185].

Ҳамин тавр, дар солҳои 1986-1990 ба ҳисоби миёна ҳар сол 3340 тонна ғалла, 1326 тонна картошка, 343 тонна шолӣ, 5014 тонна сабзавот, 1282 тонна ангур, 3236 тонна зироатҳои полезӣ, 1624 тонна гӯшт, 7833 тонна шир ва 1133 ҳазор дона тухм истеҳсол карда шудааст [27, в. 23].

Дар охир ҳамин нуқтароқайд кардан зарур аст, ки рушди хоҷагии кишоварзии ноҳия бошад, аз меҳнати содиқонаи сокинон ва иқдомҳои наҷиб вобаста буд. Дар ин масир, шароити табиӣ низ, дар муқоиса ба навоҳии дигари ҷумҳурӣ, мусоидтар буд. Ин омил низ дар рушду дастовардҳои меҳнаткашон нақш дошт.

Бешак, Қубодиён ноҳияи аграрӣ буда, дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ соҳаи чорводорӣ низ ривоҷу равнақ меёфт,зеро иқлими ноҳия барои рушддодани чорводорӣ мусоид буд. Бо ҳамин мақсад, аз солҳои 30-юм сар карда аз совхозҳои зотпарварии ҷумҳурӣ ва совхози зотпарварии «Нишон»-и ҶШС Узбекистон ва совхози «Учаж»-и ҶШС Туркманистон ба миқдори муайян овардани чорвои хушзот ва ба ин васила, бадаст овардани зоти баланд ва зиёд намудани саршумори чорво дар ноҳия мусоидат намуд.

Соли 1950 аз вилояти Ғарм ба ноҳияи Қубодиён аҳолӣ муҳоҷир карда шуданд. Аҳолии муҳоҷиршуда бо худ як миқдор чорворо ба ноҳия оварданд. То тафтишоти Вазорати хоҷагии қишлоқ дар вақти муҳоҷирати аҳолӣ аз колхози ба номи Иличи ноҳияи Шулмак (феълан ноҳияи Рашт) ба колхози ба номи Лоҳутии ноҳияи Қубодиён норасоии миқдори чорво ба назар нарасид. Чорвои калони шохдор 66 сар, бузу гӯсфанд 36 сар, асп 2

сарро ташкил медод. Дар рафти тафтишот муайян карда шуд, ки чорвои калони шохдор 62 сар, бузу гӯсфанд 36 сар, асп 2 сар аст. Дар ҳақиқат, тафтишоти гузаронидашуда норасоии 4 сар чорвои калони шохдорро муайян карданд [8, в. 41]. Сабаб дар он буд, ки дар вақти муҳоҷират чорвои муҳоҷирон мефавтиданд.

Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани корҳо ва беҳтар таъмин намудани хӯроки чорво имконият фароҳам омад, ки сол аз сол зиёд намудани саршумори чорво ва баланд бардоштани маҳсулнокии онро таъмин кунад. Дар соли 1952 чорводорони ноҳия аз ҳар сад сар гӯсфанди таваллуд мекардагӣ24, 2 сар барра, дар соли 1953-юм бошад, 101, 5 сар барра гирифтанд, ки ин натиҷаи хеле хуб буд [8, в. 62].

Барои беҳтар шудани шароити кор ва зиёд намудани саршумори чорво ба роҳбарон, мутахассисон ва пешқадамон мукофотҳои пулию молӣ дода мешуд. Дар соли 1952 ба чӯпонҳои пешқадам барои кори хубашон 101 ҳазор сӯм ва дар соли 1953-ум бошад, 105,3 ҳазор сӯм мукофотҳои пулии иловагӣ дода шуд [8, в. 65].

Дар соли 1955 дар колхози ба номи Андрееви ноҳияи Қубодиён 156 сар чорвои калони шохдор мавҷуд буд, ки аз он 40 сар гӯсола гирифта шуд ва 13 сари дигар харидорӣ гардид. Дар маҷмуъ, дар колхоз 209 сар чорвои калони шохдор мавҷуд буд. Саршумори чорвои майда бошад, 1550 сарро дарбар гирифта, аз он 502 сар насл гирифта шуда, 546 сар харидорӣ гардид, ки дар маҷмуъ, колхоз 2598 сар чорвои майдаро соҳиб буд [14, в. 25].

Чорводорони колхози ба номи Андрееви ноҳия дар соли 1955 18 дона пӯсти чорвои калони шохдор ва асп, 524 дона пӯсти бузу гӯсфанд, 190 дона пӯсти гӯсфанди қарокӯлӣ ба даст оварданд. Дар маҷмуъ, колхоз 732 дона пӯстҳои аълосифат ҷамъоварӣ намуда, ба давлат супорид [14, в. 25].

Соли 1956 қарокӯлпарварони колхозҳои ҷумҳурӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварданд. Навъи пӯстҳои қарокӯлӣ дар соли 1956 назар ба соли 1955 хеле беҳтар шуда буд. Агар дар соли 1955 ба давлат 54 % пӯсти қарокӯлии навъҳои якум супурда шуда бошад, пас дар соли 1956 миқдори пӯсти қарокӯлии навъи якум то 62% афзуд. Дар соли 1955 танҳо 25 колхоз

аз 60% пӯсти қароқӯлии навъҳои якум гирифта бошанд, пас дар соли 1956 шумораи чунин колхозҳо ба 42 адад расид. Колхози ба номи Маленкови ноҳияи Қубодиён бошад, дар соли 1956 ба давлат 87,4 % пӯсти қароқӯлии навъи яукмро супорид [198, с. 35].

Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ вазифаи муҳимми зиёд намудани истеҳсоли гӯшт, шир ва равғанро ба миён гузошта, иҷрои муваффақиятноки онро аз чорводорон талаб мекунад, ки имконияту захираҳои дохилиро истифода намуда маҳсулнокии он баланд бардошта шавад.

Аз 1-уми октябри соли 1955 то 1-уми феврали соли 1956 аз ҳар сар гови ҷӯшоӣ дар ноҳияи Қубодиён 92 литр шир ҷӯшида шуд, ки афзоиш нисбат ба соли 1955 62 литр зиёд аст. Говҷӯшони пешқадами ноҳия Гулбоева Анор аз колхози ба номи Ворошилов аз ҳар сар гови ҷӯшоӣ 396 литр ва Ғиёсова Тазкира аз колхози ба номи Сталин 406 литр шир мегирифтанд ва барои меҳнати шоёнашон ҳавасманд гардонида мешуданд [242].

Соли 1956 дар колхозҳои ҷумҳурӣ нисбат ба соли 1955 фермаҳои хукпарварӣ хеле тараққӣ карда, саршумори парандаҳо зиёд гардид ва ба ҳамин тариқ, истеҳсоли умумии гӯшт афзуд. Артелҳои хоҷагии қишлоқи ба номи Молотови ноҳияи Молотовобод, ба номи Микоян ва Москваи ноҳияи Қубодиён, Москваи ноҳияи Октябр ва як қатор артелҳои дигари хоҷагии қишлоқ накшаи давлатии гӯштсупориро иҷро карданд [260, с. 27].

Чорводорони колхози «Пахтакор»-и ноҳияи Қубодиён дар бобати тараққӣ додан ва баланд бардоштани маҳсулнокии чорво натиҷаҳои хуб ба даст оварданд. Ҳамин тавр, дар соли 1959 нисбат ба соли 1958 гӯшт 2,5 баробар, ширу тухм-2,7, пашм-10 %, пусти қароқӯлӣ-7 % зиёд шуд. То якуми декабри соли 1959 ба ҳисоби миёна, аз ҳар сар модагов ба ҷои 1100 килограммӣ шир дар соли 1958 гирифта шуда бошад, пас дар соли 1959 он ба 1280 килограммӣ расид. Вазни зиндаи як сар чорвои калони шохдор дар соли 1958, ки бо мақсади гӯштсупорӣ дода шудааст, 180-200 килограммиро ташкил дода бошад, пас соли 1959 он ба 220-230 килограммӣ боло

бардошта шуд. Ин муваффақиятҳои чорводорӣ, пеш аз ҳама, натиҷаи беҳтар шудани нигоҳубини чорво мебошад [231, с. 15-16].

Меҳнаткашони колхози «Коммунизм»-и ноҳияи Қубодиён дар соли 1964 ба нақша гирифтанд, ки ба давлат 285 тонна шир месупоранд. Чорводорон барои амалӣ намудани нақшаи мазкур саъю кӯшиш намуданд ва ба давлат зиёда аз 185 тонна шир фурӯхта, уҳдадориро 64 % иҷро намуданд. Ҳар як говҷӯш кӯшиш намуд, ки дар мусобиқа ғолиб омада сазовори мукофотҳои олӣ гардад [284].

Барои меҳнати шоёни таҳсин соли 1965 гурӯҳи калони коргарони совхози Қубодиён бо орден ва медалҳои ИҶШС мукофотонида шуданд. Сарчӯпонон Соатмурод Олтибоев сазовори унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ва Назар Паёмов сазовори ордени Ленин гардид. Мукофотонида шудани коргарони совхоз дар таърихи совхози Қубодиён воқеаи муҳим гардид. Барои бо мукофотҳои олӣ сазовор шудани чӯпонҳо аз водиҳои Вахш чорводорон ба совхози ноҳияи Қубодиён меомаданд. Мактуби аз Бадахшони Шуравӣ, хусусан аз чӯпонҳои Мурғоб омада, хеле таъсирбахш буд [130, с. 24]. Ҳамаи чорводорони ноҳия дар ҷавоби ин ғамхорӣ ба Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ аз самими қалб ваъда доданд, ки дар оянда нақшаҳои ба зимма гузошташударо барзиёд иҷро менамоянд.

Қароқӯлпарварон ба мусобиқаи сотсиалистӣ ҳамроҳ шуда, мубориизаро барои боз ҳам беҳтар кардани зоти гӯсфандҳои қароқӯлӣ пурқувват карда, чандин тадбирҳоро бомуваффақият дар амал татбиқ намуданд. Дар натиҷа, совхоз соли 1965 86% пӯсти қароқӯлиро бадавлат супорид [130, с. 22].

Меҳнаткашони совхози зотпарварии ноҳия ҳар як қарори ҳизб ва ҳукуматро дастури кори худ намуда, барои нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ мубориза мебурданд. Соатмурод Олтибоев баъди гирифтани унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ имкониятҳои мавҷударо ба инобат гирифта, қарор дод, ки соли 1968 аз ҳар сад сар камаш 140 сарӣ барра гирад, 90 % пӯсти қароқӯлиро бо навъи якум супурда, аз ҳар сар

гӯсфанд 3 килограммӣ пашм тарошад. Чунин чӯпонҳои пешқадаму чорводорони пуртаҷриба дар совхоз хеле зиёд буданд [130, с. 14].

Чорводорони колхозу совхозҳои ноҳия нақшаҳои ба зимма гузошта шудаашонро иҷро мекарданд. Аз ин ҷост, ки як қатор хоҷагиҳо, ба монанди колхозҳои ба номи Телмон, «Пахтакор», «Коммунизм» ва ғайраҳо дар бобати тайёр намудан ва ба давлат супурдани гӯшт пешқадам мебошанд. Онҳо дар зарфи 4 моҳу 18 рӯз нақшаи нимсолаи ба давлат супурдани гӯштро барзиёд иҷро карданд. Дар бобати истеҳсоли шир нақшаи нимсоларо пеш аз мухлат танҳо 4 колхоз иҷро карда буд. Супурдани пашм, тухм ва пӯсти қароқулӣ низ дар 4 хоҷагӣ иҷро карда шуда буд. Бо вуҷуди ин, ҳоло дар ноҳия колхоз ва совхозҳои алоҳидаебуданд, ки нақшаи нимсолаи супурдани маҳсулоти чорворо суст ба роҳ монда буданд. Масалан, колхозҳои «Оқолтин», «Меҳнат – роҳат», ба номи Карл Маркс, совхозҳои «Тоҷикистон», «Қубодиён» иҷрои нақшаи нимсолаи гӯшт, шир, пашм, пӯсти қароқӯлиро суст иҷро карданд [245].

Тараққиёт ва афзоиши минбаъдаи чорводорӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Колхози овозадори «50-солагии СССР» бо қарори саридораи худ барои ҳавасмандгардонии говҷӯшу подабонҳо бештар маблағ ҷудо карда буд. Самараи чунин шакли ҳавасмандгардониҳо буд, ки соли 1976 ширҷӯшӣ аз ҳар сар модагов 2311 килограммро ташкил дода, дар соли 1977 бошад ба 2553 килограмм расонида шуд. Вазни ҳар сар чорвои калони ба гӯшт супурдашуда 288 килограмм бошад, пас дар соли 1977 ба 286 килограмм расонда шуд. Гирифтани гӯсола, ки аз ҳар 100 сар модагов 93 сар буд, дар соли 1977 ба 98 сар расид. Гирифтани тухми мурғ аз ҳар сар дар соли 1976 174 дона ва дар соли 1977 бошад, ба 198 дона расонда шуд [129, с. 26].

Ин ҳама шаҳодат аз татбиқи илм дар истеҳсолот ва ҳавасмандии самараи коргарон буд.

Соли 1978 совхози зотпарварии ноҳияи Қубодиён ба хоҷагиҳои қароқӯлпарварии ҷумҳурӣ ба ҷойи 2500 сари нақша 3931 сар барраҳои хушзот фиристонид. Аз ҳар 100 сар меш ба ҳисоби миёна 125,3 сарӣ барра

гирифта шуд. Қарокӯлпарварони номӣ, сарчӯпонҳо Худойбердӣ Телагонов, Амир Тоҷиев ва Раҷаб Абдусаломов бошанд, аз ҳар 100 сар меш 181, 156 ва 148 сарӣ барра гирифтанд [238, с. 27].

Шаш моҳи соли 1979 барои чорводорони вилоят давраи меҳнати зарбдорона дар самти иҷрои уҳдадориҳои сотсиалистӣ буд.

Мувофиқи маълумотҳои саридораи вилоят нақшаи шашмоҳаи ба давлат фурӯхтани ҳамаи намудҳои маҳсулоти чорво барзиёд иҷро карда шуд. дар вилоят дар зарфи шаш моҳ ба давлат 7896,3 тонна гӯшт (бо вазни зинда) фурӯхта шуд, ки 111% - и нақшаро ташкил менамояд. Нақшаи нимсолаи гӯштсупориро ноҳияи Шаҳритус 145% иҷро кард. Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Қубодиён ба 119%, Вахш 113%, Ёвон 112%, Колхозобод (феълан Ҷ. Балхӣ) 111% расид. Нақшаро ноҳияҳои Куйбишев (феълан А. Ҷомӣ) ва Қӯрғонтеппа (феълан Бохтар) 108%, Қумсангир (феълан Ҷайҳун) 104% иҷро карданд [329].

Колхозу совхозҳои ноҳияи Қубодиён дар соли 1982 35630 тонна ему хошоки дурушт, 33046 тонна силос, 23485 тонна беда, 1046 тонна орди витаминдори алаф, 1129 тонна гранул ва бисёр намудҳои дигари хӯроки чорво захира карданд. Маҳз захираи фаровони хӯроки чорво дар колхозҳои «50 – солагии СССР», «Меҳнат – роҳат», «Пахтакор» хуб ба роҳ монда шуда буд [337].

Соли 1982 барои чорводорони фермаи ширию молии колхози «50-солагии СССР» соли пурфаизу баракат гардид. Онҳо барои иҷрои уҳдадориҳои сотсиалистии ба зимма гирифтаашон бо ғайрати зиёд меҳнат карда, ба натиҷаҳои дилхоҳ соҳиб шуданд. Чорводорон истеҳсоли ширро аз 130 сар гови ҷӯшоӣ ба 443 тоннаю 717 килограмм расониданд, ки ин нисбат ба соли 1981 хеле зиёдтар аст. Нақшаи ба давлат фурӯхтани шир низ барзиёд иҷро гардид. Чорводорони ферма ба давлат 385 тонна шири аълосифат супориданд, ки ин нисбат ба соли 1980 10 тонна зиёд мебошад [344].

Дар давоми солҳои 1986-1990 48 ҳазор сар бузу гусфанд, 17 ҳазор сар гови ҷӯшоӣ дар ноҳия ба яғмо рафта буд. Мақомоти прокуратураи ноҳия

нисбати ин масъала ягон чораи заруриро наандешидааст [27, в. 12]. Чунин мушкилиҳо ва монеаҳои сунъӣ низ дар соҳаи агросаноатии ноҳия ба чашм мерасид.

Ҳамин тариқ, соҳаи чорводорӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзӣ дар ноҳия ба ҳисоб рафта, аҳолиро бо маҳсулоти озуқа, гӯшт, шир, тухм, ва саноатро бо ашёи хом таъмин менамуд. Бо ҳамин мақсад дар ноҳия барои рушди соҳа диққати аввалиндараҷа дода мешуд.

## 3.2. Ҳаёти иҷтимоӣ – фарҳангии ноҳия

Солҳои 50-уми асри XX Ҳокимияти Шуравӣ дар роҳи беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии мардум баъзе чораҳои зарурӣ андешид. Маҳз дар солҳои охир симои шаҳру деҳот торафт тағйир ёфта, аз рӯйи нақшаи генералӣ биноҳои ҳозиразамон, мактабҳо, қасри фарҳанг, беморхонаҳо, биноҳои маъмурӣ, мағозаҳо, хонаҳои истиқоматӣ қомат рост карданд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади пурра қонеъ гардонидани талаботи моддӣ ва маънавии меҳнаткашон истеҳсолоти сотсиалистиро мунтазам тараққӣ дод, ки дар асоси он барои ба даст овардани маблағҳои зарурӣ имконият пайдо шуд. Дар натиҷаи 7 маротиба арзон кардани нархи давлатӣ ба молҳои чаканафурӯшии аҳолӣ бештар аз 40 миллиард сӯм фоида ба даст овард. Хароҷоти буҷети давлатии ҷумҳурӣ дар панҷсолаи панҷум ба 27,1 миллион сӯм афзуд [133, с. 64].

Барои баланд бардоштани некуаҳволии моддии мардум дар соли 1953 аз буҷети ҷумҳурӣ ба ноҳияи Қубодиён 5725000 сӯм ҷудо карда шуд [167]. Дар соли 1955 бошад, ин рақам то ба 6 миллиону 837 ҳазор сӯм расонда шуд, ки нисбат ба соли 1953 хеле зиёд буд [169].

Комиҷроияи Шурои ноҳияи Қубодиён ва Шуъбаи коммуналии он қарори Шурои Вазирон ва КМ ҲК Тоҷикистонро дар бораи «Ободонии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ» дар амал татбиқ намуда, дар баробари як қатор камбудиҳои ҷойдошта, баъзе муваффақиятҳоро, дар раванди беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, ба даст овардаанд. Дар соли 1955 барои

таъмири хонаҳои истиқоматии коргарон, хизматчиён ва зиёиёни маркази ноҳия 210 ҳазор сӯм, барои сохтмонҳои нав қариб як миллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Ғайр аз ин, ҳукумати ноҳия дар моҳи сентябр дар бобати тайёрӣ ба зимистонгузаронии соли 1955 қарор қабул карда, рафти иҷрои онро ду бор санҷид. Дар ноҳия 200 хонаи истиқоматии коргарону хизматчиён, ду беморхона, маркази электрикӣ, ду клуби зимистона ва ғайра аз таъмир бароварда шуданд [170].

Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон барои беҳтар намудани фазои маишии сокинони шаҳру ноҳияҳо диққати ҷиддӣ дода, як қатор чойхонаҳо сохта ба истифода дод. Чойхонаҳо марказҳои истироҳативу маърифатии ноҳияҳо ба ҳисоб рафта, дар чунин ҷойҳо расмҳои роҳбарони ҳизб, мутахассисони хоҷагии қишлоқ, коркунони илм, лауреатҳои мукофоти сталинӣ ва ғайра овехта мешуданд. Дар чойхонаҳо гӯшаи сурх ҳам мавҷуд буд, ки он бо китобҳои гуногун таъмин карда мешуданд [171, с. 2].

Хизматрасонии тиббӣ дар Қубодиёни то инқилоб ба талаботи аҳолӣ ҷавобгуй набуд. Соли 1923 ба аҳолии бекигарии Қубодиён танҳо як табобатхона хизматмерасонид, ки дар он асосан сарҳадчиёни рус кор карда, баъзан табибони маҳаллӣ низ ҷалб карда мешуд. Бо пойдоршудани Ҳокимияти Шуравӣ сохтмони муассисаҳои тиббӣ дар ноҳия оғоз ёфт [57, с. 53].

Ҳизби Коммунист ва Ҳукумати Шуравӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустии оммаи меҳнаткашон ҳама вақт ғамхорӣ мекард. Дар баробари ин,дар кори муассисаҳои тиббӣ ҳам камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасиданд. Мисол, дар бораи аҳволи бади бунгоҳи тиббии колхози ба номи Ленини Шурои деҳоти Шаҳритус шикоятҳо мерасиданд. Бунгоҳ бо асбобу анҷомҳои даркорӣ пурра таъмин набуд [223, с. 1].

Бо шарофату ғамхориҳои Ҳукумати Шуравӣ ноҳияи Қубодиён бо кадрҳои ихтисосманди тиббӣ таъмин карда шуд. Масалан, соли 1957 дар беморхонаи ноҳия назар ба соли 1956 вазъият хеле беҳтар шуда, камбудиҳои ҷойдошта то андозае бартараф шуданд. Соли 1957 дар беморхона 7 нафар духтурон ва 22 нафар ҳамшираҳои тиббӣ кор

мекарданд. Биноҳои беморқабулкунӣ нисбатан танг буда, дар ҳолати зиёд шудани беморон барои хизматрасонӣ ба духтурон мушкили ба миён меоварданд [331, с. 3].

Пахтакорон ба мусобиқаи сотсиалистӣ ҳамроҳ шуда, барои он мубориза мебаранд, ки суръати чидан ва ба давлат супурдани пахтаро ҳарҷониба тезонда, иҷрои нақшаи давлатии пахтасупориро то 7 ноябри соли 1957 иҷро намоянд. Селпои Шаҳритус ба колхозҳои ба номи Микоян, Андреев ва Москва дар бошишгоҳҳои саҳроӣ ба миқдори 10 ҳазор сӯм чойнику пиёла фурӯхтанд. Ҳукумати ноҳия барои қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ кори савдоро дар деҳот хеле беҳтар кард. Дар баробари ин дар аксарият мағозаҳои деҳот молҳои аввалияи рӯзғор намерасиданд [280].

Зиёд шудани даромади колхозҳо имконият медод, ки дараҷаи некуаҳволии колхозчиён мунтазам баланд бардошта шавад. Соли 1957 колхозчиён ба ивази рӯзҳои меҳнаташон пул ва ғалла гирифтанд. Узви артели хоҷагии қишлоқи «Оқолтин» Холбоева З, ки 410 рӯзи меҳнат кор кардааст, 9453 сӯм пул, зиёда аз 1,2 тонна ғалла гирифт. Колхозчиён ба таври маданӣ ва осудаҳолона зиндагӣ мекарданд. Дар колхозҳо гӯшаи радиошунавонӣ, хонаи фарҳанг, китобхона, чойхона ва қироатхонаҳо мавҷуд буданд [332].

Конститутсияи ИҶШС ҳуқуқи дар пиронсолӣ, инчунин дар сурати бемор шудан ва гум кардани қобилияти меҳнат аз ҷиҳати моддӣ шаҳрвандонро таъмин мекард. Масалан, дар соли 1954 ба нафақагирандагон 98000 сӯм дода шуда бошад, пас ин рақам дар соли 1958 ба 140000 сӯм расид. Масъулини ҳукумати ҶШС Тоҷикистон аз ноҳия зиёда аз 100 касро ба хонаҳои истироҳатии маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбони меҳнат фиристоданд [262].

Саридораҳои колхозҳои ноҳия барои ташкил намуданикумаки моддӣ ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, оилаҳои хизматчиёни ҳарбӣ, оилаҳои ҷанговарони дар ҷанг ҳалокгардида ва колхозчиёни куҳансол ғамхории доимӣ карда, ба онҳо ёрии молию пулӣ мерасонданд. Колхозҳои ноҳия дар соли 1958 ба 241 нафар колхозчиёни куҳансол, маъюбони Ҷанги Бузурги

Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар кардашудаба тариқи ёрӣ 197350 сӯм пул ва қариб 400 килограмм ғалла доданд [262].

То соли 1958 бинои қабулгоҳи беморхона тангу кухна буда, беморон ҳатто ҷое намеёфтанд, ки дар қабулгоҳ интизор нишинанд. Бо ташаббуси ҳокимияти ноҳия соли 1959 ба ҷойи бинои кухна, бинои нав қомат афрохт. Бинои нав дорои 16 ҳуҷра буда, акнун беморон имконият пайдо карданд, ки то расидани навбат дар толори калони қабул мунтазир шинанд. Аллакаи, соли 1959 дар ноҳия 25 нафар духтурҳои баландихтисос ва зиёда аз 150 нафар ҳамшираҳои тиббӣ кор мекарданд [314, с. 1].

Суръати сохтмони манзилгоҳҳо дар ҷумҳурӣ ва ноҳияи Қубодиён дар соли 1959 босуръат давом меёфт. Дар маркази ноҳия, инчунин дар қитъаи Носири Хусрав, чандин хобгоҳҳо сохта, ба истифода дода шуданд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки муассисаи комбинати истиқоматӣ–коммуналии ноҳия соли 1959 натиҷаҳои хуб ба даст оварда, ба зимистон тайёрии хуб дида, аз ҳамаи 142 хонаи давлатӣ 130 – тоашро аз таъмир баровардааст [300, с. 1].

Колхозҳои ҷумҳурӣдар ин давра сохтмони биноҳои маданӣ –маиширо хеле вусъат доданд. Фақат дар давоми солҳои 1959–1962 ба сохтмони ин гуна биноҳо 22 миллиону 944 ҳазор сӯм ва дар соли 1963–юм 5.895 ҳазор сӯм сарф карданд. Дар колхози «Оқолтини ноҳия»-и Қубодиён бошад, дар соли 1963 хонаи фарҳанг, ошхона, беморхона, дорухона, ду ҳаммом ва даҳ мағоза сохта ба истифода шуд [243, с. 10].

Колхозҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳками ҷумҳурӣ имконият пайдо карданд, ки дар баробари сохтмони биноҳои маданӣ-маишӣ барои ободонии хонаҳои колхозчиён низ маблағи зиёд ҷудо кунанд. Дар колхози «Оқолтин»-и ноҳияи Қубодиёну Шаҳритус ҳам сохтмони манзилҳо сол аз сол вусъат ёфта, дар соли 1963 бо ёрии колхоз барои колхозчиён 50 хонаи нав сохта шуда буд [243, с. 9].

Ҳаминро бояд қайд кард, ки Ҳукумати Шуравӣ барои некуаҳволии халқ маблағҳои калон ҷудо мекард. Буҷаи маҳаллии ноҳия 18 миллиону 659 ҳазор сӯм буда, дар 11 моҳи охири соли 1959 барои ободонӣ 274000 сӯм, кабудизоркунӣ 51000 сӯм, электрикони 34000 сӯм, маориф 10 миллиону 74

ҳазор сӯм, нигоҳдории тандурустӣ 4 миллиону 100 ҳазор сӯм ва ғайра сарф карда шуда буд [179, с. 3].

Дар соли 1963 29 нафар духтурон ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонданд, ки ин назар ба соли 1959 1,5 баробар зиёд буд. Дар кори хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ камбудиҳои ҷиддӣ низ ҷой доштанд. Масалан, аз 7 бинои бунгоҳи тиббии колхози «Оқолтин» 5 – тоаш куҳнаву фарсуда буданд [180, с. 3].

Беҳтар шудани шароит боиси он гардид, ки меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён танҳо соли 1966 аз мағозаҳои ноҳия 550 адад телевизор, 535 адад яхдон, 400 адад мошинаи ҷомашӯӣ, 101 адад мототсикл, 4 автомошинаи сабукрави «Волга», 1120 адад дучарха ва дигар ашёҳо харидорӣ намуданд. Ичунин, ба насия фурӯхтани мол ҳам назар ба солҳои пеш афзуд. Ин далолат аз он мекард, ки дараҷаи зисту зиндагонии халқ торафт беҳтар шуда, маданияти аҳолӣ баланд гардидааст [224, с. 1].

Сол то сол кӯчаю биноҳои сохти нав симои ноҳияро дигар намуда, дар худи соли 1970 сохтмони 7 боғча, ду бинои мактаби миёна, 3 бошишгоҳи саҳроӣ, 40 хонаи истиқоматӣ пешбинӣ шуда буд, ки барои ин 8 бригадаи сохтмонӣ ташкил намуда, дар 8 қитъаи колхоз ташкилотҳои ҳизбии колхоз ба кор машғул буданд [327].

Ташкилоти сохтмони байниколхозӣ дар ноҳия ташкилоти калонтарини бинокорӣ буд. Дар ин ҷо намояндагони миллатҳои гуногун кор мекарданд. Бинокорон танҳо дар моҳи апрели соли 1972 ба маблағи 300 ҳазор сӯм корҳои бинокориро ба ҷо оварда, нақшаи моҳонаро 101 фоиз ичро карданд [287].

Коркунони комбинати хизматрасонии маишии ноҳияи Қубодиён тамоми диққати худро баҳри содиқона хизмат намудан ба аҳолӣ равона намудаанд. Меҳнаткашони ноҳия аз 80 нуқтаи хизмати маишӣ баҳра мебурданд. Соли 1972 ба аҳолии колхози «Коммунизм» хонаи суратгирӣ, сехи дӯзандагӣ, дар маркази ноҳия ду сартарошхона ва ҳаммом ба кор даромаданд. Коллективи комбинат дар як рӯз ба сари ҳар як одам ба маблағи 4 сӯму 21 тин ё худ ҷамъ бо маблағи 1167 сӯм хизмати маишӣ

мерасонданд. Дар солҳои панҷсолаи нуҳум (1971-1975) коллектив уҳдадор шуданд, ки ба аҳолии ноҳия ба маблағи 425 ҳазор сўм хизмат расонанд. Ин назар ба соли 1972 75 ҳазор сўм ё худ 21,4 фоиз зиёд буд [283].

Дар ноҳияи Қубодиён баробари тоҷикҳо дигар халқу миллатҳо, аз қабили ўзбекҳо, туркменҳо, қирғизҳо ва русҳо кору зиндагӣ мекарданд, аммо чун пештара аксариятро тоҷиконташкил медоданд. Чорабиниҳои комитети ҳизбии ноҳия, ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва омўзиши иқтисоди меҳнаткашон дар роҳи баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва тараққӣ додани иқтисодиёт натиҷаҳои мусбат мебахшиданд.

Зиёд шудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ имконият медод, ки иқтисодиёти колхозу совхозҳо рушд ёбад. Масалан, агар даромади умумии ноҳияи Қубодиён соли 1970 40108 ҳазор сўм бошад, пас соли 1975 он 69.788 ҳазор ва соли 1976 81.400 ҳазор сўмро ташкил медод. Дар соли 1976 музди миёнаи моҳонаи ҳар як колхозчӣ ба 133 сўм расид, ки ин назар ба соли 1970 20 сўм зиёд буд [246].

Колхозу совхозҳои ноҳияи Қубодиён баробари иқтисодиётро баланд бардоштан, инчунин ба мустаҳкам намудани фондҳои ҷамъиятии тақсимнашаванда диққати ҷиддӣ медоданд. Чунки маҳз бо маблағҳои ҳамин фондҳо кори сохтмон дар хоҷагиҳо авҷ гирифта, ободонӣ ба вуҷуд меомад. Соли 1970 ноҳияиҚубодиён ба фондҳои тақсимнашаванда 8.293 ҳазор сўм пул ҷудо карда буд. Маблағҳои фондҳои тақсимнашаванда соли 1975 ба 13.882 ҳазор сўм ва соли 1976 ба 16.812 ҳазор сўм расонда шуд [246].

Коргарони комбинати хизмати маишии ноҳия дар соли 1982 мусобиқаи сотсиалистиро байни худ ривоҷу равнақ дода, муваффақияти калони меҳнатиро соҳиб гаштанд. Онҳо ба ҷойи 51 ҳазору 500 сўми нақша 51 ҳазору 700 сўм хизмати маиширо ба аҳолӣ ба ҷо оварданд, ки ин 100,7 фоизи иҷрои нақшаро нишон медиҳад. Натиҷаи ҳамин буд, ки онҳо дар ҳашт моҳи соли 1982 ба аҳолӣ ба маблағи 402,3 ҳазор сўм хизмати хуби маишӣрасониданд [263].

Дар миқёси ноҳия 120 нуқтаи савдо вуҷуд дошт, ки ба аҳолӣ аъло хизмат мерасониданд. Дар ҷамъбасти чормоҳаи гузаштаи соли сеюми

панҷсолаи ёздаҳум маълум гардид, ки коркунони савдои ҷамъияти матлубот ба харидорон ба маблағи 9 миллиону 195 ҳазор сӯм молҳои гуногун фурӯхтаанд, ки ин иҷрои нақшаи чормоҳаро 102 фоиз таъмин менамояд [250].

Сол то сол соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Қубодиён рӯ ба беҳбудӣ меовард. Ҳамасола аз ҳисоби хатмкунандагони донишкадаи тиббӣ сафи кормандони тиб дар ноҳия зиёд гардид. Соли 1985 дар беморхонаи маркази ноҳия 312 нафар табибон дар хизмати аҳолӣ буданд, ки аз онҳо 64 нафарашон духтурони дорои маълумоти олӣ ва 248 нафарашон дорои маълумоти миёнаи махсус буданд [236].

Дигаргунсозиҳою пешравиҳо дар соҳаи тандурустии ноҳияи Қубодиён соли 1986 ба назар мерасад. Дар ноҳия 448 нафар табибон барои саломатии аҳолӣ ройгон хизмат мерасониданд. Шароити беморхонаҳо назар ба солҳои пештара қадре беҳтар гардонида шуданд. Марказҳои саломатӣ, беморхонаи касалиҳои сирояткунанда дар маркази ноҳия ва корпуси нави диспансери касалиҳои сил дар ҳудуди колхози «50–солагии СССР» кушода шуд [217].

Кори нигоҳдории тандурустӣ дар ноҳия ҳам беҳбудӣ металабид. Агарчанде дар соли 1987 шумораи катҳо барои беморон зиёд шуда, ба дорую дармон 76 ҳазор сӯм маблағ сарф карда шуда бошад ҳам, кори табобати беморон ва бо хӯрокҳои гуногуни парҳезӣ таъмин кардани онҳо ба талабот ҷавоб намедоданд. Ҳар сол аз буҷети ноҳия барои гирифтани лавозимот 31 ҳазор сӯм гузаронида мешуд. Дар давоми соли 1987 2 нуқтаи тиббии амбулаторӣ ва маркази саломатӣ барои қабули 50 нафар одамон дар колхози «50-солагии СССР» кушода шуд. Сафи духтурони пуртаҷриба зиёд гадида, дар колхозҳои «Коммунизм» ва «50-солагии СССР» шуъбаҳои нави табобатӣ кушода шуд [215].

Ҳаёти маишии аҳолии ноҳияи Қубодиён рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар давоми солҳои 1986-1988 6684 метри квадратӣ хонаҳои истиқоматӣ, 5 нуқтаи хизматрасонии маишӣ, 9 нуқтаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, 1

маркази саломатӣ барои 50 ҷойи қабул ва 2 беморхона васеъ гардонда шуд [251].

Давоми солҳои 1986-1988 аз 17 миллиону 240 ҳазор сӯм маблағ барои сохтмони капиталӣ 15 миллиону 626 ҳазор сӯмаш аз худ карда шуд. Инчунин, дар деҳот бо қувваи хоҷагӣ 436 ҳазор метри квадратӣ манзилгоҳ ва иншоотҳои маданӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Соли 1987 комиссияи махсус вақти ҳисобу китоби қувваи қобили меҳнат аз 34600 нафар одам 305 нафарашон, ки дар истеҳсолот кор намекарданд, муайян намуд ва дар якҷоягӣ бо бюрои оид бо кор таъминкунӣ ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб карда шуданд. Инчунин, аз 1-уми январи соли 1988 567 нафар, ки дар ҳудуди ноҳия кор намекарданд, муайян карда шуд ва дар ин муддат аз ин шумора 391 кас бо кор таъмин карда шуданд. Аз ин миқдор 7 нафар барои кор кардан ба вилоятҳои ҶШС Россия равона карда шуданд [251].

Дар давраи сохтмони сотсиалистӣ марказҳои тиббӣ дар ноҳия зиёд гардида, ёрии тиббии касбӣ ва бепул ба аҳолӣ ба роҳ монда шуд. Агар соли 1965 дар ноҳия ҳамагӣ 4 табобатгоҳ бошад, пас соли 1990 шумораи онҳо ба 7 адад расида, илова бар он, 3 маркази саломатӣ, 4 амбулатория як профилактория, 38 пункти тиббӣ ва 9 дорухона амал мекарданд. Барои муоличаи фаврӣ амбулаторияҳо фаъолият доштанд, ғайр аз он марказҳои машваратӣ ба аҳолӣ хизмат мерасониданд [57, с. 54].

Хизмати табобативу пешгирикунии касалиҳои модару кӯдак дар ноҳия васеъ паҳн гашта, соли 1990 дар ноҳия 200 ҷои акушерӣ–гинекологӣ дар таваллудхонаҳо мавҷуд буд. Инчунин се маркази маслиҳатӣ барои занҳо, маркази саломатии кӯдакона ва 27 боғча-яслӣ барои 2600 кӯдак амал мекарданд. Шумораи зиёди муассисаҳои тиббӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин шуда буд. Дар ноҳия омӯзишгоҳи тиббӣ амал мекард, ки ба тайёр намудани мутахассисони тиббӣ машғул буд [57, с. 54].

Ҳамин тавр, дар давраи сохтмони сотсиалистӣ ҳаёти маишии аҳолии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 50-80-уми асри XX рӯ ба беҳбудӣ оварда,

марказҳои тиббӣ зиёд гардида, ёрии тиббии касбӣ ва бепул ба аҳолӣ ба роҳ монда шуд. Симои ноҳия низ ба куллӣ тағйир ёфт.

Рушди фарҳанги ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 50-80-уми асри XX зина ба зина инкишоф ёфта, ба нуқтаи баландтарини тараққиёти худ расида буд. Маҳз дар ҳамин давр, дастовардҳои олимони соҳаҳои илму фарҳанг, арбобони адабиёту санъат шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд. Марказҳои илму фарҳанг рӯ ба зиёдшавӣ доштанд. Кормандони ин соҳаҳо зиёд мегардиданд. Аммо ҳамаи ин пешравиҳо дар зери идеологияи коммунистӣ мегузашт. Оҳиста – оҳиста тамоми корҳои эҷодии олимон, нависандагон ва шоирон дар зери ин иделогия офарида мешуд.

Солҳои баъди ҷангӣ Ҳукумати Шуравӣ ба масъалаи инкишофи маорифи халқ дар ҶШС Тоҷикистон диққати ҷиддӣ медод. Бинобар ин, дар ҳамаи зинаҳои ҳукуматӣ, масъалаи мактаб ҳама вақт дар мадди назари онҳо буд. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, боз дар баъзе мактабҳои ноҳияҳои ҷумҳурӣ камбудиҳои зиёд ҷой доштанд.

Соли хониши 1951-1952 дар мактабҳои ноҳияи Қубодиён норасоиҳои зиёд ба назар мерасид. Масалан, дар мактабҳои ибтидоии ба номи Жданов ва ба номи Охунбобоев журнали синф ва дар баъзе мактабҳои ҳафтсола низ китобҳои географияи ИҶШС ва алгебра барои смактабҳои ҳафтсола намерасиданд. Ҳукумати ноҳияи Қубодиён барои пурра ба мактабҳои деҳот кашондани китобҳои дарсӣ назорати ҷиддӣ намебурд [218].

Дар соли хониши 1955-1956 дар мактаби №2 деҳаи Чирики ноҳияи Қубодиён шумораи умумии хонандагони синфҳои аз 1 то 4 225 нафар, аз 5 то 7100 нафар ва аз 8 то 10 79 нафар, дар маҷмуъ 404 нафар хонанда таҳсил мекард [15, в. 106].

Сол то сол соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ ва ноҳияи Қубодиён тараққӣ мекард. Шумораи мактабҳои миёна ва миқдори хонандагони онҳо меафзуд. Дар соли хониши 1954 мактабҳои миёнаи ҷумҳуриро бештар аз чор ҳазор нафар, ки 90 нафари онҳоро медалистон ташкил мекарданд, хатм намуданд. Соли 1955 бошад, зиёда аз шаш ҳазор нафар хонанда мактабҳои миёнаро ба итмом расониданд. Миқдори мактабҳои миёнае, ки

хатмкунандагони онҳо ба донишкадаҳо бо роҳи озмун имтиҳон супорида дохил мешуданд, сол то сол меафзуд. Аммо натиҷаи озмуни дар соли таҳсили 1953-1954 гузаронидашуда нишон дод, ки бештар аз 30-50 % хатмкунандагони мактабҳои миёна, ки ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд, бо тариқи озмун имтиҳон супорида натавонистанд. Онҳо аз фанҳои гуногун дар сатҳи мактаби миёна дониш надоштанд. Баъзе аз хатмкунандагони мактабҳои миёнаи ноҳияҳои Куйбишев (феълан Абдураҳмони Ҷомӣ), Орҷоникидзеобод (феълан шаҳри Ваҳдат), Қӯрғонтеппа (феълан шаҳри Бохтар), Ғарм (феълан Рашт), Кӯлоб, Ҳисор, Қубодиён, Шаҳристон, Айнӣ, Ашт ба саволҳои фанҳои забони модарӣ, русӣ, математика, физика, химия, биология ва география ба таври бояду шояд ҷавоб дода натавонистанд ва баҳои ғайриқаноатбахш гирифтанд. Натиҷаи ҳамаи ин камбудиҳо дур мондан аз назорати шуъбаҳои маорифи ин ноҳияҳо ба ҳисоб меравад [209].

Ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба саросар маълумотнок намудани аҳолии меҳнаткаш диққати аввалиндараҷа медиҳад. Анҷумани XIX Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ вазифа гузошт, ки барои дар панҷсолаи оянда аз таълими умумии ҳафтсола ба таълими умумии даҳсола гузаштан шароит тайёр карда шавад. Аммо дар амалӣнамудани ин кор аз тарафи Вазорати маорифи халқ хеле камбудӣ ва норасоиҳо дида мешавад. Яке аз ин норасогӣ ба таълими умумии маҷбурӣ фаро гирифта нашудани бачагони синни мактабӣ буд. Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Комитети Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон дар қарори худ аз 25-уми феврали соли 1955, № 66 «Дар бораи камбудиҳои ҷиддии иҷро намудани таълими умумии ҳафтсола дар ҷумҳурӣ ва чораҳои барҳам додани онҳо»-ро равшан нишон дод [168].

Маврид ба зикр аст, ки дар бобати ба мактаб ҷалб намудани духтарони маҳаллӣ ва беҳтар кардани кори тарбиявии байни онҳо низ камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуд буд. Ибтидои соли таҳсили 1954-1955 дар мактабҳои вилояти Ленинобод (феълан вилояти Суғд), Кӯлоб, ноҳияҳои Қубодиён, Фархор шумораи зиёди духтарон аз мактаб берун монда буданд.

Бисёр духтарон баъд аз давраи таътилҳои зимистонӣ, баҳорӣ ва тобистонӣ ба мактаб намеомаданд. Масалан, пас аз таътили тобистонаи соли 1954 аз мактабҳои Регар (феълан шаҳри Турсунзода) ба мактаб барнагаштанд. Аз ноҳияи Ҳисор (феълан шаҳри Ҳисор) 612 нафар ва аз Қубодиён бошад, 317 нафар духтарон аз мактаб дур монданд [168].

Яке аз сабабҳои паст будани дараҷаи азхудкунии дониши хонандагон ба дарсҳо мунтазам наомадани қисме аз онҳо буд. Тафтиши Вазорати маориф нишон дод, ки дар як қисми мактабҳо, хусусан дар мактабҳои деҳот, давомоти хонандагон тамоман ғайриқаноатбахш мебошад. Баъзе директорон ба ҷой он ки барои таъмин намудани давомоти хонандагон чораҳои қатъӣ дида, диққати падару модаронро ба ин масъала ҷалб намоянд, бомақсади рӯйпӯшкунии камбудиҳои худ дар журналҳои синфҳо хонандагони ба дарсҳо ҳозирнашударо ҳамчун омадагӣ бардурӯғ қайд мекунанд. Ингуна ҳолат дар ноҳияҳои Сталинобод, Кӯктош, Қубодиён ва дигар ноҳияҳо ҷой дошт. Шуъбаҳои маориф ва кумитаҳои падару модарони ин ноҳияҳо мебоист ингуна камбудиҳоро саривақт ошкор намуда, бартараф мекарданд [210, с. 7].

Барои бомуваффақият пешвоз гирифтани соли таҳсили 1954-1955 қисми зиёди мактабҳои ноҳия тайёриро вусъат доданд. Бино ва асбобу анҷоми мактабҳои ҳафтсолаи ба номи Гогол, ибтидоии ба номи Жданов ва ба номи Ворошилов пурра аз таъмир бароварда шуданд. Директорони ин мактабҳо Муртазоев, Эшмонов ва Собиров бо вакилони Шурои деҳот ва фаъолони колхозӣ алоқаи мустаҳкам доштанд. Дар назди мактаби миёнаи маркази ноҳия хобгоҳи нави омӯзгорон сохта шуда буд [347].

Дар ҷумҳурӣ барои сохтмони биноҳои нави мактаб ва таъмири онҳо маблағҳои зиёде ҷудо мешуд. Соли 1956 дар шаҳрҳои Сталинобод (феълан шаҳри Душанбе), Ленинобод (феълан шаҳри Хуҷанд) ва дигар шаҳру ноҳияҳо аз буҷети давлат 16 миллион сӯм ҷудо шуда, як қатор биноҳои нави мактаб сохта ба истифода дода шуданд. Бояд қайд кард, ки базаи моддии колхозҳои ноҳияи Қубодиён мустаҳкам шуда, иштироки онҳо дар сохтмони биноҳои мактаб хеле вусъат ёфта буд [172].

Шуъбаи маорифи халқҳамаҷониба барои баланд бардоштани савияи дониши омӯзгорон талош мекард. Сол то сол шумораи омӯзгорони ғоибхон на танҳо дар омӯзишгоҳҳои муаллимтайёркунӣ балки дар дигар донишкадаҳо низ меафзуд. Танҳо дар соли 1950 аз ноҳияҳои Шаҳритусу Қубодиён ба шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ) 46 нафар, омӯзишгоҳиомӯзгорӣ 67 нафардохилгардиданд [92, с. 9].

Дар мактабҳои ҷумҳурӣ шумораи омӯзгорони баландихтисос аз ҳисоби хатмкунандагони омӯзишгоҳҳо ва донишгоҳу донишкадаҳо сол то сол зиёд мешуд. Дар соли хониши 1955-1956-1758 нафар мутахассисон донишгоҳҳои олии ҷумҳуриро хатм намуда ба кор фиристода шуданд. Омӯзгорони ҷавонро шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Исфара, Қӯрғонтеппа, Шаҳринав, Қубодиён хуб қабул намуда, ба онҳо хонаҳои истиқоматӣ ва шароити хуби зиндагиро таъмин намуда буданд [211, с. 12-13].

Таълими умумӣ вазифаи муҳимми давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин масъалаи муҳим доимо диққати ҷиддӣ дода, бисёр мактабҳо, шуъбаҳои маориф барои ба мактаб ҷалб намудани ҳамаи кӯдакони синни мактабӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонидаанд. Дар соли таҳсили 1957-1958 мактабҳои ҷумҳурӣ дари худро барои ҳазорҳо кӯдакон боз намуданд. Бисёр аз коллективҳо ҳамаи кӯдаконро ба таҳсил фаро гирифта натавонистанд. Дар мактабҳои ноҳияҳои Сталинобод 86, 9%, Орҷоникидзеобод 85%, Данғара 82, 5%, Қубодиён 87, 3% кӯдакони синни мактабӣ ба таҳсил ҷалб карда шудаанду халос [325]. Чуноне маълум аст, бисёр директорони мактабҳо дар бораи иҷроиши нақшаи таълими умумӣ маълумотҳои бардурӯғ дода, чораҳои қатъӣ намеандешидаанд.

Кори методӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ хеле мукаммал гардида, шаклҳои нави он такмил ёфтанд. Шаклҳои кори методӣ ба баланд бардоштани ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони мактабҳо ёрии калон мерасониданд. Дар аксарияти мактабҳои ҷумҳурӣ коллективҳои начандон калони педагогӣ

кор мекунанд. Аз сабаби кам будани омӯзгорон дар мактабҳо ташкили иттиҳодияҳои методии мактабӣ душвор буд. Аз ин рӯ, дар шароити ҷумҳурӣ иттиҳодияҳои методии байнимактабии омӯзгорон ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, дар ноҳияҳои Қӯрғонтеппа-8, Регар-4 ва Қубодиён-5 иттиҳодияи байнимактабии омӯзгорон амал мекарданд [157, с. 3].

Дар сохтори умумии кори методӣ мактабҳои такягоҳӣ ва дорои таҷрибаи пешқадами педагогӣ мавқеи калонро ишғол мекарданд. Соли 1970 дар ҷумҳурӣ 74 мактаби такягоҳ ва 228 мактаби таҷрибаи пешқадами педагогӣ кор мекард [157, с.5].

Дар кори гузаштан ба таълими миёнаи умумӣ аҳаммияти базаи моддии таълимӣ хеле калон аст. Дар зарфи панҷсолаи ҳаштум барои 133 ҳазору 783 нафар хонандагон биноҳои нави мактаб сохта шуданд, ки аз он 82415 ҷой аз ҳисоби давлат ва 58368 ҷой аз ҳисоби маблағи колхозҳо буданд. Дар сохтмони биноҳои мактаб колхозҳои ноҳияҳои Москва, Ленин, Қубодиён ёрии калон расониданд [345, с. 5].

Соли 1970 ҳамчун соли асосан гузаштан ба таълими умумии ҳатмии миёна ба шумор меравад. Агар соли хониши 1969-1970 дар ҷумҳурӣ 871 мактаби миёнаи маълумоти умумӣ бошад, пас дар соли таҳсили 1970-1971 шумораи онҳо ба 902 адад расид. Дар ноҳияҳои Қубодиён, Ёвон, Хуҷанд, Ғарм дуададӣ, дар шаҳрҳои Душанбе ва Қӯрғонтеппа сеададӣ мактабҳои нав сохта ба истифода дода шуда буд [286, с. 4].

Ҷамъбасти соли таҳсили 1971-1972 нишон дод, ки шуъбаҳои маорифи халқ ва коллективҳои педагогии мактабҳои ҷумҳурӣ ва аҳли ҷамъият дар бобати гузаштан ба таълими миёнаи умумӣ ба як қатор муваффақиятҳо ноил гаштанд. Соли таҳсили 1971-1972 95,6% хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ аз синф ба синфи дигар гузаштанд. Шумораи хатмкунандагони синфҳои ҳаштум ҳам хеле афзуд. Вале дар бобати ба таҳсил пурра фаро гирифтан ва то охири соли таҳсил нигоҳ доштани шумораи умумии хонандагон ҳанӯз баъзе камбудиҳо мушоҳида мешуд. Масалан, аз тарафи шуъбаҳои маорифи халқи ноҳияҳои Вахш, Восеъ,

Колхозобод (феълан Ҷалолиддини Балхӣ) ва Шаҳритус барои иҷрои қонуни таълими умумии ҳаштсола беаҳаммиятӣ зоҳир мешуд [288, с. 6].

Вазири маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон Р.Д. Дадабоев қайд намуд, ки «солҳои охир дар бобати таъмини мактабҳои ҷумҳурӣ бо ашёҳои аёнию воситаҳои техникии таълим корҳои зиёде ба иҷро расонида шуданд. Танҳо дар зарфи панҷсолаи нуҳуми соли 1976 муассисаҳои маорифи халқ 1195 киноаппарат, 1280 магнитафон, 7310 телевизору 471 радиоузел гирифтанд. Бисёреаз мактабҳои деҳот аз таълимгоҳҳои шаҳр фарқе надоранд. Ҳамаи онҳо барои хеле беҳтар ташкил намудани корҳои таълим ва тарбия имкониятҳои калон фароҳам оварданд. Ин воситаҳо, махсусан, ҳангоми гузаштан ба системаи кабинетӣ дуруст ва бамавқеъ истифода бурда мешаванд. Дар ин бобат таҷрибаи кори коллективҳои омӯзгории мактабҳои ноҳияҳои Ҳисор (феълан шаҳри Ҳисор), Ленин (феълан Рӯдакӣ), Шаҳритус ва гайра сазовори таъриф аст» [213, с. 20].

Дар соли хониши 1979-1980 дар шуъбаи маорифи халқи ноҳияиҚубодиён барои беҳтар намудани шароити таълиму тарбия чорабиниҳои зарурӣ андешида шуданд. Дар ноҳия 44 мактаб вуҷуд дошт мавҷуд буд, ки аз он ҷумла 24 мактаби миёна, 15 мактаби 8-сола, 5 мактаби ибтидоӣ буд. Дар маҷмуъ, дар ҳамаи мактабҳои ноҳия 20334 нафар хонандагон ба таълим фаро гирифта шуданд. Ба онҳо 1014 нафар омӯзгорон, ки 70 фоизи онҳо дорои маълумоти олии педагогӣ буданд, дар баланд бардоштани савияи дониши мактаббачагон муттасил кор мебурданд. Соли 1979 84 нафар хатмкунандагони мактабҳои миёна ба донишкадаҳои олӣ, техникумҳо ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ дохил гаштанд [335].

Дар соли хониши 1980-1981 дар миқиёси ноҳия 23 мактаби миёна 16 мактаби 8-сола ва 5 мактаби ибтидоӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо 20359 нафар фарзандони меҳнаткашони ноҳия таълиму тарбия мегирифтанд. Соли 1980 хонандагони мактабҳои № 28, 36, 45 колхозҳои «50-солагии СССР» дар биноҳои нав дарс мехонданд. Илова бар ин, якчанд синфхонаҳои иловагӣ дар назди мактаби миёнаи № 2, 19, 14, 28, 5 ва 43 сохта, ба истифода дода

шуданд, дар ҳашт мактабҳои миёнаи ноҳия кабинетҳои хоҷагии қишлоқ ва механизатсия дар, 38 мактаб устохона оид ба коркарди чуб ва метал вуҷуд дошт. Соли 1980 11 мактаби миёна ба системаи хониши кабинетӣ гузаштанд, ки ин нисбат ба соли 1979 зиёд буд [336].

Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳолати истироҳати тобистонаи бачагон сол аз сол беҳтар мегардид. Инро мо аз натиҷаи ҷамъбасти корҳои ташкилу гузаронидани истироҳати мактаббачагон дар таътили соли 1983 ба хубӣ дида метавонем. Дар иҷро намудани ин кор бисёр шуъбаҳои маорифи вилояти Қӯргонтеппа, аз ҷумла ноҳияҳои Қубодиён, Колхозобод, Вахш, шаҳри Қӯргонтеппа натиҷаҳои мусбат ба даст овarданд [274, с. 14-15].

Дар соли таҳсили 1983-1984 коркунони маорифи халқи ноҳияи Қубодиён дар таълиму тарбия, баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ корҳои ҷолиби диққатро ба субут расониданд. Соли хониши 1984 зиёда аз 22000 нафар фарзандони меҳнаткашон ба хониш фаро гирифта шуда буд. Ба рӯйи онҳо 30 мактаби миёна, 10 мактаби ҳаштсола ва 4 мактаби ибтидоӣ дари худро боз намуданд. Ба онҳо 1200 нафар омӯзгорон сафарбар карда шуданд, ки аз онҳо 70 фоизашон дорои маълумоти олӣ буданд [289].

Соли хониши 1984-1985 маорифи халқи ноҳия барои соли таҳсили 1985 тайёрии ҳаматарафа дидаанд. Ҳамаи 44 мактаби ноҳия аз таъмири хушсифат бароварда шуда, ба қабули хонандагон омода гардиданд. Касби омӯзгориро тарк намудани омӯзгорон низ мушоҳида мешуд [289].

Соли 1985 дар ноҳия 1149 нафар омӯзгорон кор мекарданд. Қисми зиёди онҳо дорои маълумоти олӣ буданд. 144 нафар омӯзгорон ба Институти такмили ихтисоси омӯзгорони вилоят, 12 нафар дар Иститути такмили ихтисоси марказӣ ва дигар марказҳои такмили ихтисос равон карда шуда буданд, ки савияи дониши худро баланд бардоранд [187].

Дар соли хониши 1986 ба истифода додани бинои 4 мактаби маълумоти умумӣ ва сар кардани сохтмони 4 мактаби нав ба амал омада, чораҳои қатъӣ оид ба иҷрои талаботи ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ роҳандони шуд [305]. Ба фарзандони меҳнаткашони ноҳия 1149

нафар омӯзгорони соҳибихтисос таълим медоданд. 30 мактаби маълумоти умумӣ, 10 мактаби 8–сола ва 4 мактаби ибтидоӣ фаъолият менамуданд. Танҳо дар давоми панҷсолаи гузашта 3 бинои замонавии мактаб бо ҳамаи таҷҳизотҳо барои 1440 нафар хонанда сохта ба истифода дода шуд [217].

Соли хониши 1988 дар маркази ноҳияи Қубодиён колхозҳои «Пахтакор» ва ба номи Карл Маркс сохтмони 3 мактаби миёна идома дошт. Умуман, дар ҳудуди ноҳия 44 мактаби маълумоти умумӣ, 2 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ ва як комбинати таълимии истеҳсолӣ мавҷуд буд. Зиёда аз 1361 нафар омӯзгорону мураббиҳо ба кори таълиму тарбияи 24 ҳазор нафар хонандагони мактабҳои маълумоти умумӣ машғул буданд. Дар асоси талаботи ислоҳоти мактаб аз 44 мактаб дар 27 мактаб таълими шашсолаҳо ба роҳ монда шуда буд [216].

Дар ҷодаи беҳтар шудани таълиму тарбияи насли наврас ибтидои он мақоми хосса дорад. Дар соли 1988 дар ноҳия 18 муассисаи томактабии доимоамалкунанда фаъолият дошт, ки дар онҳо 1155 нафар кӯдаконро ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Аз шумораи умумии кӯдакони синни томактабӣ танҳо 23 фоизашон ба боғча фаро гирифта мешуданд. Яке аз сабабҳои асосии он ғайриқаноатбахш будани сохтмони боғчаҳо арзёбӣ мегардид [216].

Дар ноҳия соли 1989 сохтмони тулкашидаи мактаби миёна барои 1176 хонанда дар колхози «Пахтакор» анҷом ёфт. Соли 1990 сохтмони се бинои мактаб идома дошт. Ба нақша гирифта шуда буд, ки то охири панҷсолаи сенздаҳум ҳамагӣ барои 6145 хонанда мактабҳо сохта мешаванд. Вале ин мушкилиҳои мавҷударо ҳал карда наметавонанд. Барои таълимимеъёрии хонандагон зарур буд, ки боз барои 12 ҳазор хонанда мактабҳо сохта шаванд. Чунин ҳолати базаи моддии мактабҳо ба сифати таълиму тарбия ҳам таъсири манфӣ мерасонид [221, с. 1].

Дар замони Шуравӣ ба корҳои ташвиқотӣ диққати ҷиддӣ медоданд. Бинобар ҳамин, муассисаҳои маданимаърифатӣ, ба монанди клубҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ ва ғайраҳо сол аз сол зиёд мегардид.Аммо дар баробари ин, дар кори афзун гардондани

шумораи клубу китобхонаҳо камбудиҳои ҷиддӣ мавҷуд буданд. Соли 1956 дар ҷумҳурӣ сохтмони 8 китобхона ва 38 клуб идома меёфт. Нақшаи хоҷагии халқ оид ба васеъ намудани муассисаҳои маданӣравшаннамоӣ, хусусан дар ноҳияҳои Данғара, Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ), Комсомолобод (феълан Нуробод), Кӯлоб, Қубодиён ва як қатор ноҳияҳои дигар иҷро намуд. Масалан, дар ноҳияи Данғара соли 1955 2 китобхонаи қишлоқӣ ва 3 клуб кушода нашуд, дар ноҳияи Қубодиён бошад, як китобхонаи бачагона, як китобхонаи қишлоқ ва 7 клуб сохта нашуданд [174].

Фаъолияти ҳаваскорони санъат рӯз то рӯз вусъат меёфт. Шумораи коллективҳои ҳаваскорони санъат дар ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Қумсангир (феълан Ҷайҳун) хеле афзуд. Дар клубҳои деҳот, колхозӣ ва хонаҳои фарҳанги ин ноҳияҳо соли 1966 зиёда аз 60 коллективи ҳаваскорони бадеӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо бештар аз 1000 кас иштирок мекарданд [108, с. 19].

Дастаи ҳаваскорони колхози «Пахтакор»-и ноҳияи Қубодиён муддати даҳ сол (1968-1978) инҷониб ба сокинони колхоз ва ноҳия хизмат мекарданд. Дар колхоз ягон ҷашну тантана ва тӯю хурсандие набуд, ки бе иштироки аъзоёни дастаи ҳаваскорон гузарад. ҳаваскорони санъат пеш аз оғози ҳар як консерт дар байни деҳқонон лексияву суҳбатҳо мегузарониданд [261].

Дар ноҳияи Қубодиён барои ривоҷу равнақ додани истеъдодҳои халқӣ аҳаммияти ҷиддӣ медоданд. Соли 1979 дар ҷамоати деҳоти ба номи Саидназар Худойқулов хонаи маданият таъсис дода шуд. Дар соли 1980 дар ин маскани маданият 9 маҳфили гуногун амал менамуд. Дар он 35 нафар ҷавонписарону ҷавондухтарони аҳли меҳнат иштирок мекарданд [239].

Китобхонаи маркази ноҳияи Қубодиён ба аҳолӣ хизмат менамуд. Дар натиҷаи се соли фаъолияти меҳнатӣ дар китобхона фонди китобҳо аз 53220 ба 58242 нусха расонда шуд. Шумораи китобхонҳо қариб 800 нафар зиёд шуда, ба 3614 нафар расид. Мубодилоти нашриёт аз 37,8 ба 40 фоиз расид.

Албатта, ҳамаи ин муваффақиятҳо натиҷаи хизмати баланди кормандони китобхона буд [248].

Барои истироҳату хушҳол гардидани меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён санъаткорони театри давлатии мусиқии мазҳакавии вилояти Қӯрғонтеппа (феълан вилояти Хатлон) дар соли 1986 меҳмони меҳнаткашони колхозу совхозҳои «Ҳаваскор», «Тоҷикистон», «50–солагии СССР» ва қитъаҳои Қизил иттифоқ, Ҷаркӯрғон шуданд. Онҳо суруду рақс, порчаҳои шеърӣ ва саҳначаҳои якпардагиро ба тамошобинон пешниҳод мекарданд. Ҳунарнамоии санъаткорон Муҳаммадӣ Шарифов, Момогул Шоҳискандарова, Бобомурод Хушвахтов ва Талабшоҳ Қӯқанов ба тамошобинони ноҳия хеле хуш омад [338].

18-уми октябри соли 1988 дар маркази ноҳияи Қубодиён осорхонаи таъриху кишваршиносӣ таъсис дода шуд, ки 1926 адад нигораҳоро дар бар мегирифт. Осорхона аз 4 ҳуҷра иборат буда, дар он аз бахшҳои зерин:

1. Бостоншиносӣ–бозёфтҳои ёдгориҳои таърихии “Тахти сангин”;
2. Таърих ва ҳунар– бозёфтҳои ҳунарҳои мардумии ноҳия;
3. Ганҷинаи Ҳаким Носири Хусрав;
4. Мардумшиносӣ мавҷуд буданд [52, с. 60].

То ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Қубодиён 22 китобхонаамалмекард, ки 4 – тои он дар маркази ноҳияҷойгирбуд. Инкитобхонаҳодармаҷмуъ, 114474 ададкитобдоштанд.

Ҳамин тавр, дар замони Шуравӣ ба корҳои ташвиқотӣ диққати ҷиддӣ медоданд. Бинобар ҳамин, муассисаҳои фарҳангӣ-равшаннамоӣ, ба монанди клубҳо, китобхонаҳо, осорхонаҳо, нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ ва ғайраҳо сол аз сол зиёд мегардиданд. Деҳае набуд, ки он клуб, китобхона ва нуқтаҳои кинонамоишдиҳӣ надошта бошад.

# БОБИ IV. НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН ДАР СОЛҲОИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

## 4.1. Дигаргуниҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия дар шароити душвори ҳарбӣ – сиёсии охири асри XX – ибтидои асри XXI

Дар ибтидои солхои 80-уми асри XX бухрони сохтори низоми коммунистӣ ба авҷи аълои худ расида, дар нимаи дуввуми солҳои 80-ум фурӯпошии амалии он сурат гирифт, ки дар навбати хеш, сабабгори тағйироти амиқ дар сарнавишти таърихии халқҳои шомили Иттиҳоди Шуравӣ ва низоми равобити байналмилалӣ гардид[84, с.151].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳо оиди мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ охирҳои солҳои 80-уми асри XX, яъне дар замони бозсозии горбачёвӣ, ба вуҷуд омад. Дар саҳифаҳои баъзе рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ мақолаҳои тезутунд барои мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ба чоп расиданд. 24-25-уми ноябри соли 1988 дар шаҳри Душанбе конференсияи маданияти сухани тоҷикӣ, ки Институти забону адабиёти ба номи Рӯдакии АИ ҶШС Тоҷикистон баргузор кард, ба Шурои Олии ҷумҳурӣ муроҷиат намуд, ки ба забони тоҷикӣ дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон мақоми давлатӣ диҳад. Аҳли ҷамъият ин таклифро ҳамаҷониба дастгирӣ намуданд ва моҳи январи соли 1989 Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон барои омӯхтани ин масъала комиссия таъсис дод [146, с. 95-96].

21-уми феврали соли 1989 дар шаҳри Душанбе, назди бинои ҳукумат якумин намоиши ҷавонони тоҷик баргузор гардид. Ҷавонон нахустин бор ба майдон баромада, аз ҳукуматдорон талаб намуданд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад [146, с. 31]. Ниҳоят, 22-юми июли соли 1989 дар Иҷлосияи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонуни забон» қабул карда шуд, ки мувофиқи он дар ҷумҳурӣ ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Бо ҳамин забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт [84, с. 163].

Дар чунин вазъи мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ ва равонӣ рӯзҳои 5-6-уми феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе ва атрофи он овозаҳо дар бораи ба Душанбе омадани гурӯҳҳои муҳоҷирони арманӣ паҳн гардид. Зимни пахши ин овозаҳо таъкид мегардид, ки ба гурезагони арманӣ, ки теъдодашон хеле зиёд буд, бидуни навбат хона медиҳанд. Ҳамон вақт қисми зиёди оилаҳои серфарзанди шаҳр дар рӯйхати навбати хона истода буданд. Ниҳоят, овозаи бардурӯғ оиди гурезаҳои арманӣ 11 феврали соли 1990 садҳо ҷавонон дар майдони назди бинои КМ ҲК Тоҷикистон ҷамъ омаданд ва маълумоти аниқро дар мавриди муҳоҷирони арманӣ талаб намуданд. Ба назди онҳо Қаҳҳор Маҳкамов баромад ва изҳор дошт, ки овозаҳо асос надоранд. Вале баъзе ҷавонон иддао карданд, ки онҳо ба чашми худ гурезагони арманиро диданд, ки ба онҳо бенавбат хона додаанд. Қаҳҳор Маҳкамов ин фактҳоро рад кард [84, с. 205].

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти худро расман эълон намуд. Ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон оғоз ёфта, хатари аз даст рафтани истиқлолиятро ба миён овард. Майдони муборизаҳои пуршиддати ҷанги шаҳрвандӣ Хатлонзамин буд ва ноҳияи Қубодиён, ки як ҷузъи ин сарзамин ба ҳисоб меравад, ба майдони бозиҳои сиёсии ҷанги шаҳрвандӣ мубаддал меёфт.

Ҷанги шаҳрвандӣ баъди шаҳри Душанбе бисёр ноҳияҳои водии Ҳисор ва Вахшро фаро гирифт. Дар ин ноҳияҳо ҳам аввалин қурбониҳо, маҷруҳон ва гурезаҳо ба амал омаданд [139, с. 465]. Илова бар ин, вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии аҳолӣ хеле мураккаб гардид. Раиси ҷамъияти матлуботи ноҳия Н. Қурбонов оид ба ин масъала қайд менамояд, ки «нонвойхонаи ноҳия аз моҳҳои марту апрели соли 1992, комбинати орди ноҳияи Колхозобод (феълан ноҳияи Ҷ. Балхӣ), кор накарда, саривақт маводи хӯрокворӣ дастрас карда намешуд. Танҳо моҳи апрел фақат 45 тонна орд гирифта ва баъдтар 580 тонна ордро ба аҳолӣ тақсим карда тавонистем. Аз ин аллакай 235 тоннаашро гирифта, ба 30 мағозаи муқарраршуда ба сари ҳар кас 10

килоӣ тақсимот намудем. Ҳоло шабонарӯз кор карда 2-2,5 тонна нон пухта, пешкаши аҳолӣ карда истодаем» [235].

Бояд ёдовар шуд, ки ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба иқтисодиёти ноҳия, балки ба соҳаи маорифу фарҳанг низ зарари худро расонид. Дар ин давра биноҳои мактабҳои №20,36,37,38,40,41,32,51 вайрон гардида буданд. Тавассути ёрии пурраи СММ ва роҳбарону омӯзгорони мактабҳои дар боло ишорашуда, пурра набошад ҳам, ба қадри имкон таъмир карда шуда, ба фаъолият шурӯъ намуданд [29, в. 191].

Дар охири соли 1992 ва ибтидои соли 1993 шароити зисти ҳазорҳо нафар фирориёни навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қарор доштанд, тоқатфарсо буд. Дар воқеъ, он вақт масъалаи гурезаҳо аз мушкилтарин масоили рӯз буд. Ҳазорҳо нафар шаҳрвандони Хатлонзамин дар Ватани худ гуреза шуда буданд. Зеро шароити зисти аксарияти онҳо хеле вазнин буд. Маводи озуқа, сарулибос ва манзил намерасид. Аз ҳама бештар, вазъи гурезаҳои навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар паси симхорҳои сарҳад ҷой гирифта буданд, хеле мураккаб буд [75, с. 461-462].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо тариқи барномаи «Хоки Ватан», ки онро дар радиои «Тоҷикистон» 29-уми марти соли 1993, махсус барои гурезагони дар хоки Афғонистон қарордошта таъсис дода буданд, баромад намуда, ба ҳамватанони муҳоҷиргашта бо чунин суханҳо муроҷиат карданд: «Ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизоранд. Ба Ватан баргардед, ҳамватанони гиромӣ!» [137, с. 137] Баъди ин суханҳо дар дили ҳар як муҳоҷир ҳисси баланд нисбат ба Сардори давлат ва ҳукумати навтаъсис бедор шуда, азми ба Ватан баргаштан карданд. Ба идораи радиои Тоҷикистон аз номи гурезаҳо ба барномаи дӯстдошта ва мушкилкушояшон «Хоки Ватан», ки махсус барои онҳо ташкил шуда буд, номаҳои зиёде меомаданд. Аз номи сокинони ноҳияи

Қубодиён ба идораи радиои Тоҷикистон ва таҳиягарони барномаи «Хоки Ватан» номаҳои хеле пурдарду аламро навишта мефиристоданд, ки дар ин номаҳо яке модар ва дигаре фарзанди гумкардаашро меҷустудигаре бошад,аз аҳволи хешу дӯстонаш огоҳ мешуд. Дар яке аз номаҳо, ки дар он модари зор бо дили пурдарду алам писари гумкардаашро меҷуст ва дар номааш чунин нигоштааст: «Ман сокини ноҳияи Қубодиён, колхози «50 – солагии СССР»-и деҳаи Ҷарқӯрғон Гулистон Хабирова, аз шумо ровиёни баномаи «Хоки Ватан», хоҳиш ва илтимос дорам, ки ҷигарбанди гумгаштаам Назаров Ҳасанро ба воситаи барномаи мушкилкушо дарёфт намоед. Ман модари ҷигарсӯхта ҷигарбанд гум кардам. Ҷигарбанди маро 19-уми ноябри соли 1992 як гурӯҳ силоҳбадастон дастгир намудаанд. 3 сол инҷониб аз ӯ зиндаҷудоям» [136, с. 57]. Пас аз садо додани номаҳо қисми зиёди шунавандагон ҷигарбандони худро пайдо намуда, аз аҳволи хешу дӯстонашон огоҳ мешуданд.

Баъди муътадил гаштани вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ 8656 нафар гуреза ба воситаи сарҳади ноҳияи Ишкошим, 9450 нафар аз Панҷи поён, 2805 нафар аз тариқи Ҳайратон, Тирмиз, Шаҳритус ва 5922 нафар аз тариқи Ҳайратон, Тирмиз, Қубодиён ба Ватан баргашта омаданд. Ҷамъ, то 15-уми январи соли 1994 қариб 30 ҳазор ҳамватанони гурезаи мо ба сарзамини Тоҷикистон баргашта омаданд ва дар ҳамин давра 33127 нафари дигар дар Афғонистон монданд. 21 ҳазор гурезаи тоҷик дар лагерҳои Кампи Сахии вилояти Балх, Мазори Шариф ва дар майдони ҳавоии вилояти Қундуз ва Шерхонбандар зиндагӣ мекарданд [290, с. 2]. Аксарияти ин гурезагон дар ноҳияҳои Қумсангир, Панҷ, Бохтар, Вахш, Колхозобод, Шаҳритус, Қубодиён ва дигар ноҳияҳои вилояти Хатлон зиндагӣ мекарданд, зеро маҳз дар ҳамин ноҳияҳо аввалин алангаҳои ҷанги шаҳрвандӣ сар зада буд.

Бо ташаббуси Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Раёсати Комиссариати Олии вобаста ба кор бо гурезагони СММ ба гурезагони ноҳияҳои Шаҳритус 6302, Қубодиён 22320, Қумсангир (феълан Ҷайҳун) 176, Вахш 18071, Бохтар 16878, Колхозобод 4552, Ҷиликӯл 2940, Панҷ 1214, Ғозималик 284 дона

курпаҳои гарм тақсим карда доданд, ки ин дар зимистон каме бошад ҳам, онҳоро аз сармо нигоҳ медошт. Ба ғайри ин, ба ноҳияҳои номбурда хаймаҳо, собуни ҷомашӯӣ ва маводи хӯрока фиристода шуд. Дар моҳи декабри соли 1993 ба ноҳияҳои Колхозободу Ҷиликӯл, Вахшу Бохтар, Шаҳритус, Қубодиён ва Қумсангир ҷамъ 1350 печка барои гурезагон ҷудо карда шуд [290, с. 2].

Инчунин, соли 1994 539 нафар гурезагони ноҳияҳои Шаҳритусу Қубодиён аз Ҷумҳурии исломии Афғонистон ба Ватан баргаштанд. Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо онҳо вохӯрда, шароити зисту зиндагиашонро аз наздик дидан намуд ва кумакҳои аввалиндараҷа расонид. Онҳоро барои дубора обод намудани манзилҳои истиқоматӣ ва барпо намудани сулҳу ваҳдати миллӣ даъват намуд.

Ҳамин тавр, чунин пешрафту муваффақиятҳо натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзӣ, иродаи қавӣ ва хислати ватандӯстии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравcovered. Ин шахсият тавонист миллати парешоншударо сарҷамъ намуда, Тоҷикистонро аз вартаи нобудӣ раҳонад.

Дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешуд. Моҳи ноябри соли 1993 Шурои вазирони Тоҷикистон дар бораи сохтмони се комплекси бофандагӣ дар вилояти Хатлон якҷо бо корпоратсияи «Язекс»-и Туркия қарор қабул намуд. Яке аз ин корхонаи бофандагие, ки дорои шаш фабрика буд, дар ноҳияи Қубодиён сохта шуда буд. Дар он тақрибан 1200 нафар коргар меҳнат мекарданд.

Моҳи октябри соли 1996 дар ноҳияи Қубодиён аввалин корхонаи саноатӣ -заводи пахтатозакунии ба номи Носири Хусрав кушода шуд, ки ин аз ҳаёти осудаю пурбори ояндаи неки ноҳия шаҳодат медод. Ҳамчунин, ин корхона тавонист дар баландшудани сатҳи зиндагии мардуми ноҳия мусоидат намояд [255].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон соли 1998 дар ноҳияи Қубодиён истеҳсоли

маҳсулоти саноатии пахта дар корхонаҳои коркарди он 2635 тоннаро ташкил медод [48, с. 105].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2000-ум 151% ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ 20584,7 ҳазор сомониро ташкил медод [48, с. 94-102].

Дар соли 2002 ноҳияи Қубодиён дар соҳаи саноат комёбиҳои назаррас ба даст овард. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 4294,2 сомониро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли 2001 641,7 ҳазор сомонӣ зиёд буд. Аз он ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ 1522 ҳазор сомониро ташкил дода, 30 тонна равған истеҳсол карда шуда буд [202].

Соҳаи сохтмон низ баъди солҳои тулонӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Бо мақсади амалӣ шудани мурочиатномаи ҳукумати вилоят сохтмони сехи консервабарории совхози «Ҳаваскор», ки зиёда аз 10 сол инҷониб ба охир нарасида буд, оғоз ёфт [202].

Таҳқиқотҳо муайян намуданд, ки захираҳои табиӣ ва қувваи кории ноҳияи Қубодиён имконият медиҳад, ки дар оянда як қатор корхонаҳои саноатӣ, махсусан саноати сохтмонро ба роҳ мондан лозим. Ҳамчунин ноҳия бо Ҷумҳурии Узбекистон ва Афғонистон ҳамсарҳад буда, имконияти содироти маҳсулоти саноатиро доро мебошад.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2005-63391 ҳазор сомонӣ, дар соли 2006 67828 ҳазор сомониро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ назар ба соли 2005 дар соли 2006 хеле зиёд гардидааст [46, с. 87].

Натиҷаҳо нишон доданд, ки рушди соҳаи саноати ноҳияи Қубодиён назар ба солҳои 1991-1992 дар солҳои 2005-2006 хеле боло рафтааст.

Дар ноҳияи Қубодиён ҷиҳати рушди соҳаи саноат диққати махсус дода мешавад. Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ тамоюли афзоишро касб намуда, нисбат ба соли 2008 25,9% зиёд гардид [51, с. 39].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2010-99909 ҳазор сомонӣ, дар соли 2011 87963 ҳазор сомониро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2011хеле кам шудааст [46, с. 87].

Саноат яке аз соҳаҳои асосии пешбарандаи иқтисодиёт ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии мардум ва таъмини ҷойҳои нави кори ба шумор меравад.

Дар давраи ҳисоботии соли 2011 ба маблағи 86176,1 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли 2010 88 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 2120 тонна ё ин, ки нисбати соли 2010 64,7 фоиз, истеҳсоли равғани растанӣ 516 тонна ё ин ки нисбати соли 2010 100 фоиз, истеҳсоли орд 6847 тонна ё ин, ки нисбати соли 2010 100 фоизро дар бар гирифтааст. Нон ва маҳсулоти нонӣ 3171 тонна истеҳсол карда шуда, нисбати соли 2010 100 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти нимтайёри доругӣ 6,6 тоннаро ташкил дода буд [32].

Дар соли 2011 ҳаҷми гардиши савдои чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо бо нархҳои ҳақиқӣ ба маблағи 39879,8 ҳазор сомонӣ расид, ки нисбати соли 2010 4869,1 ҳазор сомонӣ кам буд [32].

Дар ин давра ба аҳолии ноҳия ба маблағи 2820,7 ҳазор сомонӣ хизматрасонии пулакӣ расонида шуда буд, ки нисбати соли 2010 787,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад [32].

Мувофиқи ҳисоботи раиси ноҳия, ба маблағи 64 млн 877 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки нисбати соли 2011 122,2 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 2283,5 тонна ё ин ки 119,3 фоиз, истеҳсоли равғани растанӣ 582 тонна ё ин ки 103,9 фоиз, истеҳсоли орд 7147 тонна ё ин ки 108,6 фоиз, нон ва маҳсулоти нони 2872 тонна ё ин ки 100,5 фоиз, истеҳсоли хишт 2766 дона ё ин, ки 103,2 фоиз, истеҳсоли гӯшт 1175 тонна ё ин ки 100,3 фоиз ва истеҳсоли кунҷора 3492 тонна ё ин ки 115 фоизро нисбати ҳамин давраи соли 2011 дар бар мегирад [33].

Дар ин давра Ҷамъияти Саҳҳомии Шакли пушидаи «Аввалин» ба миқдори 89,8 тонна маҳсулоти нимтайёри доругӣ аз решаи ширинбия коркард намуд, ки ин 3 млн 328 ҳазор сомониро ташкил медод[33].

Барои беҳтар намудани рушди соҳаи саноати ноҳия, нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ ва таъмин намудани чорабиниҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011-2015» корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки шумораи умумии лоиҳаҳои Барнома аз 158 адад иборат буда, арзиши умумии он 126 млн 429 ҳазор сомониро ташкил мекунад, аз он ҷумла блоки иқтисодӣ 53 адад, лоиҳа ба маблағи 27 млн 365 ҳазор сомонӣ ё ин ки 21,6 фоиз, блоки иҷтимоӣ 70 адад лоиҳа ба маблағи 21 млн 432 ҳазор сомонӣ ё ин ки 17 фоиз, блоки инфрасохтор 15 адад лоиҳа ба маблағи 70 млн 876 ҳазор сомонӣ ё ин ки 56 фоиз, экология ва ҳолатҳои фавқулодда 11 адад лоиҳа ба маблағи 6 млн сомонӣ ё ин ки 4,8 фоиз ва идоракунӣ 9 адад лоиҳа ба маблағи 749 ҳазор сомонӣ ё ин ки 0,6 фоизи арзиши умумии барномаро ташкил мекунад [30].

Инчунин, сарчашмаҳои маблағгузории барнома аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 6 млн 888 ҳазор сомонӣ, буҷетӣ вилоятӣ 1 млн 190 ҳазор сомонӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ 32 млн 311 ҳазор сомонӣ, сармояи хориҷӣ 10 млн 541 ҳазор сомонӣ, маблағҳои соҳибкорон, аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ 11 млн 169 ҳазор сомонӣ ва эҳтиёҷот ба маблағи 64 млн 421 ҳазор сомонӣ мебошад [30].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 7-уми октябри соли 2014 дар рафти сафари кории худ ба ноҳияи Қубодиён дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони ноҳия суханронӣ намуда ҷиҳати рушди соҳаи саноати ноҳия қайд намуданд: «Соҳаи саноати ноҳия аз ҷумлаи самтҳои таҳкимбахши иқтидори иқтисодӣ буда, ин соҳа дорои имкониятҳои васеъ барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мебошад. Дар ноҳия 9 корхонаи саноатӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият карда, соли 2013 дар онҳо ба маблағи умумии 70 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки дар қиёс ба соли 2012-ум 11 фоиз зиёд

мебошад. Вале дар ҳашт моҳи соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 35 миллион сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2013 кам мебошад. Аз ин лиҳоз, сохтору мақомоти дахлдор, пеш аз ҳама, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки ҷиҳати бартарафсозии камбудиву норасоиҳои мавҷуда ва рушди босуботи соҳаи саноатӣ ноҳия чораҳои мушаххас андешанд» [124, с. 14].

Соли 2014 дар ноҳия 66,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шуд, ки ин дар қиёс ба соли 2012 -4,6 фоиз ё ин ки 2,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад [52, с. 30].

Дар ноҳия имкониятҳои мувофиқҷиҳати ташкили истеҳсолот оид ба барориши сементи сохтмонӣ, оҳаксанг, сангреза ва мутобиқан ба роҳ мондани барориши маснуоти оҳану бетон, маводи сохтмонӣ мавҷуд мебошанд, ки барои ҳалли мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти манзил барои аҳолӣ нақши назаррас мебозад [52, с. 32].

Соли 2015 дар ноҳияи Қубодиён ба маблағи 21924,5 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои саноатӣ истеҳсол карда шуда буд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2014 1410,2 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 106,9 фоизро дар бар мегирад. Истеҳсоли нахи пахта 727,0 тонна ё ин ки 167,7 фоиз, истеҳсоли орд 2360,0 тонна ё ин ки 102,8 фоиз, нон ва маҳсулоти нонӣ 2760 тонна ё инки 100,2 фоиз ва истеҳсоли маҳсулоти маҳсулоти нимтайёри доруворӣ 18800 кг, ё ин ки 1,8 баробарро ташкил менамояд [31].

Барои беҳтар намудани рушди соҳаи саноати ноҳия, нақшаи амал оид ба таъсисёбии корхонаҳои саноатӣ ва таъмин намудани чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2011-2015 корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Бинобар ин, дар барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия бахши соҳибкории хурду миёна яке аз соҳаҳоиояндадори иқтисодиёти ноҳия ба шумор меравад [31].

Дар нимсолаи аввали соли 2016 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ 33 млн 451 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 бо нархҳои муқоисавӣ 102,8 фоизро ташкил дод [317].

Дар ин давраи соли 2016 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоягузорӣ бо нархҳои муқоисавӣ ба маблағи 6 млн 251 ҳазор сомонӣ сармояи асосӣ ҷалб карда шудааст, ки ин 149 фоиз, корҳои сохтмонии васлкорӣ 5 млн 456 ҳазор сомонӣ ё ин ки 149 фоиз, фондҳои асосӣ ба маблағи 5 млн 825 ҳазор сомонӣ ё ин ки 87 фоиз ба кор андохта шуда, хонаҳои истиқоматӣ 3 ҳазору 322 метри мураббаъ ё ин ки 103 фоизро нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 ташкил мекард [317].

4-уми августи соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо корҳои бунёдкорию созандагӣ ба ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон сафар карданд [297].

Дар намоишгоҳи маҳсулоти тайёри саноатӣ, яке аз корхонаҳое, ки имрӯз дар доираи барномаи давлатии рушди соҳибкорӣ дар ноҳияи Қубодиён фаъолият дорад, ин ҶДММ «Насими Раҳим» мебошад. Корхонаи мазкур дар намоишгоҳ 10 намуди консерва аз меваю сабзавотро ба намоиш гузошт [295].

Дар ноҳия истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ низ васеъ ба роҳ монда шудааст. ҶДММ «Ороиши диёр» аз ҷумлаи корхонаҳои истеҳсолие мебошад, ки аз семент ҳар гуна масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла тахтасангҳои ороишӣ тайёр мекунад. ҶСП «Аввалин» аз корхонаҳои бузургтарини ноҳияи Қубодиён ба шумор меравад, ки дар он ба воситаи коркарди решаи ширинбия доруҳои қиматбаҳои табобатӣ барои бемориҳои ҷигар ва кислотаи глисирринзн ҳосил менамоянд. Корхонаи мазкур ҳанӯз соли 2010-ум бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурӣ таъсис ёфта, дар он аз навъи гиёҳи ширинбия дору ва аз пасмондаи он маҳсулоти сӯзишвории брикет тавлид карда мешавад [295].

Дар раванди сафари худ Пешвои миллат ба ноҳияи Қубодиён қайд намудаанд, ки иҷрои супориши дар сафари қаблӣ доир ба таъмини рушди соҳаи саноати ноҳия додашуда то имрӯз як корхонаи хиштбарорӣ ва якчанд корхонаи коркарди маҳсулоти чорво ва қолинбофии дастӣ таъсис дода шудаанд, аммо ин барои ноҳияи сераҳолӣ нокифоя буда, наметавонад

масъалаҳои вобаста ба шуғли аҳолиро ҳаллу фасл намояд. Илова бар ин, фаъолияти самараноки коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ таъмин нагардида, соли 2016 ва шашмоҳаи якуми соли 2017 аз 21 корхонаҳои саноатӣ 10 корхона фаъолият накардааст. Вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи рушди маҳал, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ноҳияи Қубодиён, инчунин, дигар сохтору мақомоти дахлдор бояд ҷиҳати ислоҳи чунин вазъ, яъне ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ба кор даровардани иқтидорҳои нави саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, омода намудани мутахассисони соҳибкасб ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ чораҷӯӣ намоянд [295].

Корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар якҷоягӣ бо бахши хусусӣ дар 6 моҳи соли 2019 ба маблағи 3 миллиарду 619 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, ҳаҷми истеҳсолро нисбати соли 2018 381 миллион сомонӣ зиёд намуданд. Мутаассифона, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо имкониятҳои рушди соҳаи саноат ба пуррагӣ истифода намешаванд. Тибқи маълумотҳои расмӣ, шаҳру ноҳияҳои вилоят танҳо аз ҳисоби коркарди пахтаи захирашуда, аз ҷумла дар ноҳияҳои Вахш – 4020 тонна (24 млн сомонӣ), Панҷ – 2347 тонна (13,4 млн сомонӣ), Абдураҳмони Ҷомӣ – 2102 тонна (11,8 млн сомонӣ), Хуросон – 1366 тонна (7,6 млн сомонӣ), Фархор – тонна (7,3 млн сомонӣ), Қубодиён – 958 тонна (3,8 млн сомонӣ), Дӯстӣ – 670 (3,8 млн сомонӣ), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – 758 тонна (4,2 млн сомонӣ), Ёвон – 668 тонна (3,8 млн сомонӣ), Ҷайҳун – 497 тонна (3,8 млн сомонӣ), Носири Хусрав – 286 тонна (1,6 млн сомонӣ) метавонистанд дар маҷмуъ 84,3 миллион сомонӣ ҳаҷми истеҳсолро зиёд намоянд [258].

Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2020-ум ба 1 миллиарду 270 миллион сомонӣ расида, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 15,5 фоиз, ё ин ки 171 миллион сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб ба соҳаи саноат 104,8 миллион сомонӣ ё ин ки 106,5 фоиз рост меояд [296].

Ҳамин тавр, чун дигар навоҳии вилояти Хатлон ноҳияи Қубодиён низ дар охири солҳои 80-ум ва солҳои 90-уми қарни гузашта вазъи мураккаби сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиро пушти сар намуд. Дар ин марҳила ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия ба мушкилиҳои зиёд дучор гардида, рӯ ба завол овард. Дар баробари ҳазорон қурбониёну гурезагон даҳҳо ҳазор заминҳо, корхонаҳо, колхозу совхозҳо, муассисаҳои маорифу фарҳангхароб гардида, сатҳи зиндагии мардум низ коҳиш ёфт. Танҳо шуруъ аз ибтидои қарни XXI дар ноҳия марҳалаи азнавсозии хоҷагии иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия сурат гирифт. Имрӯз қариб дар ҳама бахшҳои хоҷагии халқ ноҳияи Қубодиён пешсаф буда, дастовардҳои назаррас дорад.

### 4.2. Фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити нави иқтисоди бозорӣ

Соҳаи кишоварзии ноҳияи Қубодиён соҳаи муҳимтарини истеҳсолот ба ҳисоб меравад,зеро дар соҳаи кишоварзӣ қисми асосии аҳолии қобили меҳнати ноҳия фаъолият мекунанд. Барои меҳнаткашони ноҳия соли 1990 соли санҷишу маҳорат буд. Алалхусус, деққонони колхозҳои ноҳияба номусоидии боду ҳаво нигоҳ накарда, дар ин сол ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, нақшаҳои истеҳсолу фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқро пурраю барзиёд иҷро намуданд.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон соли 1991 меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён дар назди худ вазифа гузошта,майдони кишти зироатҳоро дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 16984 гектар расониданд. Аз он ҷумла, ғалладонагӣ 1768 гектар, пахта 13502 гектар, картошка 140 гектар, сабзавот 647 гектар, полезиҳо 438 гектар, боғҳо 429 гектар, токзорҳо 706 гектар, кишти зироатҳои хӯроки чорво 4756 гектарро ташкил медод [48, с. 113-130].

Аз моҳи феврали соли 1991 сар карда, дар 2184 гектар майдони колхози «Коммунизм» корҳои тайёрӣ ба киштукори баҳорӣ босуръат ва

сифати баланд оғоз ёфт. Алалхусус, хошоктайёркунандагони хоҷагӣ қарор доданд, ки баҳри чорвои ҷамъиятӣ ба андозаи ду нақшаи солона хӯрока захира намуда, аз қафомонии соли 1990 мебароянд. Бо ин мақсад, ҳанӯз соли 1990 дар майдони 70 гектар кишти омехтаи рапсу юнучқароба субут расонида буданд. Соли 1991 боз дар 125 гектар юнучқа, дар майдони 175 гектар ҷуворимакка барои силос ва 60 гектар ҷуворимакка барои дон кишт карда шуд [190, с. 1].

Деҳқонони хоҷагии навбунёди «Гулистон» дар қатори тамоми пахтакорони ноҳияи Қубодиён киштукори баҳориро бо тайёрии дучанд оғоз намуданд. Майдони пахтаи хоҷагӣ 496 гектарро ташкил медиҳад. Танҳо рӯзи аввал дар 50 гектар пунбадона кишт карда шуд. Инчунин деҳқонони хоҷагӣ дар 5 гектар лаблабу ва 21 гектар ҷуворимакка кишт намуданд [227, с. 3].

15-уми июни соли 1991 ҳайати намояндагони кишоварзии ноҳияи Вахш барои тафтиши байниҳамдигарии корҳои саҳроию чорводорӣ, боғу токпарварӣ ва ғайра меҳмони кишоварзони ноҳияи Қубодиён гардида буданд. Онҳо ба 5 гурӯҳ тақсим шуда, қариб дар тамоми хоҷагиҳои ноҳия бо кору фаъолияти меҳнаткашон аз наздик шинос шуданд. Гурӯҳи корӣ дар якҷоягӣ бо раиси ноҳия Р. Султонов, сарагрономи совхози «Туркманистон» Мирзоев санҷишро аз колхози «Коммунизм» оғоз намуданд. Гурӯҳи корӣ махсусан, аз ҳолати парвариши пахтазори бригадаҳои А. Ҳоҷиев, Х. Тилабов, Х. Қулолов, А. Худойбердиева розӣ шуданд. Зероон мувофиқи қоидаҳои агротехникӣ буда, нашъунамою қадкашии ниҳолон якхела буданд. Ҳар ниҳоли пахта дорои 6-7 шона ва 2-3 адад гул буданд [253].

Гурӯҳи корӣ ба кори сабзавоткорони хоҷагӣ баҳои баланд доданд. Зеро ба ин соҳа ҳам дар хоҷагӣ диққати ҷиддӣ медиҳанд. Қариб ҳамаи бригадаҳо барои деҳқонони худ дар 1-2 гектар майдон сабзавот кишт намуданд. Баъзе бригадаҳо ба парвариши қулфинай машғул буданд, ки он ба хоҷагӣ даромади калон медиҳад. Умуман, гурӯҳи корӣ аз тамоми хоҷагиҳои ноҳия дидан карда, пешравӣ ва камбудиҳои кори

хоҷагидоронро ошкор намуда, ба онҳо маслиҳатҳои муфид доданд, ки ин дар оянда ба пешравии кор аҳаммияти калон дошт [253].

Дар колхози «Пахтакор»-и ноҳияи Қубодиён дарави якуми юнучқа ба охир расонида шуда, дарави дуюми он босуръат идома дошт. Меҳнаткашони колхоз кӯшишу ғайрат доранд, ки аз дарави дуюм низ ҳосили аъло гирифта, ба фермаҳои хоҷагӣ супоранд. Юнучқазори бригада дар 49 гектар доман паҳн карда, аз ҷумла 25 гектараш дар мавзеи Юлдузқоқ буданд. Аз юнучқазори ин мавзеъ аз давраи якум 211 тонна хуроки сабз даравида ба фермаҳо фиристода шуд. Аз майдонҳои боқимонда бошад, 243 тонна хӯрокаи серғизои чорво даравида шуд. Дар 19 гектар юнучқазор дарави дуюм низ ба охир расонида шуд [254].

Гарчанде баҳори соли 1991 барои кишоварзон душвориҳои зиёдеро пеш оварда бошад ҳам, онҳо аз имкониятҳо моҳирона истифода бурда, сабзишу ҳосилнокии хуби зироатҳоро таъмин карданд. Дар ин ҷода кори ғаллакорони колхози «50-солагии ИҶШС»-и ноҳия арзанда аст. Дар хоҷагӣ дарави гандум бо суръат идома ёфта, алалхусус гандумзори соҳибкорон Ҷамшед Пулодов ва Маъруф Қурбонов ба анҷом расид. Соҳибкорон Ҷамшед Пулодов ва Маъруф Қурбонов аз 26 гектар гандумзор 75 тонна ғалла ба давлат супориданд. Ғаллаи ҷамънамудаи онҳо бечунучаро иҷрои нақшаро таъмин намуд [307].

Ноҳияи Қубодиён барои рушди соҳаи боғу токпарварӣ захира ва имконоти зиёд дорад. Аммо ҳанӯз он миқдор меваю ангур истеҳсол карда наметавонад, ки талаботи аҳолӣ ба корхонаҳои коркард пурра қонеъ гардад. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон майдони заминҳои боғи ноҳия дар соли 1991 429 гектарро ташкил медод [48, с. 127].

Соли 1991 дар заминҳои кишти пахтаи ноҳияи Қубодиён дар маҷмуъ 4,5 ҳазор тонна моддаҳои нуриҳои ғизодиҳанда дода шуд, ки он ба як гектар 0,5 тонна рост меояд [50, с. 14-18]. Деҳқонони бригадае, ки ба он деҳқонзодаи асил Ашургул Худойбердиева сарвар аст, аз рӯзҳои аввали киштукор камари ҳимматро баста, мардонавор фаъолиятнамуд.

Тавассути чунин меҳнати дучанд аст, ки ҳар ниҳоли пахта то 20-25 гулу шона ва 6-8 донагӣкӯрак доранд. Дар ҳамаи 72 гектар майдонҳои бригада ҳам нашъунамои пахтазор намунавор ба роҳ монда шудааст [188, с. 1].

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо омилҳои объективӣ ва субъективӣистеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ сол то сол дар ноҳия рӯ ба косташавӣ оварда буд. Агар ба рақамҳои соли 1991 назар намоем, ноҳия аз уҳдаи иҷрои нақшаҳои 2 намуди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ истеҳсол ва фурӯши пахтаву пилларо баромаду бас. Аз 19 хоҷагии пахтакорӣ 2 совхоз нақшаҳои супоридани пахтаро иҷро накарданд [27, в. 5].

Аз рӯйи баъзе манбаъҳои ноҳияи Қубодиёнсоли 1991 фурӯши ғалларо 50 фоиз, сабзавотро 30 фоиз, картошкаро 70 фоиз, гӯштро 45 фоиз, ширро 61 фоиз, тухмро 55 фоиз, пӯсти қароқӯлиро 99 фоиз иҷро намуд. Ноҳия ҳамасола 920 тонна ғалла месупорид, вале соли 1991 456 тонна мефурӯшад [27, в. 5].

Дар ноҳия аз ҳар гектар 39-сентнерӣҷуворимакка гирифта мешавад. Агар колхозҳои «Шохоб» ва «Меҳнат – роҳат» 390-357 – сентнерӣ аз ҳар гектар силос гирифта бошанд, колхозҳои «Гулистон» 120 сентнер, «Пахтакор» 110 сентнер, ба номи Телман 71 сентнер, Карл-Маркс 97 – сентнерӣ ба даст овардаанд [27, в. 5].

Агар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ соли 1991-ро ба солҳои 1986-1990 муқоиса кунем, дар ин давра фарқ хеле калон аст. Соли 1991 бошад, танҳо 1905 тонна ғалла, 618 тонна картошка, 84 тонна шолӣ, 4088 тонна сабзавот, 1068 тонна ангур, 2402 тонна зироатҳои полезӣ, 996 тонна гӯшт, 4782 тонна шир ва 290 ҳазор дона тухм истеҳсол шудааст. Назар ба ҳисоби миёнаи солҳои 1986-1990 истеҳсоли ғалла 1435 тонна, картошка 708 тонна, шолӣ 259 тонна, сабзавот 926 тонна, ангур 214 тонна, зироатҳои полезӣ 834 тонна, гӯшт 628 тонна, шир 3051 тонна ва тухм 843 ҳазор дона кам истеҳсол шудааст. Ин факту рақамҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки аз тақсимкунии колхозу совхозҳо фоида не, балки зиён ба назар мерасад [27, в. 23].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, умуман замини кишти пахта соли 1991 дар ноҳияи Қубодиён 13502 гектар, ки дар дурнамо 42300 тонна, аз ин истеҳсолшуда 42934 тонна, иҷроиши дурнамо 101,5%, ҳосилнокӣ аз як гектар 31,8 сентнериро ташкил дод [50, с. 26].

Моҳи апрели соли 1992 дар колхози «Меҳнат – роҳат» маҷлиси машваратии пахтакорони хоҷагиҳои ноҳия баргузор гардид. Дар машварат роҳбарон, мутахассисон, сарварони бригадаҳо ва механизаторон ширкат доштанд. Мақсад аз ин ҷамъомад, омода шудан ба кишти чигит буд. Мутахассисони агрофирмаи ноҳия, селхозхимия ба иштирокчиёни машварат тарзи пеш аз кишт ба чигит пошидани формалинро амалан нишон дода, фаҳмониданд. Пас аз машварат деҳқонони колхози «Меҳнат – роҳат» аз рӯзҳои хуби баҳорӣ истифода бурда, дар майдони 15 гектар ҷуворимакка кишт кардаанд [310].

Ҳар як рӯзи баҳор аз ҷиҳати аҳаммияти худ баробари 10-15 рӯзи тирамоҳ мебошад. Ин суханҳо барои пахтакорони ноҳияи Қубодиён шиори кори ҳаррӯзаашон шуда буд. Мувофиқи маълумотҳо то 16-уми апрели соли 1992 дар 2000 гектар замин чигит кишт гардида буд. Агар солҳои пеш дар ин давра дар 90-95% майдонҳо кишт мешуда бошад, пас соли 1992 фарқияти бисёр калон ба назар мерасид. Яъне, ҳамагӣ қариб дар 2% майдонҳо пахта кишт шудааст. Солҳои пеш то 10-15 апрел тамом кардани киштро талаб мекарданд. Дар шароити соли 1992 то 20 апрел пахтаи маҳиннахро кишт карданд. Дар коридани чигит деҳқонони колхозҳои «Арабхона», «Меҳнат – роҳат», «Гулистон» ва «Коммунизм» пешсафӣ нишон дода, 30 то 50% майдонҳоро кишт намуданд [302].

Пахтакорони номдори колхози «50-солагии ИҶШС» низ ба кишти пунбадона аз моҳи апрели соли 1992 оғоз намуда, аллакай дар бештар аз 70 гектар чигити навъи маҳиннах кишт намуданд. Деҳқонони хоҷагӣ имсол дар майдони 1570 гектар пахта кишт карданд [292].

Соли 1992 барои деҳқонони совхози «Ҳаваскор» соли санҷиши бузург буд. Бо ин мақсад, сабзаводкорони хоҷагӣ баробари пахтакорон

кӯшиш намуда, аллакай дар майдони 30 гектар карам, 10 гектар пиёз, 11 гектар картошка ва дар майдони 40 гектар ниҳоли помидор кишт намуданд [308].

Колхози «Оқолтин» шиори ҳамешагии рӯзгор шуда мондааст. Соли 1992 дар ҳама ҷабҳаҳои кор пешравӣ буда, дар майдони 1572 гектар кишти чигитро анҷом дода, ба коркарду ғизодиҳии байни қаторҳои пахта машғул мешуданд. Ягонакунии ниҳолҳо низ дар чор деҳаи мавҷудаи хоҷагӣ идома дорад. Бештар аз 670 гектарро ягона карда баромаданд [311]. Аз ин ҷо ба хулосае омадан лозим аст, ки дар айёме, ки сатҳи зиндагии мардум поён рафта, бухрони иқтисодӣ ҳукмрон буд, ба чунин комёбӣ ноил гардидан шараф мебошад.

Кирмакпарварони колхози «50-солагии ИҶШС» дар соли 1992 ғалабаи меҳнатӣ нишон дода, аз 230 қуттӣ кирмак бештар аз 12 тонна пилла супурданд, ки 100,3 фоизро ташкил медод. Дар иҷроиши нақша саҳми кирмакпарварони деҳаҳои Ҷарқӯрғон, Болшевик (феълан деҳаи Гулистон) ва «Ҳаёт» нисбатан калон мебошад [309]. Кирмакпарварони ноҳияи Қубодиён дар соли 1992 комёбии калони меҳнатӣ ба даст оварданд. Онҳо дар шароити душвори обу ҳаво ва рӯзгор зарбдорона меҳнат карда, пиллаи фаровон истеҳсол намуданд. Идораи пиллақабулкунии ноҳия аз кирмакпарварони колхозу совхозҳо зиёда аз 135 тонна пилла қабул карда, нақшаи солонаро барзиёд иҷро намуд [228].

Офатҳои табиии соли 1993 ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарари калон расониданд ва пеш аз ҳама, кори кишоварзонро душвор гардонданд. Деҳқонон дар майдони 19572 гектар аз нав пунбадона коштанд. Аз рӯйи маълумотҳои оморӣ маълум гардид, ки боронҳои пай дар пай ва нарасидани сӯзишворӣ корро қафо партофт. Вазъият дар ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритус, Куйбишев, Бохтар, Ҷиликӯл, Вахш ва Фархор ташвишовар буда, дар ин ноҳияҳо кор идома меёфт [191, с. 4].

Вазъият дар соҳаи чорводорӣ нисбати соли 1994, дар соли 1995 начандон беҳтар буда, саршумори чорвои калони шохдор нисбати супориш 663 сар, нисбати соли 1994 167 сар кам шудааст, ки ин

мутаносибан 82 ва 97 фоизро ташкил мекунад. Аз он ҷумла, саршумори модагов мувофиқи нақша 1840 сар буда, иҷроишаш 901 сарро ташкил намуда, 87 фоизи нақшаи солонаро дар бар гирифт, нисбати соли 1994 саршумори модагов дар ноҳия 16 сар кам гардид. Асосан, колхозҳои «Гулистон» – раисаш Қулмуминов, «Меҳнат – Роҳат» – раисаш Ш. Саидов, Телмон – раисаш Қ. И. Бобоев, Каримов-раисаш И. А. Мамадиев, А. Навои-раисаш Ч.А. Юлдошев, «Шохоб» – раисаш О. Раҳмонқулов ва совхози «Тоҷикистон»– директораш М. Авазов ба камшавии саршумори модаговҳо роҳ доданд. Супориши саршумори чорвои хурди шохдор бошад, мувофиқи нақша 35500 сар буда, иҷроишаш 27882 сарро ташкил намуда, 79 фоизро дар бар мегирифт [17, в. 21].

Гарчанде ки истеҳсоли гӯшт дар соли 1995 123 фоиз иҷро шуда бошад ҳам, нисбати соли 1994 58 тонна кам истеҳсол карда шуда буд, ки ин 84 фоизро ташкил мекард. Истеҳсоли шир бошад, ҳамагӣ 85 фоиз иҷро шуда, нисбати соли 1994 77 фоизро ташкил мекард. Миқдори миёнаи ширҷӯшӣ ба ҷойи 1363 литри нақша 1144 литрро дар бар мегирад, ки 84 фоизи нақшаро ташкил мекард [17, в. 21].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон майдони кишти зироатҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар маҷмуъ, дар ноҳияи Қубодиён дар соли 1995 17520 гектарро ташкил мекард. Аз он ҷумла, ғалладонагӣ 3145 гектар, пахта 10555 гектар, картошка 128 гектар, сабзавот 672 гектар, полезиҳо 641 гектар, кишти зироатҳои хӯроки чорво 2320 гектар, боғҳо 584 гектар, токзорҳо 534 гектарро ташкил медоданд [48, с. 112-130].

Ноҳияи Қубодиён дар соли 1995 истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ – ғалладонаро ба 5976 тонна, пахтароба 15414 тонна, картошкароба 819 тонна, сабзавотро ба 5195 тонна, полезиҳороба 3923 тонна, меваҷотроба 1303 тонна, ангурроба 731 тонна, хӯроки чорворо ба 7250 тонна расонидаанд [48, с. 131-145].

Чорводорӣ ва парандапарварӣ баробари дигар соҳаҳои хоҷагии деҳот яке аз соҳаҳои сердаромад дар ноҳияи Қубодиён ба ҳисоб меравад.

Саршумори чорвои калони шохдори ноҳия дар соли 1995 ба 24061 сар расонида шуд. Аз ҷумла, шумораи модагов 13690 сар, саршумори чорвои майда 83668 сар, паранда 15328 сар, асп 806 сарро ташкил медод [48, с. 161-169].

Истеҳсоли маҳсулоти асосии чорво дар тамоми категорияҳои хоҷагиҳо дар ноҳияи Қубодиён сол то сол зиёд шуда истодааст. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон истеҳсоли гӯшт дар вазни зинда, дар ноҳия соли 1995 1825 тонна, шир 6542 тонна, тухм 220 ҳазор дона, пашм 131 тонна, пила 93 тоннаро дарбар мегирифт [48, с. 171-179].

НоҳияиҚубодиён дар соли 1995 ба як қатор соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, ба монанди пахтакорӣ, чорводорӣ ва дигар зироатҳо машғул буд. На пахта, на гандум, на маҳсулоти чорво, то ҳатто ягона пилла, ки бештар ҳар сол аз нақша зиёд ҳосил ба даст меомад, иҷро нашуд. Аз рӯи маълумоти бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар, то 1-уми феврали соли 1996 дар ноҳия тайёрии техника назар ба соли 1995 хеле паст ба назар мерасид. Масалан, тракторҳо соли 1995 64 фоиз тайёр буданд. Дар соли 1996 бошад, 51,4 фоиз ин назар ба соли 1995 12,6 фоиз кам аст, аз он ҷумла тракторҳои шудгоркунанда 43,5 фоиз буд,ҳоло 31,8 фоиз ин низ 11, 7 фоиз кам буданд [19, в. 102].

Нақлиётҳои боркаш соли 1995 тибқи нишондоди 1-уми феврал 499 адад буд, ҳоло 33,8 фоиз, яъне 16,1 фоиз кам, комбайнҳои ғалладарав 66,7% буд, ҳоло 62,5 фоиз кам, прсепҳои тракторӣ 69,6 % буд, ҳоло 61,4 ё 8,2 фоиз кам, комбайнҳои хӯроки чорво 56 адад буд, ҳоло 38,9 ё 17,1% кам, комбайнҳои ҷуворимаккағундор 58,3 % буд, ҳоло 45,5 ё 12,8% кам, сеялкаҳо ҷамъ 60,7 % буд,ҳоло 39,3 ё 21,4 фоиз кам, плугҳои тракторӣ 46,2% буд,ҳоло 34,5% ё 11,7 фоиз кам, култиваторҳо 59,1 % буд,ҳоло 45 % ё 14,1% кам, насосҳои оббарор 77,7% буд,ҳоло 67,5% ё 10,2% кам шудааст. Сабаби асосии ба ин ҳолат дучоршудани ноҳия хунукназарии роҳбарони колхозу совхозҳои ноҳия мебошад [19, в. 102].

Мувофиқи қарори №28 аз 23 феврали соли 1996 дар асоси ҳуҷҷатҳои

пешниҳодкардаи Раёсати кишоварзии ноҳия 1683 гектар заминҳои обёришаванда бо сабабҳои гуногун муваққатан дар соли 1996 истифода бурда намешуданд [20, в. 61].

Барои таҳкурсии соли 1996 техникаи хоҷагии қишлоқ бояд саривақт тайёр карда шавад. Камбудиҳое, ки соли 1995 дар тайёр намудани техникаҳои хоҷагии қишлоқ баъзе хоҷагиҳо роҳ доданд, боиси он гардид, ки корҳои саҳроӣ дар мӯҳлатҳои агротехникӣ гузаронида нашудаанд ва ба кам шудани ҳосилнокӣ оварда расонданд [19, в. 102].

Қарори раиси ноҳияи Қубодиён таҳти рақами №82 аз 4-уми апрели соли 1996 оиди ба таври илова кишт намудани пахта ва ҷуворимакка барои дон дар хоҷагиҳои ноҳия барои соли 1996 батасвиб расида буд. Кишти пахта ҳамагӣ 9354 гектар, аз он ҷумла пахтаи маҳинах 7483 гектар, ҷуворимакка барои донкишти асосӣ 89 гектар ва такрорӣ 1841 гектарро ташкил медод [21, в. 114].

Нақши соҳаи кишоварзӣ дар хоҷагии халқи вилояти Хатлон бағоят калон аст. Бештар аз 70 фоизи даромади умумии вилоят ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Дар зарфи 10 моҳи соли 1997 дар соҳа баъзе натиҷаҳо ба даст оварда шуд. Пеш аз ҳама, соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти асосӣ, яъне пахта афзуд. То ин дам 189 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ шуд, ки нисбати соли 1996 18 ҳазор тонна зиёд мебошад. Вале натиҷаҳои бадастомада хоҷагии кишоварзии ноҳияро қонеъ гардонданаметавонист. Майдонҳои кишти пахта 136789 гектарро ташкил кард, ки ин назар ба нақша 19422 гектар, нисбат ба соли 1996 6339 гектар кам мебошад. Қариб дар ҳамаи ноҳияҳо кишти ин зироат кам шуд. Масалан, дар ноҳияҳои Бешкент, Восеъ, Кӯлоб, Колхозобод, Қубодиён, Вахш, Бохтар майдонҳои кишти пахтаро аз 2408 то 900 гектар кам карданд. Бо баҳонаи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ беасос, бе таҳлили чуқур ва ҳаматарафа колхозу совхозҳоро тақсим карда, заминҳоро ба шахсони тасодуфӣ ҷудо карда доданд [203].

Аз рӯйи маълумоти бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар, дар хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён истеҳсоли маҳсулоти

чорво дар соли 1996 дар чунин ҳолат қарор дошт: Гӯшт бо вазни зинда ҳамагӣ 150 тонна, шир ҳамагӣ 700 тонна, пашм 57 тонна, пӯсти қароқӯлӣ 1000 тонна, пӯсти чорвои калони шохдор 4230 тонна, пӯсти чорвои майида 3770 тоннаро ташкил медод [22, в. 346].

Тибқи қарори №31 аз 10-уми феврали соли 1997 Ҳукумати ноҳияи Қубодиён қайд мекунад, ки дар натиҷаи бухрони иқтисодӣ вазъи тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ бисёр мураккаб гардид. Ин душвориҳо ба соҳаи чорводорӣ таъсири худро расонидааст ва аз сабаби нарасидан ва баланд шудани нархи сӯзишворӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, паст шудани нархи маҳсулоти чорво ба он оварда расонид, ки ин соҳа нисбат ба дигар соҳаҳо қафо монда буд [23, с. 149].

Дар хоҷагиҳои ноҳия истеҳсоли маҳсулоти чорво ва саршумори он сол то сол кам гардид. Саршумори чорвои калони шохдор то 1-уми январи соли 1997 1889 сарро ташкил медод, аз он ҷумла 577 сар модагов мавҷуд буд, 20845 сар чорвои майда, яъне бузу гӯсфанд, 170 сар асп боқӣ монда буд [23, в. 149].

Барои таъмини миқдори дар боло қайд кардашуда, ба миқдори зерин хуроки чорво лозим буд, аз ҷумла беда 855 гектар, ҷуворимакка барои силос 350 гектар, бехмева 31 гектар ва ҳамагӣ 1250 гектар зироатҳои хӯроки чорво талаб карда мешуд. Барои саривақт коридан, нигоҳубин намудан ва ғундоштани хӯроки чорво техникаи зарурӣ, ба мисли тухмпошак 21 адад, комбайн барои силосғундорӣ 21 адад ва 28 адад трактор зарур буд [23, в. 149].

Истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён аз соли 1996 қисман рӯ ба афзоиш овард.

**Ҷадвали 1. Истеҳсоли маҳсулоти ғалладона дар хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён дар солҳои 1996-1998 [26, в. 348]**

| Сол | Намуди ғалладона | Ҳаҷмиистехсол (тонна) | Ҳамагӣмаҳсулотиғаладона |
|---|---|---|---|
| 1996 | гандум<br>ҷуворимакка<br>шолӣ | 10600<br>1600<br>1400 | 13600 |
| 1997 | гандум | 11600 | 15100 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | чуворимакка<br>шолӣ | 1700<br>1500 | |
| 1998 | гандум<br>чуворимакка<br>шолӣ<br>истеҳсоли<br>дигар<br>ғалладонагиҳо | 12000<br>1800<br>1600<br><br>300 | 15700 |

Тавре аз чадвалмаълуммегардад, агар дар соли 1996 истеҳсоли ғалла ҳамагӣ 13600 тонна, гандум 10600 тонна, чуворимакка 1600 тонна, шолӣ 1400 тоннаро дарбар гирад, дар соли 1997 бошад, маҳсулоти ғалладона ҳамагӣ 15100 тонна, аз он чумла гандум 11600 тонна, чуворимакка 1700 тонна ва шолӣ 1500 тонна истеҳсол карда шуд. Пас, дар соли 1998 бошад, истеҳсоли ғалладона ҳамагӣ дар ноҳия 15700 тонна, аз он чумла гандум 12000 тонна, чуворимакка 1800 тонна, шолӣ 1600 тонна, истеҳсоли дигар ғалладонагиҳо 300 тоннаро ташкил медод.

Мавқеи чойгиршавии ноҳияи Қубодиён барои рушди соҳаи кирмакпарварӣ хеле мусоид буд. Дар давоми 70 соли мавчудияти Ҳокимияти Шуравӣ дар миқёси чумҳурӣ ноҳияи Қубодиён яке аз пешқадамтаринноҳияҳо дар соҳаи кирмакпарварӣ ба ҳисоб мерафт. Дар давоми солҳои 1994-1996 шумораи дарахтони тут 862140 бехро ташкил медод, ки аз ин шумора 386940 бехаш бурида ва қоқ шуда ба асоси снадҳо гузаронида аз истифода баромада маҳсуб мешуд. Аз дарахтони тут 475200 бех боқӣ мондааст [28, в. 142]. Зарур аст, ки барои рушди соҳа Ҳукумати чумҳурӣ ва ноҳия майдони боғҳои тутро дар ноҳия минбаъд зиёд намоянд.

Дар натичаи дурусту оқилона истифода бурдан аз захираҳои табиӣ кирмакпарварони ноҳия соли 1999 натичаҳои хуб ба даст оварданд. Яке аз аввалинҳо шуда, кирмакпарварони «хочагии «50–солагии ИЧШС» аз уҳдаи ичрои нақша баромада, ба чойи 13,5 тоннаи нақша 14 тонна пиллаи аълосифат супурданд [313, с. 1].

Кишоварзони ноҳияи Қубодиён бо мақсади афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ соли 2000 дар майдони 5695 гектар ғалладона, 8380

гектар пахта, 599 гектар картошка, 968 гектар сабзавот, 754 гектар полезиҳо, 1838 гектар кишти зироатҳоихӯрокичорво, 449 гектар боғҳо ва 504 гектар токзор кишт намуданд [48, с. 114-130].

Ба мушкилиҳои давраи гузариш нигоҳ накарда, солҳои охир ноҳияи Қубодиён дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ муваффақиатҳои назаррас ба даст овард. Хоҷагидорони ноҳия соли 2000 истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ, яъне ғалладонаро ба 10793 тонна, пахтароба 13338 тонна, картошкароба 3997 тонна, сабзавотроба 8233 тонна, полезиҳороба 8045 тонна, меваҷотроба 1562 тонна, ангурроба 1486 тонна ва хӯроки чорворо ба 6433 тонна расониданд[48, с.131-145].

Соли 2002 меҳнаткашони ноҳия дар майдони 14568 гектар кишти зироатҳои хоҷагии кишоварзӣ гузаронидаанд. Аз он ҷумла, дар майдони 2589 гектар гандум, 44 гектар ҷав, 88 гектар ҷуворимакка барои дон, 10221 гектар пахта, 28 гектар картошка, 168 гектар сабзавот, 314 гектар зироатҳои полезӣ ва 1899 гектар зироатҳои хӯроки чорво кишт карданд [202].

Ибтидои соли 2002 дар ноҳия 3347 тонна гандум, ё ин ки аз ҳар як гектар 21,9 сентнерӣ, 285 тонна картошка, ё ин ки 109,6 сентнерӣ, 214 тонна сабзавот, ё ин ки 119 сентнерӣ, инчунин 57,5 тонна мева ва 22 тонна зироатҳои полезӣ ҷамъоварӣ карда шуд [202].

1-уми июли соли 2002 саршумори чорвои калони шохдор 1546 сарро ташкил намуд, ки 101 фоизи нақша буда, нисбати ҳамин давраи соли 2001 16 сар зиёд шуда буд. Саршумори чорвои калони шохдор дар ин давра нисбати нақша дар хоҷагиҳои «50-солагии ИҶШС»-2 сар ва «Коммунизм»-10 сар, ба номи Амир ва Бобогулов-11 сар кам ва нисбати ҳамин давраи соли 2001 дар хоҷагии ба номи Бобогулов-23 сар кам шуда буд. Саршумори чорвои майда бошад, дар ин давра 11191 сарро ташкил намуд, ки 110 фоизи нақша буда, назар ба ҳамин давраи соли 2001 3 сар зиёд шуда буд. Баррагирӣ дар ҳамин давра 114 фоиз иҷро карда шуда, ба ҷои 3300 сар барраи нақша 3772 сар барра гирифта шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2001 643 сар зиёд аст. Инчунин, дар ин давра 141 гӯсола гирифта шуд, ки

нисбати ҳамин давраи соли 2001 3 сар зиёд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми соли 2001 ва нимсолаи аввали соли 2002 назар ба чорвои калони шохдор, чорвои майда рӯ ба афзоиш овард [202].

Барои пешрафти кори истеҳсолоти ҳоҷагии қишлоқ ва тайёрӣ ба кишти баҳории соли 2003-юм Ҳукумати вилояти Хатлон 28-уми феврали соли 2003 дар яке аз хоҷагиҳои калонтарини вилоят хоҷагии «Авесто»-и ноҳияи Қубодиён семинар-машварати вилоятӣ оид ба тайёрии техникаҳои гуногунтамға ва тухмипошакҳо барои кишти баҳории соли 2003 гузаронид [230].

Маъракаи наслгирӣ дар хоҷагии зотпарварии Қубодиёни ноҳияи Қубодиён чун ҳарсола ба омодагии ҳаматарафа мегузарад. Чорводорони хоҷагӣ дар арафаи ҷашни Наврӯзи соли 2003 аз иҷрои нақшаи наслгирӣ мужда расонда, 2 ҳазору 500 сар барраи солим гирифтанд [265].

Пахтакорони ноҳияи Қубодиён дар соли 2003 ба ҳамаи мушкилиҳои пешомада нигоҳ накарда, зарбдорона меҳнат намуда, аз иҷрои нақшаи солонаи истеҳсоли пахта сарбаландона баромаданд. Деҳқонони ноҳия зиёда аз 24700 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки 3300 тоннаашро пахтаи навъи маҳиннах ташкил медод [256].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон майдони кишти зироатҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, маҷмуан, дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2005 18951 гектарро ташкил медод. Аз он ҷумла,ғалладонагӣ 4117 гектар, пахта 11455 гектар, сабзавот 1029 гектар, полезиҳо 580 гектар, кишти зироатҳоихӯрокичорво 1240 гектар, боғҳо 936 гектар, токзор 568 гектарро ташкил медод [48, с. 114-130].

Меҳнаткашони ноҳияи Қубодиён дар соли 2005 23415 тонна ғалладона ё ин ки аз ҳар як гектар 29,7 сентнерӣ, пахта 13763 тонна ё ин ки аз ҳар гектар 11,9 сентнерӣ, ҳосилноки картошка 6712 тонна ё ин ки 143,9 сентнерӣ, сабзавот 20857 тонна ё ин ки 157,9 сентнерӣ, полезиҳо 15342 тонна ё ин ки 246,8 сентнерӣ, меваҷот 1043 тонна, ё ин ки 30,1 сентнерӣ, ангур 2041 тонна ё ин ки 43,1 сентнерӣ истеҳсол кардаанд [48, с. 130-160].

Аз кумитаи омори вилояти Хатлон маълум гардид, ки маъракаи ҷамъоварии пахта дар ноҳияҳои ба номи Носири Хусрав, Шаҳритус ва Қубодиён рӯз то рӯз суръат гирифтааст. Барои мисол, то рӯзи 30-юми августи соли 2006 деҳқонони ноҳияи ба номи Носири Хусрав ба андозаи 18,3 фоизи эҳтиёҷоти давлатӣ, кишоварзони ноҳияи Шаҳритус ба андозаи 18,01 фоизи эҳтиёҷоти давлатӣ ва деҳқонони ноҳияи Қубодиён бошанд, ба андозаи 14,73 фоизи эҳтиёҷоти давлатӣ «тиллои сафед» супурданд [293].

Тибқи ҷадвали тасдиқнамудаи раиси вилояти Хатлон Амиршо Миралиев аз 31 августи соли 2006 дар даҳрӯзаи дуюми моҳи сентябр бояд шаҳру ноҳияҳои пахтакори вилоят 72380 тонна, ё ба андозаи 22 фоиз пахта истеҳсол менамуданд. Миқдори умумии пахтаи аз аввали мавсим ҷамъоваришуда бояд 164500 тоннаро ташкил намояд. Аммо то 21 сентябри дар вилоят ҳамагӣ 132279 тонна пахта ҷамъоварӣ гардид, ки ин ба 40, 2 фоизи иҷрои нақшаи пахтасупорӣ баробар буда, назар ба ҷадвали тасдиқгардида 32221 тонна кам мебошад [194].

Дар натиҷаи ташкили дурусти кор ва риояи интизоми меҳнат дар дар ин даҳрӯза ноҳияҳои Шаҳритус, Носири Хусрав, Қубодиён ва Бохтар (феълан ноҳияи Кушониён) нақшаро аз 68 то 53 фоизӣ иҷро намуда, ба корхонаҳои коркард аз 15,2 то 8,9 ҳазор тоннагӣ пахта супориданд. Аммо ноҳияҳои Фархор, Восеъ, Хуросон, Ҷиликӯл (феълан ноҳияи Дӯстӣ ) ва Панҷ аз 11 то 21-уми сентябри соли 2006 ҷамъоварии пахтаро рӯзе аз 72 то 47 тоннагӣ кам намуданд. Ҷадвали умумии пешниҳодгардидаро то 21-уми сентябр ба ғайр аз ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Носири Хусрав ва Бохтар дигар шаҳру ноҳияҳои пахтакори вилоят иҷро накарданд [194].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо, аз он ҷумла зироатҳои ғалладона, соли 2007 дар ноҳияи Қубодиён 3934 гектар, картошка 394 гектар, сабзавот 1027 гектар, полезиҳо 669 гектар, зироатҳои хӯроки чорво 1810 гектарро ташкил медод [45, с. 101-110].

Кишоварзони ноҳияи Қубодиён кишти худро соли 2007 ҷамъоварӣ намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил шуданд. Аз рӯйи маълумотҳои

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки меҳнаткашони ноҳия 23431 тонна ғалла ё ин ки 35,6 сентнер, картошка 9425 тонна ё ин ки 208,7 сентнер, сабзавот 27393 тонна ё ин ки 213,0 сентнер, полезиҳо 24917 тонна ё ин ки 275,8 сентнер, меваҷот 1229 тонна ё ин ки 26,8 сентнер, ангур 2705 тонна ё ин ки 50,2 сентнерри ташкил медод [45, с. 129-153].

Рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла қароқӯлпарварӣ, яке аз воситаҳои асосии истеҳсоли маводи ғизоию ашёи хоми саноатист. Қубодиён яке аз ноҳияҳоест, ки иқлими он дар ҷумҳурӣ барои парвариш ва зиёд намудани саршумори чорво, аз ҷумла қароқӯлпарварӣ хеле мусоид аст. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки дар соли 2007 саршумори чорвои калон 33971 сар, аз он ҷумла модагов 19051 сар, чорвои майда 69451 сар, асп 1252 сар, мурғ 71665 сарро ташкил медиҳад. Ҳисоби миёнаи ширҷӯшӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 1020 килограммӣ, тухм 54 донагӣ, пашмтарошӣ 2,2 килограммӣ, наслгирӣ 335 сар гӯсола, 4765 сар барраю бузғоларо дар бар гирифтааст [45, с. 174-193].

Чорводорони ноҳия ҳамасола аз ҳисоби даромади худ ноҳия ва ҷумҳуриро бо маҳсулоти шириву гӯштӣ таъмин менамуданд. Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки дар соли 2007 истеҳсоли маҳсулоти гӯшти чорво ва мурғ 2956 тонна, шир14983 тонна, тухм 1448 тонна, пашм 375 тонна, пилла 84 тоннаро ташкил медод [45, с. 162-170].

Сабаби камшавии майдони кишти пахта, дар навбати аввал ба сатҳи пасти нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ, дар солҳои 2008-2009 марбут буд, ки дар натиҷаи он самаранокии пасти истеҳсолот, пастшавии ҳосилнокӣ бо сабаби ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии заминҳои кишоварзӣ мушоҳида гардид [51, с. 19-20].

Охири соли 2010 бо сабаби дар бозорҳои ҷаҳонӣ якбора афзудани нархи пахта, майдони кишти пахта низ дар кишвар зиёд гардид. Дар алоқамандӣ ба омили мазкур, соли 2011 майдони кишти пахта то 1378

гектар зиёд карда шуд ва дар маҷмуъ, замини кишти пахтаи ноҳия дар соли 2011 ба 7240 гектар расонида шуд [51, с. 20].

Дар давоми солҳои2008-2010хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 727908 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 518020 ҳазор сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 209888 ҳазор сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меомад. Истеҳсоли умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳия сол то сол афзуда буд. Хусусан, дар истеҳсоли маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ин болоравӣ баръало мушоҳида мегардид [51, с. 20].

Дар давоми соли2012 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 568513 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 403870 ҳазор сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 164643 ҳазор сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меомад [49, с. 80-82].

Пахта яке аз соҳаҳои асосии истеҳсоли хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Қубодиён ба ҳисоб мерафт. Пахтакорони ноҳия дар соли 2013 дар майдони 7750 гектар замин пахта кишт намуданд, ки 10 гектари онро пахтаи навъи маҳиннах ташкил медод. Ҷамъоварии ҳосили пахта дар заминҳои киштнамуда 17000 тонна ё ин ки аз як гектар 21,9 сентнерӣ, аз ҷумла, ҷамъоварии ҳосили пахтаи навъи маҳиннах 14 тонна ё ин ки аз як гектар 13,6 сентнерӣ навъи аълосифат ҷамъоварӣ намуданд [50, с. 10-25].

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми августи соли 2009, №683 дурнамои бунёди боғу токзорҳои нав дар майдони 28 гектар ташкил намуда, аз ҳисоби хоҷагиҳои боғпарвар 30 гектар боғу токзорҳо бунёд карда шудааст. Аз қабули қарор то соли 2014 дар ноҳия ба масоҳати 1100 гектар боғ бунёд гардида буд [160].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми октябри соли 2014 ба ноҳияи Қубодиён сафари корӣ намуда, баъди ифтитоҳи як қатор иншоот ва шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум бо роҳбарону фаъолон ва сокинони ноҳия мулоқоти самимӣ доир намуданд. Сарвари давлат аз пешрафту муваффақиятҳои ноҳия сухан ронда, иброз намуданд, ки тибқи маълумот, агар соли 2004 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 221 миллион сомонӣ

маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардида бошад, ин нишондиҳанда сол аз сол афзоиш ёфта, соли 2013 ба 442 миллион сомонӣ расидааст, яъне ин нишондиҳанда дар ин давра ду баробар афзоиш ёфтааст. Дар ҳашт моҳи соли 2014 ба маблағи 350 миллион сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли гузашта чор фоиз бештар буд [124, с. 14-15].

Сарвари давлат қайд намуданд, ки бо мақсади бунёди боғу токзорҳои нав ва амалӣ гардидани фармони Президенти кишвар «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2014» дар масоҳати 1071 гектар боғу токзори нав бунёд гардид, ки ба 97 фоизи иҷрои барнома баробар буд. Лозим ба ёдоварист, ки зимни сафари кори қаблиам ба ноҳия оид ба бунёди боғҳои ангури кишмиш ва пиставу зайтун тавсия дода будам ва ҳоло тибқи маълумот 4 гектар токзор ва 2 гектар боғи писта бунёд карда шуд [124, с. 14-15].

Дар доираи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди боғдорию ангурпарварӣ ва парвариши ниҳолҳои сояафкану мевадиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2014» дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 1100 гектар боғи нав бунёд карда шуд. Аз 3470 гектар майдони умумии дарахтони бисёрсола 360 гектарашро ангурзор ташкил медод. Аз масоҳати умумии қитъаҳои наздиҳавлигӣ 1700 гектари он аз дарахтони бисёрсола иборат буд. Мушкилоти асосие, ки ба рушди бахши меваю сабзавот таъсири манфӣрасонида, ба талафоти маҳсулот оварда мерасонид, ин нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣва захрхимикатҳо, набудани чораҳои мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, маҳдудияти бозори фурӯш, таҷҳизоти фарсудагаштаи корхонаҳои мавҷудаи коркард, норасогии дастгирии иттилоотию машваратӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии боғҳо, набудани технологияи коркард ва хушкгардонидани маҳсулоти меваю сабзавот буданд [52, с. 21].

Солҳои 2011-2014 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 2092,0 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 1448,3 млн. сомонӣ ба

соҳаи растанипарварӣ ва 643,7 млн. сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Дар соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 433 млн. сомониро ташкил дод, ки ин дар муқоиса бо соли 2013 ба андозаи 1,1% зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 68 фоизро ташкил медод [52, с. 17].

Дар соли 2014 дар майдони кишти зироатҳо ҳиссаи зиёдро кишти пахта 57,8 фоиз, ғалладонагиҳо 20,5 фоиз ва дигар зироатҳо 21,7 фоизро ташкил менамуд. Дар солҳои охир ҳаҷми майдонҳои барои кишти пахта ва зироатҳои хӯрокӣ чорво ҷудогардида кам гардида, ҳаҷми умумии майдони боғҳо, ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезӣ зиёд гардидааст. Сабаби камшавии майдони кишти пахта, дар навбати аввал, ба сатҳи пасти нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар солҳои 2011-2014 алоқаманд буд, ки дар натиҷаи он самаранокии пасти истеҳсолот, пастшавии ҳосилнокӣ бо сабаби ботлоқшавӣва шӯршавию эрозияи замин мушоҳида гардид [52, с. 16].

Чорводорӣ дар баробари дигар соҳаҳо яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 31,9 фоизро ташкил медиҳад. Соли 2014 хоҷагиҳои чорводории ноҳия 203,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд [52, с. 22].

Аз рӯйи маълумоти расмии оморӣ ба ҳолати 1-уми январи соли 2015 дар ноҳия ҳамагӣ 41022 сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шуда буд, ки 22805 сарро модагов ташкил медод [52, с. 22].

Занбӯриасалпарварӣ яке аз соҳаҳои камхарҷу сердаромади соҳаи кишоварзӣ мебошад. Шароити иқлимии ноҳияи Қубодиён барои инкишофи соҳаи занбӯрпарварӣ хело мусоид аст. Солҳои охир соҳаи мазкур дар ноҳия рушд ёфта, истеҳсоли он тадриҷан зиёд шудааст. Истеҳсоли асал аз 10,6 тоннаи соли 2012 ба 13,3 тонна дар соли 2014 расонида шудааст, ки ин 125 фоизро ташкил намуда, зиёд намудани

истеҳсоли асал дар панҷ соли оянда яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди ноҳия аст [52, с. 24].

Рушди соҳаи чорводорӣ, асалпарварӣ ва парандапарварӣ аз хадамоти бойторӣҷиҳати саривақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда вобастагӣ дорад. Дар ноҳия як идораи бойторӣ, 1 адад клиникаи хусусии бойторӣ, 3 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ ва 2 адад дорухонаҳои бойторӣ фаъолият дорад. Дар соли 2014 бо мақсади беҳтар намудани таъминоти клиникаҳои бойтории хусусӣ (1 адад) бо таҷҳизотҳои лозимии замонавӣ аз ҷониби Ассотсиатсияи бойторони Тоҷикистон (АБТ) кумакҳои моддӣ расонида шуд. Мутаассифона, дигар муассисаҳои соҳа дар шароити номувофиқи корӣ фаъолият намуда, ба чунин кумак ва дастгириҳо эҳтиёҷ доранд. Илова бар ин, аз 4 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъие, ки дар сатҳи ҷамоатҳо мавҷуданд, танҳо як адади онҳо пурра фаъолият мекунад. Нарасидани азот ва нутфа барои беҳтар намудани зоти чорвои аҳолӣ яке аз мушкилоти асосии соҳа маҳсуб меёбад [52, с. 24].

Обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо низ аз мушкилиҳои ҷидии соҳаи кишоварзии ноҳия ба ҳисоб меравад. Ҳалли мушкилиҳои мазкур метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намояд. Дар ноҳия каналҳои Катта, Ҳаёт, Чирик ва Қабла фаъолият мекунанд. Дар ихтиёри идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳия 13 адад пойгоҳҳои обкашӣ мавҷуданд. Дар таъминоти захираҳои об ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ мушкилоти зиёде мавҷуданд, ки ҳалли онҳо рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад. Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти ҷойдоштаи соҳа дар ноҳия тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2009 № 612 «Дар бораи тадбирҳои беҳтар намудани вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» дар давоми ду соли охир ҳолати мелиоративии заминҳои ноҳия беҳтар карда шудааст. Дар давоми ду соли

охир 517 га заминҳои кишоварзии обии ноҳия бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронида шудааст [52, с. 25-26].

Майдони умумии заминҳое, ки тавассути иншоотҳои обтаъминкунии дар ихтиёри муассисаҳои обтаъминкунии ноҳияи Қубодиён буда, обёрӣ карда мешавад, беш аз 17100 гектарро ташкил медиҳад. Дарозии умумии каналҳои обёрӣ 530,3 км -ро ташкил дода, аз ин миқдор то 1 январи соли 2014 беш аз 40 фоиз (212 км) тоза гардидааст [52, с. 28].

Дар давоми соли2015 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 664624 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки аз ин 450950 ҳазор сомонӣ ба соҳаи растанипарварӣ ва 213674 ҳазор сомонӣ ба соҳаи чорводорӣ рост меояд. Майдони кишти зироатҳо дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ16800 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 36190 тонна ғалладонагиҳо 11085 тонна пахта, 17909 тоннакартошка, 54223 тоннасабзавот, 41385 тоннаполезиҳо, 4139 тоннамеваҷот истеҳсол карда шуд [49, с. 83-98].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки рафти ҷамъоварии ҳосили пахта дар соли 2016 на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо муташаккилона ҷараён дорад. Масалан, ҷамъоварии ҳосили пахта дар ноҳияҳои Панҷ, Ҷайҳун, Дӯстӣ, Носири Хусрав, Восеъ, Ҷ. Балхӣ ва Қубодиён ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шуда, ноҳияҳои Фархор, Ҳамадонӣ, Ҷ. Балхӣ, Дӯстӣ, Восеъ, Ҷайҳун ва Қубодиён ҳаҷми истеҳсоли пахтаро дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2015 коҳиш додаанд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, А. Ҷомӣ, Темурмалик, Муъминобод, Шамсиддин Шоҳин аз 1,7 то 3,1 фоиз расидааст, ки аз ҳисоби миёнаи вилоят 5,9 фоиз паст мебошад [193].

Ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ, ислоҳоти соҳа, истифодаи самараноки заминҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот дар ноҳия тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар нуҳ моҳи соли 2018 ба маблағи 463 миллин сомонӣ маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол гардид. Майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар

ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия 17043 гектарро ташкил дода, аз он 185 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол шуд. Ичунин кишоварзони ноҳия то 1 октябри соли равон зиёда аз 3810 тонна маҳсулот содирот карданд [192].

Дар вилояти Хатлон то рӯзи 20 майи соли 2019 30,41 тонна пилла ҷамъоварӣ шудааст, ки он ба 78,1 фоизи дурнамо баробар мебошад. То 20 май соли 2019 кирмакпарварони 7 шаҳру ноҳия, аз ҷумла Қубодиён дурнамои истеҳсоли пилларо дар вилоят пурра иҷро кардаанд[257].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2018 17043 гектар, дар соли 2019 17060 гектарро ташкил медод. Аз рақамҳо маълум мегардад, ки заминҳои кишт назар ба соли 2018 дар соли 2019 хеле зиёд шудааст [47, с. 144].

Соли 2020 тибқи нақшаи дурнамо пахтакорони ноҳия дар майдони 7574 гектар кишти пунбадона гузаронидаанд. Дар 1730 хоҷагиҳои пахтакор саҳмдорон ҳосили дилхоҳашонро рӯёнидаанд [161].

Ҳамин тариқ, гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар ноҳияи Қубодиён бо хатогиҳо, камбудӣ ва душвориҳо амалӣ гашт. Хоҷагиҳои навтаъсис, ки ба ҷои колхозу совхозҳо ташкил шуда буданд, пойгоҳи моддиву техникӣ надоштанд. Таҷдиди корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити душвори ҳарбӣ – сиёсии солҳои 90-уми асри XX оғоз гардида, то соли 2010 давом кард. Аммо ба вазъи умумии ҷумҳурӣ нигоҳ накарда, меҳнаткашони ноҳия дар соҳаи аграрӣ барои таъмини аҳолӣ бо озуқа саҳми калон гузоштанд. Саноати сабук, хӯрокворӣ низ тадриҷан рушд кард. Соҳаҳои иҷтимоӣ-маориф ва тандурустӣ куллан тағйир ёфт.

## 4.3. Муассисаҳои маориф ва фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар ибтидои асри XXI

Соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон ба инкишофи илму маориф ва фарҳанг таъсири мусбат расонид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

ба шароити нави ҷамъиятӣ мувофиқ кунонидани раванди таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони соҳибмаълумот дар муассисаҳои таълимии мамлакат пайваста чораҳои судманд меандешад.

Дар соли хониши 1990-1991 мактабҳои маълумоти умумии ноҳияи Қубодиёнро 3981 нафар мактабиён хатм хоҳанд намуд. Онҳо аллакай медонанд, ки кадом касбро интихоб намоянд. Зеро дар тули дар мактаб таҳсил намуданашон омӯзгорон ва шурои касбинтихобкунӣ соҳиби кадом касб шудани мактабиёнро ба таври мушаххас муайян сохтаанд. Ва онҳо таҳсилро дар он маърифатгоҳҳо идома медиҳанд, ки дар оянда соҳиби касби дилхоҳашон бошанд [340, с. 2].

Қайд намудан лозим аст, ки дар шуъбаи маорифи ноҳияи Қубодиён Шурои касбинтихобкунӣ амал менамуд. Вазифаи Шуро аз он иборат буд, ки дар байни хонандагон доир ба касби ояндаи онҳо дастуру маълумот дода, барои амалӣ гардидани мақсади онҳо дар мактаб шароит муҳайё месохтанд. Чунин раванди кори шуроҳо дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии 11,17,23,42,37,29,31 ва 34 хеле манфиатбахш ба роҳ монда шудааст. Омӯзгорони мактабҳои зикргардида бо ҳар як хонанда кори фардӣ бурда, онҳоро барои ба донишгоҳҳо дохил шудан омода месозанд. Масалан, маҳз корбарии хуби омӯзгорон аст, ки аз як худи мактаби миёнаи рақами 11 дар донишгоҳҳои олии ҷумҳурӣ ва берун аз он 56 нафар хатмкунандагон таҳсил менамоянд [340, с. 2].

Соли 1991 дар 49 мактаби маълумоти умумии ноҳия 1455 нафар омӯзгорони фанҳои мухталиф ба таълиму тарбияи насли наврас машғул ҳастанд. Аз онҳо 1063 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 66 нафарашон дорои маълумоти олии нопурра мебошанд. Дар байни омӯзгорон аълочиёни маорифи халқии ИҶШС, омӯзгорони хизматнишондодаи мактабҳои ҷумҳурӣ, унвондорон ниҳоят зиёданд. Онҳо маҳз ба туфайли меҳнати ҳалолу фаъолияти боарзиши педагогӣ ба чунин қадрдонӣ сазовор гардидаанд. Дар байни онҳо М. Мамараҷабов, З. Раҷабов, И. Эрматов, С. Қумаев ва дигаронро зикр кардан айни муддао мебошад [340, с. 2].

Дар колхози «Меҳнат-роҳат»-и ноҳияи Қубодиён соҳтмони мактаби нав идома ёфта, сохтмончиён ваъда доданд, ки то охири соли 1992 бинои мактаби навро ба охир мерасонанд. Бояд дар ин бинои мактаби нав 624 нафар фарзандони деҳаҳои Бештемиру Сангоба ба таҳсил фаро гирифта шаванд [264, с. 2].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Қубодиён дар соли хониши 1992 52 ададро ташкил дода, дар ин муассисаҳо 20,9 ҳазор нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд, ки ба онҳо омӯзгорони ботаҷриба дарс мегуфтанд [48, с. 46-48].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушкилиҳои ҷойдоштаи замони ҷанг нигоҳ накарда, барои рушд додан ва мустаҳкам кардани заминаҳои ҳуқуқии соҳаи маориф диққати махсус медод. Бо ҳамин мақсад моҳи декабри соли 1993 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалин қонунро «Дар бораи маориф» қабул намуд [44]. Қонуни мазкур дар даврае қабул шуда буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд ва ҳамчунин давлати мустақили мо Конститутсияи нави худро надошт. Аз ин рӯ, лозим омад, ки сиёсати давлат дар соҳаи маориф ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ кунонида шавад.

Мулоқоти аввалини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28 августи соли 1995 баргузор гардида буд, барои маорифчиёни ҷумҳурӣ санаи хотирмон ба шумор меравад. Сардори давлат дар суханронии худ вазъи кунунии мактабу маорифро ҳаматарафа таҳлил намуда, мақоми мактабу маорифро дар ҷои аввал гузошт.

Аз ин ҷост, ки солҳои минбаъда ҳаҷми маблағгузорӣ аз ҳисоби буҷаи давлат барои сохтмони мактабҳо дар ҷумҳурӣ, инчунин ноҳияи Қубодиён афзуд. Агар шумораи мактабҳо дар ноҳияи Қубодиён соли 1992 52 ададро ташкил дода бошад, пас дар соли 1995 шумораи мактабҳо ба 54 адад расонида шуд. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлонмиқдори хонандагон низ аз 20,9 ҳазор нафар ба25,4 ҳазор нафар расонида шуд, ки ин муваффақияти калон дар соҳаи маорифи ноҳия ба ҳисоб меравад [48, с. 46-48].

Аз рӯи маълумоти бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар маълум мегардад, ки дар соли хониши 1994-1995 дар ноҳияи Қубодиён 54 мактаби маълумоти ҳамагонӣ вуҷуд дошта, дар он 25588 нафар хонандагон бо забонҳои гуногун, аз он ҷумла бо забони тоҷикӣ 9439 нафар, узбекӣ 15847 нафар, туркманӣ 229 нафар ва русӣ 23 нафар таълиму тарбия мегиранд. Дар ин таълимгоҳҳо 1591 нафар омӯзгорон ба хонандагон таълим медиҳанд, ки 783 нафарашон дорои маълумоти олӣ, 62 нафарашон дорои маълумоти олии нопурра, 480 нафарашон маълумоти миёнаи педагоги ва 266 нафарашон дорои маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд. Дар соли хониши 1994-1995 дар ноҳия 8 нафар хонандагон соҳиби медали тилло гаштаанд. Бояд қайд кард, ки баробари пешравиҳо дар кори таълиму тарбия як қатор камбудиҳо дар аксар мактабҳои ноҳия ҷой дорад. Аз он ҷумла, дар мактабҳои №24, 35, 36, 41 ҳатто давомоти хонандагонро пурра ташкил накардаанд [24, в. 188].

Дар асоси фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи августи соли 1998 дар ноҳияи Қубодиён гурӯҳҳои мақсадноки таълимии Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав кушода шуд. Шумораи омӯзгорон дар гурӯҳҳои таълимӣ 28-нафар буда, аз ин теъдод 22 нафарашонро занон ташкил мекунанд ва ҳамаи онҳо дорои маълумоти олии омӯзгорӣмебошанд [49, с. 46].

Асри XXI дар ҳаёти мардуми башар асри илму техника маҳсуб меёбад. Барои ба ин давра мутобиқ кунонидани мактабҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон чораҳои зарурӣ андешида шуд. Бо ин мақсад,дар ноҳияи Қубодиён сохтмони мактабҳои нав ва гимназияҳо барои хонандагони болаёқатро таъсис додаанд.

Дар ноҳияи Қубодиён 12 октябри соли 2000 бо қарори раиси ноҳия таҳти рақами 108 дар ошёнаи дуюми бинои мактаби миёнаи таҳсилоти умумии №3 гимназия таъсис ёфт. Дар он 386 нафар хонандагони синфҳои

аз 1-7 таҳсил намуда, ба онҳо 19 нафар омӯзгорони баландихтисос сабақ меомӯзонанд, ки аз онҳо 13 нафарашон дорои тахассуси дараҷаи олӣ мебошанд [135, с. 6]. Гимназия аз рӯи равияи ҷамъиятӣ – гуманитарӣ фаъолият дорад. Муаҳссилин пас аз дарсҳо ба маҳфилҳо ва корҳои эҷодӣ машғул мешаванд. Лабораторияҳои химия, физика, синфи компютерӣ дар ихтиёрашон буда, технологияи ҳозиразамон ва асосҳои техникаи компютериро меомӯзанд. Дар байни онҳо 1 нафар гирандаи стипендияи президентӣ, 1 нафар гирандаи стипендияи ноҳиявӣ ва 5 нафар гирандаи стипендияи гимназия мебошанд [135, с. 6].

Дар натиҷаи кумаку дастгириҳои ҳамарӯзаи сардори давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қисме аз омӯзгорони вилоят, ки фаъолияти педагогии худро тарк намуда буданд, дубора ба фаъолият баргаштанд. Танҳо дар соли хониши 2001-2002 зиёда аз 1030 нафар омӯзгорони вилоят, ки касби пуршарафи омӯзгориро тарк намуда буданд, дубора ба мактабҳо баргашта, фаъолияти худро оғоз намуданд [100, с. 74].

Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 55 ҳазор нафар кӯдакон ятиму бепарастор ва 25 ҳазор оилаҳо бепарастор монданд. Чунин ҳолат ба афзудани шумораи мактаб-интернатҳо дар ҷумҳурӣ боис шуд. Агар соли таҳсили 2001-2002 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 51 мактаб-интернат бо фарогирии 9623 нафар кӯдак фаъолият дошта бошад, пас шумораи онҳо ҳоло ба 73 адад ва теъдоди тарбиятгирандагон қариб ба 11 ҳазор нафар расидааст [115, с. 320].

Дар вилояти Хатлон ба таълиму тарбияи кӯдакони ятиму бепарастор маъюб ва таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Ҳоло дар вилоят 16 адад мактаб–интернатҳо фаъолият менамоянд, ки дар онҳо 2749 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст. Дар ноҳияи Қубодиён низ як мактаб-интернат амал мекунад, ки дар он 142 нафар хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст [134, с. 95]. Ҳамасола аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибкорон ва шахсони хайрхоҳи ноҳия дар рӯзҳои иду маросимҳо ба мактаб–интернат кумакҳои зиёд ирсол мегардад.

Бо мақсади татбиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми декабри соли 2002 №585 «Дар бораи пардохти кумакпулиҳо ба оилаҳои камбизоат, ки кӯдаконашон дар мактабҳои маълумоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд», қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 2-юми апрели соли 2002 № 66 ба тавсиб расид [202].

Аз шумораи 32444 нафар хонандагони мактабҳои ноҳия 6479 нафарашон барои гирифтани ёрдампулӣ ҳуқуқ пайдо карданд, ки маблағи умумии он 77748 сомониро ташкил медиҳад. Аз сабаби аз тарафи мактабҳо ва шуъбаи маориф дар муҳлати муайяншуда пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо маблағи ҷубронпулӣ пардохт карда нашуд [202].

Бо мақсади иҷроиши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2002 №502 қарори раиси вилояти Хатлон аз 5 феврали соли 2003 №47 ва иҷроиши Барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёна бо кумаку дастгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён ва дигар ташкилоту муассисаҳо мактабҳои ноҳия ба 326 адад компютер таъмин гардида, дар онҳо 42 синфхонаи компютерӣ ташкил карда шуда, 310 нафар омӯзгорон ба курсҳои омӯзишӣ ҷалб карда шуданд. Мактабҳои ноҳия инчунин ба 18 адад генератори дизелӣ таъмин карда шуданд [341].

Дар баробари пешравиҳо дар ин соҳа камбудиҳо низ ҷой доранд. Иҷроиши барномаи компютерикунонии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, асосӣ ва миёна барои солҳои 2003-2007 ҳамагӣ 55 % таъмин шудааст. Дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ сатҳи таълиму тарбия на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Давомоти хонандагон дар дарсҳо дар маҷмуъ, агар 95 %-ро ташкил диҳад, он дар баъзе мактабҳо 85 % ва ҳатто 50 %-ро ташкил медиҳад [341].

Бо қарори Ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Қубодиён аз 2-юми августи соли 2002 №190 гимназияи давлатии №2 таъсис дода шуда, аз 27 феврали соли 2003 дар идораи адлияи вилоят ба қайд гирифта шудааст. Гимназия дар назди мактаби таҳсилоти умумии №4 фаъолият дошта, таҳсил дар он бо забони тоҷикӣ ба роҳ монда шудааст. Масоҳати умумии таълимгоҳ 830

метри мураббаъ, масоҳати таълимии он 480 метр буда, ба ҳар як хонанда 4,8 метр рост меояд. Гимназия дорои 10 синфхона ва 6 синфхонаи компютерӣ буда, дар аввали соли хониш 164 нафар ба таълим фаро гирифта шуд. Дар давоми соли хониши 2003-2004 аз 164 хонанда 59 нафарашон ва ё 36%-и хонандагон гимназияро тарк карданд. Давомот, дараҷаи дониши хонандагон, назорат ба кори омӯзгорон ниҳоят ташвишовар буда, қабули хонандагону омӯзгорон хилофи низомнома сурат гирифта, хонандагон дониши хуб надоранд [135, с. 31-32].

Соли 2004 дар ноҳияи Қубодиён 1825 нафар омӯзгорон, ки 803 нафарашро занҳо ташкил медиҳанд, ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд. Аз ин шумора 696 нафарашон дорои маълумоти олӣ буда, 16 нафари дигарашон дорои маълумоти олии нопурра мебошанд [134, с. 95].

Бо кумаку дастгириҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати вилоят, Ҳукумати шаҳру ноҳияҳо дар соли таҳсили 2004 11 мактаб барои 3530 ҷои нишаст, дар ноҳияҳои Ҷилликӯл (феълан Дӯстӣ), Вахш, Шурообод (феълан Шамсиддини Шоҳин), Муминобод, Данғара, Фархор ва синфхонаҳои иловагӣ барои 2532 ҷои нишаст дар ноҳияҳои Қумсангир, Ғозималик (феълан Хуросон), Қубодиён, Вахш, Шаҳритус ва дигар ноҳияҳо сохта, ба истифода дода шуд [134, с. 29].

Мувофиқи маълумотҳои мавҷуда дар вилояти Хатлон, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ 10207 нафар ятимон ва 25304 нафарноболиғони аз тарбияи яке аз волидайнашон маҳрумгардида ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 7261 нафарашон таҳти васияту парасторӣ ва фарзандхонӣ қарор доранд. Қисми дигар ба хонаҳои кӯдакон ва мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим ва бепарастор ҷойгир шуданд. Аммо дар 15 шаҳруноҳияҳои вилояти Хатлон, аз қабили Колхозобод (феълан Ҷ. Балхӣ), Бешкент (феълан Н. Хусрав), Қубодиён ба ин мақсад умуман, маблағ ҷудо накардаанд. Шуроҳои васояту парасторӣ дар баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоят умуман, фаъолият намекунанд [275, с. 8].

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ, ки рӯзи 22 декабри соли 2005 баргузор гардида буд, дуруст қайд карданд,

ки дар муассисаҳои соҳаи маориф вазъи ногувори ҳолатҳои ҷобаҷогузории кадрҳо ба назар мерасад.

Тибқи Қонуни забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимии ғайритоҷикии ноҳияҳои Носири Хусрав, Шаҳритус, Ҷиликӯл (феълан Дӯстӣ) ва Қубодиён дар сатҳи паст қарор дорад. Таълими забони давлатӣ дар ин ноҳияҳо ба зиммаи омӯзгорони ғайриихтисосе вогузор шудааст, ки худ забони давлатиро дуруст намедонанд [276, с. 7].

Барои фаъолияти муассисаҳои таълимии ноҳия дар фасли тирамоҳу зимистони соли 2007-2008 барои хариди сӯзишворӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 27 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, 465 тонна ангишт ва 1040 метри мукааб ҳезум захира карда шуд [341].

Сатҳи умумии маълумотнокии аҳолии ноҳияи Қубодиён бинобар беҳтар шудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ солҳои охир зиёд шуда истодааст. Сатҳи маълумотнокии аҳолии ноҳияи Қубодиён дар соли 2008 чунин буд: Маълумоти олӣ ҳамагӣ 9460,аз ҷумла занон 3744, маълумоти олии нопурра ҳамагӣ 5423, аз ҷумла занон 3126, маълумоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ 15700, аз ҷумла занон 5842, маълумоти миёнаи умумӣ ҳамагӣ 40250, аз ҷумла занон 29291, маълумоти миёнаи нопурра ҳамагӣ 7677,аз ҷумла занон 3838, бемаълумот ҳамагӣ 1990, аз ҷумла занон 932 нафарро ташкил медод [51, с. 56].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ироа намудаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010-ро «Соли маориф ва фарҳангӣ техникӣ» эълон намуданд. Вобаста ба ин, дар соҳаи маориф баъзе дигаргуниҳои назаррас амалӣ шуданд. Дар ин сол шумораи маълумотнокӣ дар ноҳияи Қубодиён назар ба соли 2008 хеле баланд гардид. Дар соли 2010 маълумоти олӣ ҳамагӣ 9507, аз ҷумла занон 3802, маълумоти олии нопурра ҳамагӣ 5577, аз ҷумла занон 3346, маълумоти миёнаи касбӣ ҳамагӣ 16036, аз ҷумла занон 6414, маълумоти миёнаи умумӣ ҳамагӣ 38486, аз ҷумла занон 20782,маълумоти миёнаи нопурра ҳамагӣ 7697 аз ҷумла занон 5003, бемаълумот ҳамагӣ 1925, аз ҷумла занон 962 нафарро дар бар мегиранд [51, с. 56].

Бинобар мавҷуд набудани муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ қисми зиёди кӯдакони ноҳияи Қубодиён ба ин муассисаҳо фаро гирифта нашудаанд, ки ин ба сатҳи таълиму тарбияи насли наврас таъсири манфӣ мерасонад. Бояд қайд кард, ки то соли 1990 дар худуди ноҳия 6 адад муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мавҷуд буд, айни замон 4 адади онҳо ба сабабҳои хусусӣ гардониданашон самти фаъолияташонро тағйир додаанд [51, с. 56-57].

Ҳукумати ноҳияи Қубодиён, шуъбаи маориф ва сохторҳои дахлдорро лозим аст, ки барои дубора барқарор намудани ин муассисаҳои томактабӣ ва сохтани муассисаҳои нави замонавии томактабӣ дар ҳудуди деҳаҳо ва ҷамоатҳои ноҳия тадбирҳои зарурӣ андешанд. Зеро мавҷуд будани ин муассисаҳо метавонад, сатҳи саводнокиро дар ноҳия баланд бардорад.

Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 2 адад муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ (№1 ва №2) вуҷуд дорад. Бинобар сабаби дар замони Иттиҳоди Шуравӣ бунёд гардидани муассисаҳои таҳсилоти томактабии мазкур айни замон биноҳои онҳо ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Инчунин таҷҳизотҳои дар кӯдакистонҳо мавҷуда низ фарсуда гардидаанд. Шумораи умумии тарбиятгирандагон дар соли 2008 ҳамагӣ 197 нафар буда, аз ин ҳисоб 99 нафарашро духтарон ва 98 нафари дигарашро писарон ташкил медоданд. Дар соли 2009 бошад ин рақам ба 196 нафар расид, ки аз ин шумора 84 нафарашонро духтарон ва 112 нафари дигарашонро писарон ташкил медоданд. Дар соли 2010 ин рақам зиёд гардида, ба 221 нафар расид, ки аз ин ҳисоб 94 нафарашро духтарон ва 127 нафари дигарашро писарон ташкил медоданд [51, с. 56].

Дар натиҷаи беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Қубодиён шумораи умумии хонандагон сол аз сол афзун мегардид. Соли хониши 2008-2009 дар муассисаҳои таълимӣ 36466 нафар хонандагон таҳсил мекарданд, ки аз ин ҳисоб 18670 нафарашро писарон ва 17796 нафари дигарро духтарон ташкил медоданд. Дар соли хониши 2009-2010 нисбат ба соли хониши 2008-2009 шумораи хонандагон зиёд гардида, аз 36466 нафар ба 36872нафар

расид, ки аз ин шумора 19011 нафарашро писарон ва 17861 нафарашро духтарон ташкил медиҳанд [51, с. 56-57].

Дар соли хониши 2011 дар муассисаҳои таълимии ноҳия 1733 нафар омӯзгорон фаъолият мекарданд, ки аз он 1126 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 726 нафар дорои маълумоти олӣ, 93 нафар дорои маълумоти олии нопурра, 756 нафар дорои таҳсилоти миёнаи педагогӣ ва 158 нафарашон дорои таҳсилоти умумӣ мебошанд, ки онҳо дар омӯзишгоҳҳои ҷумҳурӣ ғоибона таҳсил карда истодаанд. Дар 64 муассисаҳои таълимӣ 36755 нафар хонандагон таълиму тарбия мегиранд, ки аз онҳо 17750 нафарашонро духтарон ташкил мекунанд [32].

Аз шумораи умумии омӯзгорони мактабҳои ноҳия 295 нафарашон соҳиби тахассуси дараҷаи олӣ, 472 нафар дорои дараҷаи якум ва 297 нафар дорои дараҷаи дуюм мебошанд [32].

Соли 2011 тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон, шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 63 ва дар соли 2012 бошад, 62 ададро ташкил медоданд. Шумораи хонандагон дар ин муассисаҳо дар соли таҳсили 2011 36,8 ҳазор нафар ва дар соли 2012 бошад, он ба 36,9 ҳазор нафар расида буд. Дар соли хониши 2013 шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 36,2ҳазор нафар ва дар соли хониши 2014 бошад, ин шумора ба 35,9 ҳазор нафар расид [49, с. 33-34].

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тули солҳои 2012-2015 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 66 нафар дохил шуданд, ки 31 нафарашон писар ва 35 нафарашон духтарон мебошанд [52, с. 40].

Ба ҳисоби миёна дар соли 2014 992 нафар, ё худ 43,2 фоизи хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳия ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа ва Душанбе барои азхуд кардани ихтисосҳои гуногуни хоҷагии халқ дохил шудаанд. Илова бар ин, дар тули солҳои 2013-2015 аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои ноҳия

105 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия) таҳсил менамоянд [52, с.40].

Масъалаи сохтмону таъмири мактабҳо ва бо таҷҳизот таъмин намудани онҳо яке аз мушкилиҳои асосии соҳа ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо барои сокинони ноҳияи Қубодиён бинои сохтмони муассисаҳои нави таълимии ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ лозим аст. Зеро қисми зиёди муассисаҳои таҳсилоти умумии амалкунандаи ноҳия дар замони Шуравӣ сохта шудааст ва аз тарафи дигар зиёд шудани аҳолӣ ва ҷудо шудани заминҳои наздиҳавлигӣ, бунёди деҳаҳои нав дар назди ин деҳаҳо сохтмони муассисаҳои таҳсилоти умумии навро тақозо менамояд.

Дар натиҷаи бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт ва баланд бардоштани соҳаи маориф дар ноҳияи Қубодиён дар соли таҳсили 2013-2014 шумораи боғчаҳои бачагона ба 5 адад расонида шуд. Шумораи тарбиятгирандагон дар ин боғчаҳо дар соли таҳсили 2013-2014 360 нафарро ташкил дода бошад, пас, дар соли таҳсили 2015-2016 ин шумора ба 413 нафар расонида шуд [48, с. 62-63].

Шумораи умумии хонандагон дар солҳои хониши 2014-2015 ба 35964 нафар баробар буда, аз ин 17424 нафар ва ё 48,4 фоизашонро духтарон ташкил медиҳанд. Таҳлили солҳои охир нишон дод, ки ҳангоми аз синфи 9 то 11 гузаштан 47 фоизи шумораи духтарон коҳиш меёбад, ки ин боиси нигаронӣ мебошад. Ҳавасманд намудани ҳамаҷонибаи онҳо ва фарогирии аксари онҳо ба курсҳои миёнамуҳлати таълимӣ, махсусан курсҳои омӯзишии компютерӣ, ҳисоби муҳосибӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки соҳа маҳсуб меёбад [52, с. 39-40].

Сабабҳои асосии коҳиш ёфтани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ, ин ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани қисме аз писарбачагон аз оилаҳои камбизоат, идома ёфтани таҳсили қисми дигари писару духтарон дар коллеҷи тиббӣ, ҳамроҳи падару модарон берун аз ҳудуди шаҳру деҳот рафтан ё ба шавҳар баромадани духтарон, касод будани буҷаи оилавӣ барои таъмини хонандагон бо сарулибосу таҷҳизоти мактабӣ ва дур будани роҳи мактаб аз маҳалли истиқомат мебошад [52, с. 41].

Соли 2015 дар ноҳияи Қубодиён барои баланд бардоштани дараҷаи фарогирии кӯдакони оилаҳои камбизоат, аслан хонандагоне, ки аз яке волидонашон маҳруманд, кӯдакони ятиммонда, яке аз волидонашон маъюбанд, волидонашон бо кор таъмин нестанд, аз оилаҳои камбизоатанд ва аз оилаҳои серфарзанданд (беш аз 5 кӯдак) ба мактаб аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба 4383 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба маблағи умумии 175320 сомонӣ ё ба ҳар як хонанда 40 сомонӣҷубронпулӣ дода шудааст [52, с. 42].

Аз 1-уми январи 2015 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳия 53 синфи компютерӣ ташкил карда шуда, дар онҳо 1078 адад компютер, 167 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 15 хонанда рост меояд. Айни замон, «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» пурра таъмин гардидааст. Барои таъмини пайвастаи синфхонаҳои компютерӣ бо неруи барқ 47 адад генератор мавҷуд аст [52, с. 43-44].

Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён дар тули фаъолияташ барои тайёр намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ фаъолияти назаррас намудааст. Соли 2015 шумораи умумии донишҷуён 507 нафарро ташкил дода, аз ин 345 нафарашон духтарон мебошад. Дар ин давра муассисаи мазкурро 89 нафар хатм намуд, ки аз ин 81 нафарашон духтарон мебошанд [52, с. 43-44].

Аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, дар соли хониши 2015-2016 ҷамъи муассисаҳои рӯзонаи таълимии умумии ноҳияи Қубодиён 62 ададро ташкил дода, аз он ҷумла асосӣ 6 адад, миёна 52 адад, гимназия 3 адад ваинтернатҳои ёрирасон 1 ададро ташкил медод. Сол то сол теъдоди хонандагон ру ба афзоиш ёфта, дар соли хониши 2015-2016 ба 36368 нафар расид. Дар соли хониши 2016-2017 бошад, аз 36368 ба 36560 нафар расид, ки нисбат ба солҳои қаблӣ қариб ду баробар зиёд мебошад [49, с. 36].

Роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён иҷрои дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат ва Ҳукумати

Ҷумҳуриро меҳвари фаъолияти худ қарор дода, барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта ва ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинони ноҳия талош меварзанд.

Айни ҳол, дар ноҳия «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Қубодиён барои солҳои 2016-2020» амал мекунад, ки татбиқи муваффақонаи он дар таъмини рӯзгори босаодат ва шукуфотар гаштани ноҳия нақши арзанда хоҳад гузошт. Дар заминаи иҷроиши бандҳои алоҳидаи барномаи мавриди назар бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54 дар деҳаи Назартеппаи Ҷамоати деҳоти Носири Хусрав ба маблағи 1240,0 ҳазор сомонӣ бо 324 ҷойи нишаст мавриди истифода қарор қарор дода шуд. Гузашта аз ин, сохтмони мактаб–парваришгоҳ дар деҳаи Ҷангали Ҷамоати деҳоти «20 солагии Истиқлол» оғоз гардида, бунёди 12 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №20, №26 ва №33 давом дошта, тибқи нақша соли 2017 ба истифода дода мешавад [277].

Дар шароити ҷумҳурии мо бо омӯзгорон таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарин, вале душвор ба ҳисоб меравад. Ҳамасола дар паёмҳои ироанамудаи худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон музди маоши кормандони соҳаи маорифро аз 25 то 40% баланд мебардорад, ки ҳамаи ин натиҷаи ғамхории Сарвари давлат нисбат ба аҳли омӯзгорон аст.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дармуассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Қубодиён соли таҳсили 2001-2002 шумораи умумии омӯзгорон 1825 нафарро ташкил медод, ки аз он 803 нафараш занҳо буданд. Пас, дар соли хониши 2015-2016 ҳаҷми умумии омӯзгорон 2010 нафарро ташкил медод, аз ин ҳисоб 1229 нафарашонро аз занҳо иборат буд. Дорои маълумоти олӣ 984 нафар, олии нопурра 162 нафар, миёнаи махсус 741 нафар, миёнаи умумӣ 123 нафар буд [49, с.39].

Набудани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ боиси аз муассисаҳои таълимӣ рафтани омӯзгорони соҳибтаҷриба мегардад, ки муддати се соли охир 340 омӯзгор корро тарк намуда, ба дигар корҳои ғайриомӯзгории даромаднок ё муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2015, 26 нафар омӯзгорони соҳибихтисос, махсусан, аз фанҳои забонҳои русӣ, англисӣ, математика, физика, технологияи информатсионӣ намерасад [52, с. 43].

Соли хониши 2015-2016 дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён 3 гимназия фаъолият мекард, ки дар онҳо хонандагони болаёқати ноҳия ба таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Дар ин гимназияҳо омӯзгорони маълумоти олидор ва ботаҷриба ҷалб карда шуда буданд. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли хониши 2015-2016 дар ин гимназияҳо1119 ва дар соли хониши 2016-2017 бошад, 724 хонандагон таҳсил мекарданд [48, с. 41]. Сабаби кам шудани хонандагон дар соли таҳсили 2016-2017 дар он аст, ки яке аз ин гимназияҳо ба талаботи қонунҳои Вазорати маориф ва илм ҷавобгӯ набуда, аз фаъолият боздошта шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазъи таълиму тарбия ва сифати тайёр кардани кадрҳоро донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва коллеҷҳо назорати доимӣ мебарад. Ҳамзамон баробари тайёр кардани кадрҳо дар донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ, инчунин дар коллеҷи омӯзгории ноҳияи Қубодиён низ мутахасисон тайёр карда мешавад. Коллеҷи омӯзгори фаъолияти худро сол то сол беҳтар ба роҳ монда, мутахасиссони дорои маълумоти баланд дошта ва ба бозори меҳнат ҷавобгӯбударо тайёр карда, истодааст. Дар коллеҷи мазкур соли таҳсили 2015 670 донишҷӯ, соли 2016 бошад 828 донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта мешуд, ки ба онҳо 24 нафар омӯзгорони соҳиби маълумоти олӣ, ки 9 нафарашро занҳо ташкил медоданд, дарс мегуфтанд [48, с. 46].

Шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми дар ноҳияи Қубодиён дар соли хониши 2016–2017 ҳамагӣ 62 адад ва шумораи хонандагон дар ин

муассисаҳо 36560 нафарро ташкил медиҳад, ки ба онҳо 2092 ҳазор нафар омӯзгорон дарс мегӯянд [48, с. 36].

4-уми августи соли 2017 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари кории худ ба ноҳияи Қубодиён дар мулоқоти худ оид ба вазъи маорифи ноҳия чунин ибрози ақида намуданд: «Дар ноҳияи Қубодиён дар 10 соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 7 бинои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 6000 нафар хонанда бунёд ва ба истифода дода шудаанд. Бо мақсади ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаи маорифи вилояти Хатлон Ҳукумати мамлакат 26-уми ноябри соли 2016 «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилоятро барои солҳои 2017-2021» тасдиқ намуд, ки тавассути он дар панҷ соли оянда дар қаламрави вилоят ба маблағи умумии 1 миллиарду 135 миллион сомонӣ 566 муассисаи таълимии нав барои зиёда аз 110 ҳазор нафар хонанда сохта, мавриди баҳрабардорӣқарор дода мешавад. Аз ҷумла, дар ноҳияи Қубодиён 23 иншооти нави соҳаи маориф барои беш аз 10 ҳазор нафар хонанда ба маблағи 51 миллион сомонӣ бунёд мегардад» [295].

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар вилояти Хатлон дар соли хониши 2019-2020 44,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Қубодиён бошад, шумораи омӯзгорон 2,1 ҳазор нафарро ташкил дод. Пас, дар ноҳияи Дӯстӣ ин рақам 1,5 ҳазор ва Ҷайҳун бошад 1,7 ҳазор нафар омӯзгоронро ташкил медод. Аз рӯи рақамҳо маълум мешавад, ки шумораи омӯзгорони ноҳияи Қубодиён нисбат ба ноҳияҳои Дӯстӣ ва Ҷайҳун хеле зиёд мебошанд [47, с. 83].

Соли 2020 4 ҳазору 229 нафар хонандагон бори аввал ба остонаи мактаб қадам гузошта, нахустин соли хонишро оғоз мекунанд, ки 940 нафари онҳо аз марказҳои инкишофи кӯдаки назди муассисаҳои таълимӣ ва 85 нафар боғчаҳои бачагона мебошанд. Бо назардошти афзоиши солонаи теъдоди қабул ба синфи якум дар соли 2020 бунёди синфхонаҳои

иловагӣ, мизу курсӣ ва дигар лавозимоти хонишро тақозо мекунад. Барои таъминоти ин талабот сохтмони 31 синфхонаи иловагӣ бо ғунҷоиши 775 ҷои нишаст сохта ба истифода дода мешавад [297].

Ҳамин, тавр аз рӯи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардид, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Қубодиён дар соли 1992 52 ададро ташкил дода, ки дар ин муассисаҳо 20,9 ҳазор нафар ба таҳсил фаро гирифта шуда бошад, пас дар соли хониши 2019-2020 дар ноҳия шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 61 адад буда шумораи хонандагон ба 39,6 ҳазор нафар мерасид, ки ин гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҳолати мактабҳои ноҳия назар ба солҳои хониши 1991-1992 хеле беҳтар гардидааст

Ноҳияи Қубодиён дорои таърих ва тамаддуни кухан мебошад. То ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар ноҳия муассисаҳои фарҳангӣ пурра фаъолият менамуданд. Дар ноҳия 36 кинотеатр мавҷуд буд, ки 10-тои он тобистона, 26 ададиi дигараш мавсимӣ буда, илова бар ин 5 дастгоҳи сайёри кинонамоишдиҳӣ ба аҳолӣ хизмат менамуданд. Ин чунин, 4 маркази фарҳангӣ амал мекард. Ин марказҳо дар шаҳраки Носири Хусрав, дар деҳаҳои Микоянобод, Ҳаёт ва Гулистон ҷойгир буданд. Ҳафт нуқтаи фарҳангӣ-равшаннамоӣ, 172 бригадаи таблиғотӣ, 144 клуби шавқовар дар хизмати мардуми ноҳия қарор гирифта буданд [57, с. 55].

Аз рӯи маълумоти бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар, дар ноҳияи Қубодиён 4 маркази фарҳангӣ-маърифатӣ амал мекунад, ки дар ҳайати онҳо 22 китобхонаҳои оммавӣ дохил шуда, махзани китобҳо 113587 нусхаро ташкил медиҳад, ки аз он 8 ҳазору 986 нафар хонанда истифода мебаранд. Соли 1994 дар китобхонаҳо зиёда аз 250 чорабиниҳои гуногун, ба монанди конференсияи хонандагон, намоишҳои китоб, вохӯрӣ, шабҳои адабӣ ва суҳбатҳо баргузор гардиданд. Дар ноҳия 1 мактаби ҳунарӣ мавҷуд аст, ки он дорои се филиал мебошад. Дар мактаби мусиқӣ зиёда аз 135 нафар хонанда ҳунар меомӯзанд [16, в. 60].

Ноҳия дорои як осорхона мебошад, ки он дар соли 1994 зиёда аз 165 ҳазор экспонат дорад. Ин экспонатҳо гуногунанд, аз ҷумла кулолгарӣ,

оҳангарӣ, заргарӣ, дуредгарӣ, дӯзандагӣ, рассомӣ, бостоншиносӣ ва ғайра мавҷуд аст. Дар соли 1994 аз аввали сол то имрӯз зиёда аз 270 чорабиниҳо гузаронида шуд. Бояд хотиррасон намоем, ки раисони Шурои қишлоқҳо ва ҳоҷагиҳо ба фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ кумак намерасонанд ва биноҳо дар ҳолати фарсудагӣқарор доранд [16, в. 58].

Соли 1994 кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия 98 консерт доир намуда буданд, ки ба маърази тамошои зиёда аз 20 ҳазор нафар тамошобинон пешниҳод гардиданд. Дар баробари он, 154 маъруза, 105 чорабинии фарҳангиву варзишӣ ва 89 маъракаи оммавӣ-сиёсӣ баргузор намуданд. Умуман, кормандони бахши фарҳанги ноҳия дар соли 1994 1221 чорабинӣ баргузор намуданд, ки 9621 нафар дар онҳо ширкат варзиданд [57, с. 55].

Соли 1995 дар ноҳияи Қубодиён 4 маркази маърифатӣ амал карда, дар ҳайати онҳо 22 китобхонаҳои оммавӣ фаъолият менамуданд. Махзани китобхонаҳо 116, 677 нусхаро ташкил медиҳад ва дар он зиёда аз 332 чорабинии оммавӣ гузаронида шудааст [25, в. 116].

Дар соли 1995 экспонатҳои осорхонаи ноҳия базиёда аз 200 ҳазор адад расонида шуд, ки назар ба соли 1994 хеле зиёд мебошад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҳудуди ноҳия дар натиҷаи кофтукови бостоншиносон ва аз аҳолӣ ҷамъовари намудани экпонатҳо махзани осорхона хеле зиёд гардидааст [25, в. 116].

Баҳри эҳё сохтани анъанаҳои миллию аҷдодӣ, баланд бардоштани маданияту фарҳанг, тарбияи фарҳангии мардум кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия ба пешравиҳои назаррас ноил гаштанд. Дар 18 китобхонаҳои ноҳия дар соли 2011 шумораи нусхаи китобҳо 73557 нусхаро ташкил менамояд ва то инҷониб аз аҳолӣ 350 адад китобҳои бадеӣ ба китобхона ҷамъоварӣ карда шудааст [32].

Бо мақсади баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони соҳа дар давоми солҳои 2010-2014 беш аз 10 нафар аз тарафи бахши фарҳанги ноҳия ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон барои такмили ихтисос фиристода шудаанд [52, с. 59].

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар соли 2014 дар ноҳия 18 китобхонаи шаҳриву деҳотӣ, 1 китобхонаи бачагона мавҷуд буда, фонди умумии китобҳо 46747 нусхаро доро мебошад. 4 маркази фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 мактаби санъати бачагона ва осорхонаи таърихию кишваршиносӣ фаъолият доранд [48, с. 76-77].

Дар соли 2010-ум қисме аз муассисаҳои фарҳангии ноҳия бо дастгирии молиявии ҳукумати ноҳия ва вилоят аз таъмир баровардa шуда, 2 адад бинои китобхонаи нав сохта ба истифода дода шудаанд. Дар ин давра китобхонаҳои ноҳия бо 4713 адад адабиётҳои тозанашр таъмин карда шудааст, ки дар натиҷа, хазинаи китоби онҳо 76 ҳазор нусхаро ташкил дод [51, с. 64].

Дар ноҳия рӯзномаи ноҳиявии «Шараф» дар ҳаҷми 4 саҳифа ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ чоп мешавад. Идораи рӯзнома фаъолияти худро дар асоси қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ ба роҳ монда, дар баланд бардоштани маданияту маърифати аҳолӣ, сари вақт дастраси мардум гардонидани хабару мақолаҳои ҷолиб нақши муҳим мебозад. Соли 2010-ум 12 шумораи рӯзнома бо теъдоди 500 нусхагӣ чоп ва дастраси муштариён гардонида шуд. Идораи нашрияи ноҳиявӣ бо утоқҳои корӣ ва компютер таъмин мебошад, аммо дастгоҳҳои чопкунии он куҳнаю фарсуда ва ба ивазкунӣ ниёз доранд [51, с. 64].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ба рушди соҳаи маориф диққати аввалиндараҷа дода, маблағҳои зиёдеро барои беҳбудии ин соҳа ҷудо менамояд. Солҳои охир таъмини мактабиён бо китобу дастурҳои таълимӣ беҳтар гардид. Солҳои 2015-2016 шумораи китобхонаҳо дар ноҳияи Қубодиён аз рӯи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 18 ададро ташкил медод, ки аз ин шумора як ададаш китобхонаи бачагона мебошад. Фонди умумии китобхонаҳо дар соли 2015 45823 дона ва дар соли 2016 бошад, 45247 нусхаро доро мебошанд [49, с. 55].

Бо вуҷуди кӯшишҳои зиёди мақомоти маҳаллӣ дар бахши фарҳангу фароғат мушкилоти зиёде дар самти норасогии кадрҳо, мизу курсиҳо, рафҳои китобмонӣ, воситаҳои техникии компютерӣ, асбобҳои мусиқӣ ва миллӣ, норасогии адабиётҳои бадеии адибони муосири тоҷик ва набудани студияи сабти овоз дар назди шуъбаи фарҳанг ба назар мерасад.

Барои беҳтар намудани намоишномаҳои фарҳангӣ дар саҳнаҳои театрӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ дар 6 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Норак, Ёвон, Хуросон ва Қубодиён ба маблағи беш аз 760798 сомонӣ сарулибоси саҳнавӣ ва таҷҳизот харидорӣ карда шуд [266].

Аз осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён дар давоми соли 2019 зиёда аз даҳ ҳазор тамошобинон дидан намуда, аз таъриху фарҳанги пурғановати миллати қадимаю соҳибтамаддуни тоҷик бархурдор гардиданд, ки 11 нафари онҳо хориҷиён аз ҷумла 5 нафар аз Ҷумҳурии Узбекистон, 2 нафар аз Олмон, 2 нафар аз Ҷопон, 1 нафар аз Ҷумҳурии Исломии Покистон ва 1 нафар аз Англия буданд. Қайд намудан ба маврид аст,ки дар соли 2019 11 адад нигораҳо аз тарафи аҳолии ноҳия барои ғанӣ гардонидани фонди осорхона ройгон тақдим гардидааст [318].

Ҳамин тариқ, дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, бо вуҷуди камбудию норасогиҳо муассисаҳои фарҳангӣ дар баланд бардоштани маданияту маърифати аҳолӣ саҳмгузоштанд. Рӯзнома ва маҷаллаҳо дар сариваќт дастраси мардум гардонидани хабару мақолаҳои ҷолиб нақши муҳим мебозиданд. Аз солҳои 2000-ум оғоз карда, аҳли санъат дар фестивал – озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ширкат намуда, нуфузи ноҳияро баланд мебардоранд. Баҳри эҳё сохтани анъанаҳои миллию аҷдодӣ, баланд бардоштани маданияту фарҳанг, тарбияи фарҳангии мардум кормандони шуъбаи фарҳанги ноҳия ба пешравиҳои назаррас ноил гаштанд. Тадриҷан соҳаҳои фарҳангии ноҳия масъалаи таъмини кадрҳоро ҳал менамояд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар рафти таҳқиқот, таҳлили сарчашма ва адабиёт маълум гардид, ки дар асри XX – аввали асри XXI Қубодиён се давраи гуногунро, давраи бекигариро дар таркиби Бухорои Шарқӣ аз сар гузаронида, дар замони Шуравӣ ва даврони Истиқлолият ҳамчун ноҳияи маъмурӣ амал мекард.

Дар бекигарии Қубодиён ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳолӣ дар ибтидои асри XX нисбат ба солҳои 60-уми асри XIX то як андоза беҳтар гардида буд. Яке аз сабабҳои беҳтар гардидани иқтисодиёт, рушди тиҷорат, савдо ҷойгиршавии нуқтаи гумрукии Айвоҷи Қубодиён дар сарҳади аморати Бухорову Афғонистон буд, ки тиҷорат хеле инкишоф ёфт. Алоқаҳои нави иқтисодӣ ва тиҷорат бо Россия, Афғонистон ва Ҳиндустон имкон дод, ки дар бекигариҳои Бухорои Шарқӣ маҳсулотҳои кишоварзӣ ва ҳунармандиро содирот карда тавонанд. Аммо ба ин нигоҳ накарда, ин имконоти савдою муомилот бо Афғонистон ба воситаи гумрукии Айвоҷ муътадил набуд, зеро сатҳи он гоҳ баланд ва гоҳ паст мефаромад. Дар савдои дохилии Қубодиён бо бекигариҳои дигар дарёи Вахш нақши калон мебозид [1 – М].

Дар охири асри XIX – аввали асри XX дар бекигарӣ ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ муътадил набуд. Дар ин давра бекҳои Қубодиён – Абдусатторбек, Акрамбек, Шарифбек, Шодмонбек, Давронбек, Мирзо Маҳдихоҷа, Абдуҳалимбек, Мулло Исо мунтазам алайҳи мардумони норозӣ мубориза мебурданд. Аз сабаби тазоҳурот амири Бухоро ҳокимонро тез-тез иваз мекард. Дар давоми панҷ сол (солҳои 1903-1908 милодӣ) дар Қубодиён се бек иваз карда шуд. Соли 1913 дар давраи ҳокимии Давронбек аз сабаби зулму ситами амалдорон муҳоҷирати оммавии аҳолии Қубодиён ба Афғонистон сурат мегирад. Азбаски дар бекигарии Қубодиён дар ибтидои қарни XX замин моликияти шахсии сарватмандон буд, деҳқонон ба онҳо итоат мекарданд. Заминҳои хусусӣ дар Қубодиён мисли заминҳои вақфӣ ниҳоят кам буданд. Барои аҳолии деҳот заминҳои калони чарогоҳ ҷудо карда шуда буданд, ки онҳоро асосан чорводорони калон-бойҳо истифода мекарданд. Аз

безаминӣ аксари мардум ночор дар заминҳо кор мекарданд, ки ҳамеша аз тарафи бойҳо қарздор нигоҳ дошта мешуданд. Дар натиҷаи супурда натавонистани андозҳои вазнин деҳқонони мазлум хонабардӯш гашта, маҷбур мешуданд ба Афғонистон ҳиҷрат кунанд, ҳарчанд ки дар он ҷо низ камбағалию нодорӣ онҳоро ҳамсафар буд.

Фарҳангу маданияти Қубодиён дар давраи бекигарӣ дар шароити хоси маҳаллӣ рушд меёфт. Дар ин ҷо яке аз навъҳои санъат эҷодиёти шифоҳии халқ дар шакли ҳикояву суруд ва ривоятҳо ривоҷ ёфта буд. Аҳолиро ҳофизони оворагард ва баъзан дастаҳои лӯхтакбози ҳаваскор аз Бухоро ва дигар шаҳрҳо хушнуд мекарданд. Мусиқӣ дар байни мардум маҳбубияти хос дошт. Мутрибон оҳангҳои гуногунро бо созҳои содаи мусиқӣ иҷро мекарданд. Бек ва аъёну ашроф, сарватмандону амалдорон бо мақсади шуҳрати худро афзудан ба санъаткорон туҳфаҳо дода, онҳоро бо ҷойи хобу хӯрок таъмин менамуданд. Бо вуҷуди ин, намояндагони ҳунару санъат дар сатҳи ниҳоят пасти ҷомеа қарор доштанд. Онҳоро мардуми одию заҳматкаш иззату эҳтиром мекарду бас.

Дар Қубодиён варзиши миллию анъанавӣ, аз қабили гӯштингирӣ, бузкашӣ, асптозӣ (пойга) ба масофаи муайян ривоҷ дошт. Санъати мардумии аҳолии Қубодиён бо санъати дигар сокинони минтақаҳои Мовароуннаҳр шабеҳ буд. Дар ин ҷо чанд шакли истироҳату дилхушӣ вуҷуд дошт. Дар рӯзҳои идҳои Қурбону Рамазон, Наврӯз ва дигар маъракаҳои тӯю сур ҳофизону масхарабозон, раққосону мутрибон хотири мардумро шод мегардониданд.

Ҳаёти сокинони Қубодиён танҳо баъд аз инқилоби Бухоро (соли 1920) беҳтар гардид. Дар баробари пойдорсозии Ҳокимияти Шуравӣ чорабиниҳои сиёсию иқтисодӣ низ дар амал татбиқ карда мешуданд. Бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти сохтори давлатӣ 9 марти соли 1921 Кумитаи инқилобии Қубодиён таъсис дода шуд, Дар солҳои аввали барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ дар Қубодиён мубориза бар зидди ҳаракати босмачиён оғоз гардид. Аз сабаби он ки дастаҳои босмачиҳо дар алоҳидагӣ амал мекарданд, дар Қубодиён он қадар пурқувват набуд. Амалиёти ҷудогонаи онҳо

бемуваффақият анҷом меёфтанд. Аз сабаби маҳдудияти сиёсию шуури қабилавӣ онҳо намехостанд ва наметавонистанд эътилоф (коалитсия)-и пурқувватеро ташкил намоянд. Аз тарафи дигар, аҳолии маҳаллӣ онҳоро дастгирӣ намекард. Дар солҳои 20 ва ибтидои 30-юми қарни XX бар зидди босмачиён дар Қубодиён Эшмат Тошматов, Эшмурод Ниёзов, Раҷабалӣ Ҷалилов, Ӯтақара Назаров ва дигарон фаъолона амал мекарданд [8–М, 9–М].

Ибтидои солҳои 30-юми қарни бисти милодӣ дар ҳаёти сиёсии мардуми ноҳия дигаргуниҳои куллӣ рӯй медиҳанд. Ноҳияи Қубодиёну Шаҳритус ба ду қисм ҷудо карда шуда, ноҳияҳои Шаҳритус ва Микоянобод (Қубодиёни имрӯза) таъсис дода мешаванд. Дар солҳои то Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Қубодиён дар баробари дигаргунсозиҳои сиёсию иқтисодӣ дар ҳаёти фарҳангӣ низ навигариҳо ба амал меоянд. Курсҳои маҳви бесаводӣ мунтазам амал карда, мактабҳои нави замонавӣ ташкил карда мешаванд. Сол ба сол мактабҳо ва таълимгоҳҳо бо муаллимони маълумотнок таъмин мегаштанд [5–М].

Дар солҳои 30-40-уми асри XX Қубодиён мисли дигар манотиқи Тоҷикистон дар зери барномаҳои давлатӣ рушд ёфта, ба яке аз марказҳои асосии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзию саноатӣ дар ҷануби Тоҷикистон табдил ёфта буд. Дар ноҳия сохтмони колхозӣ, саноату нақлиёт ва рушди фарҳанг таъмин гардид. Ғалабаи сохтмони колхозӣ дар Қубодиён ба он оварда расонд, ки истеҳсоли маҳсулот ба тадриҷ зиёд гардид. Дар ин давра дар ноҳия саноати сабук рушд ёфта, заводи пахтатозакунӣ сохта шуд. Дар солҳои ҶБВ дар майдони ҷанг ва дар ақибгоҳ қубодиёниҳо ҷонбозиҳо ва фидокориҳои беназир нишон медоданд. Дар ҷангҳои хунини назди Днепр собиқ механизатори ноҳия В.И.Бояркин қаҳрамонии бемисл нишон дода, барои гузаштан аз рӯди Днепр ба унвони «Қаҳрамони Иттифоқи Шуравӣ» сазовор гардид. Аз оилаи Бобогуловҳо аз колхози «Меҳнат-роҳат» се нафар сазовори унвони “Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ” гардиданд [3–М, 4–М].

Қубодиён дар солҳои баъдиҷангӣ то соли 90-уми асри XX ба қуллаҳои баланди тараққӣ расид. Дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия дигаргунсозиҳо ба амал омада, меҳнаткашони Қубодиён ба пешрафти бемисл

ноил гардиданд. Дар ноҳия колхозҳои «миллионер», даҳҳо сех, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, заводи пахтатозакунӣ пешрафти иқтисодиётро таъмин намуда, барои сифатан баланд гардидани ҳаёти маданӣ-маишии мардум, рушди маориф, фарҳанг, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ-фарҳангӣ имконот фароҳам оварданд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар баробари дигар навоҳии ҷумҳурӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва фарҳангии Қубодиён низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) Қубодиён ба яке аз марказҳои задухӯрди ҳарбӣ табдил ёфта буд. Мардуми ноҳия дар ин ҷанг талафоти зиёди ҷонӣ, моддӣ ва маънавӣ диданд. Ноҳия фарзандони зиёди шуҷои худро бахри ҳифзи сохти конститутсионӣ аз даст дод. Ҷавонмардони ноҳия дар сафи «Фронти халқӣ» барои ҳимояи Ватани худ қаҳрамонона мубориза бурда, дар таъмини сулҳ ва осоиштагӣ саҳми босазо гузоштанд. Дар ин давраҳои ниҳоят мудҳиш меҳнаткашони ноҳия, кишоварзон, боғпарварон, чорводорон ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳимми ноҳия фаъолият менамуданд.

Дар ноҳия корхонаҳои кишоварзӣ – колхозу совхозҳо таҷдид гардида, ба ҷои онҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсис дода шуд. Аз соли 2000-ум иқтисодиёти ноҳия барқарор карда шуда, дар соҳаи кишоварзӣ давраи рушд оғоз гардид. Дар ин давра дар ноҳия як беморхонаи замонавӣ, зиёда аз 10 бунгоҳи тиббӣ сохта ба истифода дода шуд. Дар соҳаи маориф низ дигаргуниҳо ба амал омаданд. Мактабҳои нави замонӣ сохта шуда, биноҳои аз ҷанги шаҳрвандӣ хароб гардида таъмир карда шуданд [10–М, 11–М].

Дар асоси шакли нави таълим литсей, гимназия ва мактабҳои хусусӣ фаъолияти худро оғоз намуданд. Дар муддати кӯтоҳи баъдиҷангӣ муассисаҳои фарҳангӣ ба фаъолият шуруъ намуданд. Яке аз дастовардҳои ноҳия дар соҳаи варзиш назаррас мебошад. Тими футболбозони ноҳия соли 1996 қаҳрамони лигаи якуми чемпионати Тоҷикистон гардида, барои лигаи олӣ роҳхат гирифт. Хулоса, Қубодиёни муосир дар тамоми самтҳои

хоҷагии халқи ҷумҳурӣ саҳмгузор буда, дар ноҳия хаёти маданӣ-маишии ҳамарӯзаи мардум куллан тағйир ёфтааст [6–М].

Ҳамин тариқ, тавре таҳқиқот нишон медиҳад, Қубодиён дар муддати кӯтоҳи таърихӣ се давра, се тамаддунро аз сар гузаронида, дар таркиби Бухорои Шарқӣ аз минтақаи ниҳоят қафомонда, дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлолият ба диёри ободтарини ҷумҳурӣ ва яке аз ноҳияҳои пешрафта табдил ёфтааст.

## 2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Диссертант дар натиҷаи ҳалли масъалаҳои дар рисола баррасишуда чунин тавсияҳоро роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳо пешниҳод менамояд:

1. Маводи диссертатсияро метавон дар рафти таълифи асарҳо роҷеъ ба таърихи Тоҷикистон, маводи таълимӣ, таҳия ва барномаҳои рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дод;

2. Таҷрибаи таърихии меҳнаткашони ноҳияро соҳаҳои муҳимми кишоварзӣ чун: пахтакорӣ, истеҳсоли ғалладона, чорводорӣ, занбӯри асалпарварӣ, парандапарварӣ, кирмакпарварӣ ва ғайра метавон истифода кард;

3. Дар давраи Истиқлолият бо ташаббуси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноҳияи Қубодиён ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамин тариқ, баҳри боз ҳам баланд бардоштани некуаҳволии сокинони ноҳия бо назардошти имкониятҳои мавҷуда, корхонаҳои саноатӣ дар ноҳия сохта мавриди ифтитоҳ қарор дода шавад;

4. Дар ноҳияи Қубодиён ёдгориҳои зиёди таърихӣ, аз қабили Тахти Сангин, Қалъаи Мир, Тахти Қубод қарор доранд, бинобар ин баҳри вусъати соҳаи сайёҳӣ ва ҷалби сайёҳони дохилию хориҷӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд.

# НОМГӮЙИ АДАБИЁТ

## Маводи бойгонӣ:

### Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:


1. Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд БМДҶТ). – Ф. 18. – Р. 2. – Д. 402. – В. 40.

2. БМДҶТ. – Ф. 360. – Р. 02. – Д. 609. – В. 3.

3. Донесение о ходе ремонта школ, завозе топлива и приобретении учебного оборудования к 1940–1941 учебному году // БМДҶТ. – Ф. 360. – Р. 11. – Д. 81. – В. 21.

4. Посевные площади по Тадж. ССР за 1929 год // БМДҶТ. – Ф. 20. – Р. 2. – Д. 1397. – В. 54.

5. Переселение за первую пятилетку (1928–1932) // БМДҶТ. – Ф. 20. – Р. 2. – Д. 397. – В. 86.

6. Постановления СНК Тадж. ССР о едином сельхозналоге, о введении сбора на хоз. и культстроительство и др. Протоколы заседаний Сред. Аз. Бюро ВЦСПС, СНК и ЦИК Тадж. ССР // БМДҶТ. – Ф. 151. – Р.1. – Д. 9. – В. 141-142.

7. Постановление Центрпосевкома Тадж. ССР. Об урожайности хлопка-сырца. Нормы выработки сельхозяйственных работ за 10 дней. Заготовительные цены на сельхозпродукты по колхозному сектору Тадж. ССР и др. // БМДҶТ. – Ф. 44. – Р. 1. – Р. 3. – В. 29.

8. Справка по учету и оприходованию скота переселившихся колхозов из Гармской области в Октябрьский, Микоянабадский и Кировабадский районы Сталинабадской области // БМДҶТ. – Ф. 288. – Р. 5. – Д. 1843. – В. 41.

9. Сведения о приёме учащихся в школы всеобуча по Сталинабадской области от 28 сентября 1949 г. // БМДҶТ. – Ф. 360. – Р. 011. – Д. 288. – В. 128.

10. Схема текстового отчета за 1-ую четверть 1949-1950 учебного года по школам всеобуча // БМДҶТ. – Ф. 360. – Р.11. – Д. 288. – В. 116.

11. Слушали – постановили // БМДҶТ. – Ф. 18. – Р. 8. – Д. 223. – В. 171-172.

12. Об образовании Кабодиёнского района в составе Курган- – Тюбинской области Таджикской ССР // БМДҶТ. – Ф. 297. – Р. 34. – Д. 120. – В. 159.

13. Ҳисоботи солона барои соли 1953 // БМДҶТ. – Ф. 288. – Р. 5. – Д. 1568. – В. 27.

14. Ҳисоботи солона – барои соли 1955 // БМДҶТ. – Ф. 288. – Р. 5. Д. 1735. – В. 20-21.

15. Ҳисоботи мактаб дар бораи шумораи талабагоне, ки дар нимсолаи 1-уми соли таҳсили 1955-1956 ба мактаб дохил шудаанд ва аз мактаб баромадаанд // БМДҶТ. – Ф. 360. – Р. 11. – Д. 706. – В. 106.

**Бойгонии марказии давлатии вилояти Хатлон**

16. Дар бораи рафти кори яксолаи шуъбаи фарҳанги комиҷроия ва роҳҳои беҳтар кардани таъминоту фаъолияти онҳо дар байни меҳнаткашон дар соли 1995 // Бойгонии маркази давлатии вилояти Хатлон (минбаъд БМДВХ). – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 145. – В. 58.

17. Маълумотнома дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои тараққиёти иқтисоди иҷтимоии ноҳия дар соли 1995 ва натиҷаҳои дар пеш истодаи ҳукумати ноҳия дар соли 1996 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 156. – В. 21.

18. Қарори шурои депутатҳои халқии ноҳияи Қубодиён аз 27 марти соли 1992, № 36-1 «Дар бораи иҷрои буҷети ноҳияи Қубодиён дар соли 1990» // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 301. – В. 37.

19. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён «Оиди тайёрии техникаи хоҷагии қишлоқ ба киштукори баҳории соли 1996» 29 феврали соли 1996 № 41 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 156. – В. 102.

20. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён дар бораи муваққатан аз ҳисоб баровардани заминҳои киштшаванда // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 156. – В. 61.

21. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён «Супориш оиди ба таври илова кишт намудани пахта ва ҷуворимаккаи кишти такрорӣ барои дон дар

хоҷагиҳои ноҳия барои соли 1996» // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 158. – В. 114.

22. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён оиди ҳаҷми фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён дар соли 1996 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 158. – В. 346.

23. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 10 феврали соли 1997 № 31 дар бораи чораҳои вобаста намудани замин барои кишти зироатҳои хӯроки чорво ва техники. // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 162. – В. 149.

24. Қарор «Дар бораи ҳисоботи сардори идораи маорифи ҳукумати ноҳия дар бораи иҷроиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 24 апрели соли 1996 № 100 // БМДВХ. –- Ф. 441. – Р. 1. – Д. 15. – В. 188.

25. Қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 4 апрели соли 1995 № 83 дар бораи кори яксолаи мудири шуъбаи фарҳанги ноҳияи Қубодиён дар назди ҳукумати ноҳия ва роҳҳои беҳтар кардани таъминоту фаъолияти онҳо дар байни меҳнаткашон дар соли 1996 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 158. – В. 116.

26. Оиди истеҳсоли ғалла дар хоҷагиҳои ноҳияи Қабодиён дар солҳои 1996-1998 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 158. – В. 348.

27. Протоколи сессияи нуҳуми шурои депутатҳои халқи ноҳияи Қубодиён аз 27 марти соли 1992, № 9 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 301. – В. 5.

28. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён аз 10 феврали соли 1997, № 28 дар бораи шумораи дарахтони тут дар ноҳияи Қубодиён аз соли 1994 то соли 1996 // БМДВХ. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 162. – В. 142.

29. Ҳисоботи сардори идораи маорифи ҳукумати ноҳия дар бораи иҷроиши қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф // Бойгонии маркази давлатии вилояти Хатлон. – Ф. 441. – Р. 1. – Д. 158. – В. 191.

**Бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён**

30. Ахборот оид ба рафти иҷрои қарори раиси вилояти Хатлон аз 6 феврали соли 2014, № 22 // Бахши бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён.

31. Гузориш оид ба иҷроиши супориши раиси вилояти Хатлон аз 7 май соли 2015. // ББМИҲНҚ.

32. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар соли 2011 // Бахши бойгонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти ноҳияи Қубодиён.

33. Ҳисоботи раиси ноҳияи Қубодиён оид ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар соли 2012. // ББМИҲНҚ.

**Манбаъҳо:**

34. Грулёв, А. Соперничество России и Англии в Средней Азии [Текст] / А. Гурулёв. – СПБ, 1909.

35. Костенко, Л.Ф. Туркестанский край. Опыт военно-стастического обозрения Туркестанского военного округа [Текст] / Л.Ф. Костенко. - Материалы для географи и статистики России, том 3. – СПб., 1888. –303 с.

36. Логофет, Д.Н. Бухарское ханство под русским протекторатом Т. 1 [Текст] / Д.Н. Логофет. – СПБ, 1911. – 239 с.

37. Лилиенталь, А.А. Гиссарское и Кабадианское бекства, 1889 г. [Текст] / А.А. Лилиенталь // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. Вып. 57. – СПБ, 1894. – С. 285-322.

38. Маев, Н.А. Очерки Гиссарского края – материалы для статистики Туркестанского края [Текст] / Н.А. Маев // Ежегодник издания Туркестанского статистического комитета. Вып. 5 / под ред. А.И. Маева. – СПБ, 1879.

39. Нечаев, А.В. По горной Бухаре. Путевые очерки [Текст] / А.В. Нечаев. – СПб., 1914. – 107 с.

40. Покатило Н.Н.Отчёт о поездке в пределы Центральной и Восточной Бухары в 1886 г. / Н.Н. Покатилло – Ташкент, 1888. – 113 с.

41. Рожевиц, Р.Ю. Поездка в южную и среднюю Бухару в 1906 г. [Текст] / Р.Ю. Рожевиц // Изв. РГО. Т. 14. – СПб., 1908. Вып 6.– 599 с.

